Сайёд Ғаффор

# ДАРАХТИ ВАТАН

Душанбе
«Адиб»

2010

ББК 84 Тоҷик 7-5
Ғ-49

Муҳаррир *Зиё Абдулло*

Ғ-49 **Ғаффор Сайёд. Дарахти Ватан** (маҷмӯаи ашъор).
– Душанбе, «Адиб», 2010, 192 саҳ.

Сайёди Ғаффор шоирест бо сабки худ. Нигоҳи шоиронаи нармаш мехоҳад ба ҳар чӣ бингарад, шеъре бардорад. Равонӣ ва бардошти забони халқ, бозидоронии сухан ва додани маънии нав дар ин бозиро чун ҳунари шоирӣ дарёфтааст ва гӯшнавозу дилнавоз пешорӯи хонанда гузоштани ташбеҳу истиораҳои тозаро фарзи шоир донистааст.

Аз дари фаросати ҷомеагӣ рӯзҳои нохушу талхи бародаркуширо ба таронаҳои доғи халқӣ табдил додааст.

ISBN 978-99947-64-94-5

© Сайёди Ғаффор, 2010

# ДАРАХТИ ВАТАН

## Косаи хун

Дили ман косаи хун буду шикаст,
Кас надонист, ки чун буду шикаст.

## Барф бар сар дар сари хок

Барфро бишкаста рафтам ин пагоҳӣ,
Дасту по бишкаста рафтам ин пагоҳӣ.
Вой, рафтам ин пагоҳӣ дилшикаста,
Дар сафедӣ, дар сиёҳӣ дилшикаста.

Дар сафедӣ чашми ман мезад сиёҳӣ,
Мисли шабҳои Ватан мезад сиёҳӣ.
Дар сафедӣ бо сиёҳӣ менавиштам,
Аз ғаму дарди илоҳӣ менавиштам.

То мазори модарам худро кашидам,
То канори додарам худро кашидам.
Во, кашидам то баландӣ мурдаамро,
Эй Худо, донӣ ту заҳри хӯрдаамро.

Сӯхтам, дар барф дасту по такидам,
Дар сару рӯ барфи дунёро шакидам.
Сӯзиши дил, сӯзиши ҷонам нашуд паст,
Сӯзиши чашмони гирёнам нашуд паст...

Дил кашид, оҳ, аз ғами модар алуҷок,
Оҳ, теғи нолаам зад бар гулӯ чок.
Мисли додар барфитодам дар бари хок,
Барф мезад бар сари ман дар сари хок.

## Падар

Дина ҳар сӯ беасо мерафт,
Чун суханҳояш расо мерафт, –
Гар ба ман аз гуфтааш чанде
Гоҳ-гоҳе дар ҳаво мерафт.

Мӯсафеди сарбаланди нағз,
Дасту бозуяш тавоно буд.
Кору бори нозанине дошт,
Мактаби нохонда доно буд.

Дар ҷаҳони худ чиҳое дошт
Мӯсафеди тоқи рустоӣ?
Тешаву номӯсу нанге дошт,
Солҳо мекард устоӣ.

Пир шуд, пир аз ғами бисёр,
Ҷанг бар ёдаш намеомад.
Сар ба хоки модарам мезад,
Оҳ, фарёдаш намеомад.

Хуш садои тешаи пои-ш
Мерасид аз хонаи мардум.
Чанд бори зиндагониро
Мегирифт аз шонаи мардум.

Чӯбҳоро ӯ забон медод,
Мешуданд аз нав дарахте сабз.
Гул ҳамебаст орзуҳоро,
Чанд кас медид бахте сабз.

Ҳай ғами бесарпаноҳиро
Кӯча-кӯча аз миён бардошт,
Бар касе гаҳвора мебахшид,
Аз дуо гулҳои пар-пар дошт.

Ҳай дареғи тешаи хубаш –
Ҳамзабони тахтаву чӯбаш,
Ин замон дар гӯшаи тоқ аст,
Ҳар гулаш мисли ғазал гӯё
Дар сарои аҳли қишлоқ аст.

Тешааш чун мурғи бебол аст,
Бо худаш гӯё ки ҳамсол аст.
Бар сараш дасти навозишро
Мебарад, худ гарчи беҳол аст.

Мекунад аз ғам ғазалхонӣ,
Дар деҳи мо як ғазалхон ӯст,
Ҳо, ғазалхони-ш ҳам хушрӯст.
Оби чашмаш мечакад чак-чак,
Боз ҳам бо ин ҳама дардаш
Дӯст дорад зиндагиро, дӯст.

Дар дилаш чандин ҳавас мурда,
Мисли кабки дар қафас мурда,
Монда сар дар сояи девор,
Захми тираш медиҳад озор...

## Шикаст андар шикаст

Захм дар дил, оҳ бар лаб, об дар чашм
Модари ман, модари ман, модари ман буд.
Дида гирён, сина бирён, сӯз дар ҷон
Хоҳари ман, хоҳари ман, хоҳари ман буд.
Тир дар сар, тир дар бар, тир дар дил
Додари ман, додари ман, додари ман буд.
Хуни дил, хуни ҷигар, хун дар даҳан, вой,
Сар ба хоки раҳ падар андар бари ман буд.
Пошикаста, саршикаста, дилшикаста,
Хок бар сар, чок андар сина ман будам...

## Гирифтаем

Як барбари Ватан бари зан баргирифтаем,
Гулро чунонки хирману чанбар гирифтаем!
Як барбари Ватан бари зан даргирифтаем,
Як барбар, оҳ, бе бари зан дар гирифтаем!
Як барбари Ватан бари занро надидаем,
Аз по задему ду бари занбар гирифтаем!
Ҳар сӯ парешу синаву дил решу решу реш,
Худро дар оташе чу самандар гирифтаем!
Як нима рафта аз пайи мардони сарбаланд,
Як нима аз думи хари занғар гирифтаем!
Ин воизони мо сари минбар гирифтаанд,
Мо рафта ҷому як бари минБАР гирифтаем!
Ширин забони хеш, дареғо, ки карда гум,
Худро, нигар, ки боз суханвар гирифтаем!...

## Ширинтар аз ҷон

Эй хоҳари ҷон,
　　　　аз модари ҷон
Бо мо буду рафт
　　　　як додари ҷон.
Дирӯз бо ӯ
　　　　будем ҳамдаст,
Ӯ даст кандаст,
　　　　моем камдаст.

Ширинтар аз ҷон
　　　　будаст додар,
Афсӯс, меҳмон
　　　　будаст додар.
Дар шонаи ӯ
　　　　чун дасти ман буд,
Ман масти ӯву
　　　　ӯ масти ман буд.

Кошонааш ку?
Ҳо шонааш ку?
Кошона дар хок,
ду шона дар хок.
Чашмам пуроб аст,
пур аз дуо даст,
Гардад, Худоё,
аз тан ҷудо даст.

Бе ӯ тамомам,
мондаст номам,
Шӯр аст ашкам,
талх аст комам.
Бо ашки сӯзон
гардад фурӯзон,
Во, во, Худоҷон,
аз тан ҷудо ҷон...

## Хоҳари ҷон

Дилакат, хоҳари ҷон, об шудаст,
Аз ғами додари ҷон об шудаст.
Оҳ, ин об, ки ях басту шикаст,
Дастам ин шишаи бишкаста набаст.

Бачаи навшаҳи гумгаштаи ту...
Аз ғамаш канд рагу риштаи ту.
Дили бишкаста чӣ раҳ мепой,
Ғами дил баста гираҳ мепой.

## Шикастабол

Он яке пурсид аҳволи маро,
Гуфтамаш бишкаста бин боли маро.
Додари болобаландам аз барам
Рафту сар дар хок бо чашми тарам...

## Э вой!

Чашмам пуроб аст,
Ҳолам хароб аст.
Пешониям шӯр,
Ин сар сароб аст.

Шуд зиндагӣ сахт,
Шуд бандагӣ сахт.
Карданд бар мо
Бас гандагӣ сахт.

Рафтанд ёрон,
Ку ғамгусорон?
Мо зор гирйем
Гирди мазорон.

Эй хоҳари ҷон,
Ку модари ҷон?
Бишкастаам, вой,
Ку додари ҷон?

Ду дида намнок,
Як сина ғамнок.
Дил чок-чок аст,
Мирам аламнок.

Тақдир, фарёд,
Аз тир фарёд.
Бигзашта хун баст
То дер дар ёд.

Ду хона холӣ,
Зорам хаёлӣ.
Бо кӣ бигирйӣ?
Бо кӣ биналӣ?

Рафтанд хешон,
Он синарешон –
Дар хок ниме,
Ниме парешон.

Ку ошное?
Ку ҳамнавое?
Месӯзам, э вой,
Э вой, вое!

Як сина бирён,
Ду дида гирён,
Дар обу оташ –
Гирёну бирён...

## Ватан

Рафта аз ту баракат, вою дареғ!
Рафта аз мо ҳаракат, вою дареғ!
Ними фарзанди ту бо оҳу фиғон
Дур шуд аз баракат, вою дареғ!
Ними фарзанди ту шуд хуни ҷигар,
Монда сар дар баракат, вою дареғ!
Нест кам чун бачаи хоҳари мо
Бачаи бедаракат, вою дареғ!
Нест кам чун бачаи очаи мо
Таги хоки таракат, вою дареғ!
Падарам нолазанон гуфт маро:
Ку, бачам, додаракат, вою дареғ?!
Ту дарахтию шикастанд басе
Шохаҳои таракат, вою дареғ!
Оҳ, бишкаставу канданд чунин,
Вой, болу паракат, вою дареғ!
Дар сарат хоки ду дунё шуда бод,
Нест ҳуш дар саракат, вою дареғ!

Ту калон будию майдат карданд,
Монда ин камтаракат, вою дареғ!
Гар дубора бизанандат оташ,
Сӯзад ин камтаракат, вою дареғ!
Вою дареғ!
Вою дареғ!
Вою дареғ!

## Дарахти Ватан

Зодаи Дарбандам...
Падарам зодаи Дарбанди ман аст,
Пири озодаи Дарбанди ман аст,
Об хӯрдаст зи андешаи худ,
Кафи нонаш зи кафи тешаи худ.

Модарам зодаи Рашти куҳан аст,
Рафт сисолаву чил соли расо
Об дар дидаи сӯзони ман аст.

Аз Самарқанд яке реша марост,
На самарқандии андеша марост.
Оре, як решаи ман даҳбедист,
Бар сарам соя гар аз беде нест.

Ҳаст як решаи ман масчоҳӣ,
Нест андешаи ман масчоҳӣ.
Ҳаст як решаи ман кӯлобӣ,
Нест андешаи ман кӯлобӣ...

Паҳлавон бигзашта
Пушти кӯлобии ман,
Путки дастам гашта
Мушти кӯлобии ман.

Ҳамсарам зодаи Файзобод аст,
Падараш низ аз ин мулки куҳанбунёд аст.
Шаст сол аст, ки бо кандани ҷон
Хӯрад аз обилаи дасташ нон:
Дода дар кӯдакияш додаракаш
Гушнаи зор сари дасташ ҷон;

Модараш даштиҷамист,
Оҳ, ин модари зор афтодаст:
Чархболе писарашро кушта,
Бар сараш хоки ду дунё бод аст.

Ман ба фармони манам,
На ба фармони занам.
Ба гапи ҳеҷ касе ҳам накунам,
Аз касе ҳеҷ хасе ҳам наканам!
Сари хам пеши касе нест маро,
Дасти кам пеши касе нест маро!

Гар ба сад сӯй равад решаи ман,
Тоҷикистон бувад андешаи ман.
Ман Дарахти Ватанам,
Эй табарзан,
Бо ҳама захми танам
Мекунӣ решаканам?

Ҳар куҷо решаи ман бисёр аст,
Ба кӣ ин решаи ман даркор аст?
Эй, ки бас решаи ман мекобӣ,
Хар ту дар дидаи ман метобӣ.
Оре, оре,
Ту хари решахӯрӣ,
Бо чунин решахӯрӣ
Хостӣ шохи тарамро бихӯрӣ?
Ма!

## Хоки Ватан

Оҳ, мардум дар таҳи борони тир,
Марг омад аз раҳи борони тир.
Шуд замин яксар балохез, эй Худо,
Кӯдакон раҳрезу порез, эй Худо.
Тир бар сар, тир дар банди камар,
Тир дар дил, тир дар банди ҷигар.
Кӯдак андар сина модар тир хӯрд,
Кӯдакаш тире ба ҷои шир хӯрд.
Мардуми афтону хезон бар замин,
Хуни дил аз дида резон бар замин,
Хешро ночор зад бар симхор,
Чок зад бар синаву сар симхор.
Мардуми сарсон ба дарё сар бизад,
Дар дами дарё зи пову пар бизад.
Ними мардумро набудӣ дасти об,
Ними мардумро бибурдӣ шасти об.
Ду бародар – ду ҷавони нозанин
Бо дили пурормони нозанин
Монда по дар хоки афғон бо фиғон,
Чун дили садчоки афғон бо фиғон,
Монда сар бар шонаи ҳам, зор-зор
Гиря мекарданд чун абри баҳор.
Тир додар хӯрд ногаҳ дар ҷигар,
Дод ҷон дар дасти фарзанди падар.
Он бародар, мурдаи додар ба дӯш,
Хештанро зад ба рӯди пурхурӯш.
То ки биспорад ба хокаш дар Ватан,
Ҳамчу ёри синачокаш дар Ватан.
Ногаҳон аз чархболе тир хӯрд,
Аз ҷигар оҳе кашиду ҷон супурд.
Ду бародар хунфишон дар ҷӯши об
Рафт мисли нолаҳо дар гӯши об...

## Раҳгум

Чорпо бисёр шуд, не чорагар,
Мардуми бечора шуд бечоратар.
Рафт боло нарх дар бозорҳо,
Мезанад сар чарх дар бозорҳо.
Рӯзи мо торик шуд, раҳгум задем,
Мушт бар сар бо намедонум задем.
Эй ки бар афсонаҳо шайдостӣ,
Нест пай, он сӯй нопайдостӣ...

## Бедорон

Бо сари сабзи сапедорони мо
Сарбадоронанд бедорони мо.
Ноз мебояд ба сарбардорҳо,
Не ба саркорону бар сардорҳо!

## Пеши Худо бинолам

Чашми чароғ кӯр аст,
Роҳи суроғ кӯр аст.
Гум кардаем ёрон,
Моему барфу борон.

Як сина оҳ дорам, –
Оҳ аз диёру ёрам.
Аз дида ашк борам,
Кай чашми хушк дорам?

Рӯ бар Худо биёрам,
Баҳри диёру ёрам
Пеши Худо бинолам,
Аз худ ҷудо бинолам.

Вой аз ману зи ман вой,
Вой аз Ватан, Ватан, вой!
Дар дил ҳазор нола, –
Дарди ҳазорсола...

## Талху ширин

Зиндагӣ гарчи басе душвор аст,
Дар дили зор ҳазор озор аст,
Оҳ, ду дидаи ман хунбор аст,
Ноумедам накун аз умр, Худо,
Орзую ҳавасам бисёр аст.

Пурбало ин раҳи ноҳамвор аст,
Пой пуробилаву хуншор аст,
Ку диле беғаму беозор аст?
Омаду рафти азизон дидӣ,
Омаду рафт ҳамин як бор аст.

Дарди дил, дарди сарам вазнин аст,
Дарди ҷону ҷигарам вазнин аст,
Сӯзиши чашми тарам аз ин аст,
Гарчи талх аст басе зиндагиям,
Орзую ҳавасам ширин аст...

## Ҳайф

Шонздаҳ соли расо сина кабоб,
Шонздаҳ соли расо дида пуроб.
Шонздаҳ соли расо дар ғами ҷон,
Шонздаҳ соли расо дар ғами нон...

Шонздаҳсола шудӣ, духтари ҷон,
На гули лола шудӣ, духтари ҷон!
Дарду доғу аламу ҳасрату ғам,
Гиряву нола шудӣ, духтари ҷон!

Чӣ биёмад ба сарат, ҳо писарам?
Вой, хоки ҳама дунё ба сарам.
Ман дар ин ҷо чӣ шудам, то ту шавӣ?
Ҳайф, сад ҳайф, ки чун мо ту шавӣ...

## Худоё

Гирифтори ҳазору сад балоем,
Фаромӯш аз худему аз Худоем.
Аз ин иллат кӣ медонад, Худоё,
Аз ин миллат чӣ мемонад, Худоё?

## Сияҳрӯ

Ҳама бедоди ҷаҳон мегузарад,
Ба Худо, дидаву рӯ мемонад!
Ҳар кӣ гирёнд касеро, охир
Нолаи нон ба гулӯ мемонад!
Дер дар дидаи мардум, ба Худо,
Лахчаи ду бари рӯ мемонад!

## Саркӯб

Зиндагӣ шуд баду мо хуб шудем,
Дар бади мо заду мо хуб шудем.
Гаҳ лаби нон ба лаби хоне нест,
Қолаб аст ин ҳамаву ҷоне нест.
Пеши сад гандаву бад хуб шудем,
Сарбаланд омада саркӯб шудем.

## Дар Ватанам

Боре дами беғам назадам дар Ватанам,
Дамгир шудам, дам назадам дар Ватанам.
Дар кӯчаи тангу тор саргардонам,
Дар чоҳи бало кам назадам дар Ватанам.
Овард бало ҳар ду сунаш бар сари ман,
Бо ин ҳама барҳам назадам дар Ватанам...

## Худо медонад

Эй дӯст, ғами маро Худо медонад,
Дарду алами маро Худо медонад.
Аз ғам ба қалам қалам-қалам мегирям,
Рози қалами маро Худо медонад.
Бе ашк ғазал нагуфтам, эй ҷӯраи ҷон,
Чашми банами маро Худо медонад.
Эй вой дилам, дилам, дилам, вой дилам,
Дар дил варами маро Худо медонад.
Бишкаст маро, додари ҷон, тобутат,
Болои хами маро Худо медонад.
Бар ман ду вазири мӯҳтарам кард ситам,
Захми ситами маро Худо медонад.
Гӯянд чаро ту мерамӣ аз мардум?
Сайёд, рами маро Худо медонад.

## Дарвеши Худоям

Ҷоду накун, аз дӯст ҷудоӣ накунам,
Бо душмани дӯст ошноӣ накунам.
Ҳарчанд ба ҷони ман ситам хоҳӣ кард,
Боре, ба Худо, хоҷаситоӣ накунам.
Аз кӯҳи баланд сарбаланд омадаям,
Бо хокзанӣ ғазалсароӣ накунам.
Гар ташнаву гар гушна бимирам дар дашт,
Ман бар дари ту рафта гадоӣ накунам.
Дарвеши Худоям, ба касе корам нест,
Парвои дурӯза подшоӣ накунам!

## Ғарибон

Мо ғарибонем дар хоки Ватан,
Сар ба хокему ба сар хоки Ватан.
Ту набинӣ дидаи гирёни мо,
Ту надонӣ синаи бирёни мо.

Шаб чӣ торикест, раҳ гум кардаем,
Осмон абрист, маҳ гум кардаем.
Вой, дар дил доду войе мезанем,
Вой, дар гил дасту пойе мезанем...

## Бозгашт

Дар куҳистон зиндагӣ душвор шуд,
Мардум аз ҷони худаш безор шуд.
Рӯзгоре харкушӣ кардем сахт,
Баъд якдигаркушӣ кардем сахт.
Ҷони ширин гашт моро боз хар,
Медиҳад аз ҳар даре овоз хар.
Ҷуфти гове ҳаст, месозем ҷуфт,
Ҳам ба пову даст месозем ҷуфт.
Кишт агар ду халта гандум мекунем,
Рӯзи ҳосил халтае гум мекунем.
Оҳ, месӯзем дил ҷои чароғ,
Дуд фағ-фағ мебарояд аз димоғ.
Гаҳ ба гирди шамъ даҳ парвонаем,
Дар шаби сарди сиёҳ парвонаем.
Бо тапак мондаст рӯзи мо, дареғ,
Меравад аз ҳар даре сад «во дареғ».
Хоб мебинем, хоб ангиштро,
Дар даҳан созем гарм ангуштро.
Рафта-рафта рӯзи мо бад мешавад,
Дарди мо даҳ буд агар, сад мешавад.
Бар сари рӯзи сиёҳмон, эй азиз,
Хоки дунёро биёву рез-рез.
Мардҳомон мардикоронанд бас,
Нест майдондор аз мо ҳеҷ кас.
Ту нагӯ чизе намесозем мо,
Нест нав, бо кӯҳна месозем мо.
Юғу испору чапар ҳам сохтем,
Зину банду лоқу пар ҳам сохтем.
Эй Худо, аз пушти хар гаштем боз,
Гоҳ хар бар пушт баргаштем боз!

* * *

Ҳама саркарда ғами хеш хӯрад,
Кӣ ғами мардуми дарвеш хӯрад?

## Чӣ касӣ?

Чӣ касӣ, чун казино бикшоӣ?
Дар чӣ бар аҳли зино бикшоӣ?!

## Харшер

Он яке гуфто, ки хар гаштам зи кор,
Ҳар касе ёбад маро, гардад савор.
– Ғам нахӯр, – гуфтам, – ту зинҳор аз ҳарӣ,
Чанд кас шуд маст бисёр аз ҳарӣ.
Дидаӣ, дар ин Ватан хар шер шуд?
Гуфт: – Оре, аз камону тир шуд!

## Беоянда

– Кӯдакон ояндаи моянд, – гуфт,
Кӯдакон, гуфтам, ки меоянд муфт.
Гуфт: – Рӯ бар мардуме ояндаем...
Пас бигӯ, гуфтам, ки беояндаем!
Дигаре гуфто: – Маро оянда нест,
Кӯдаки сармозада поянда нест!

## Тарбузгардон

Дар бағал бигрифта тарбуз ҷойи дил,
Чанд гаштӣ, эй, ту бепарвойи дил!
Сар ба пойи хукҳо мондӣ чаро?
Эй, сари ту бод хоки пойи дил!
Ҷойи тарбуз дил агар медоштӣ,
По намебардоштӣ бе ройи дил!
Аз барои тарбузи афтидае
Вой гӯйӣ, вой, ку овойи дил?!

## Дуранг

Равшанӣ аз хонаи мо мебарӣ
Мисли дузде, боз боло мепарӣ!
Рав, ба мо аз равшанӣ дигар магӯ,
Мо ба торикӣ гирифтастем хӯ!
Хона торик аст агар, дил равшан аст,
Дил туро торик, манзил равшан аст!

## Пода

Як пода хокзан шуд,
Як пода чокзан шуд!
Як пода бачча раҳзан,
Як пода локзан шуд!
Тарёкзан занонанд,
Ҳай синачок зан шуд!
Як пода зан занад вой,
Ҳай хашмнок зан шуд!
Як пода мард – номард,
Як пода пок зан шуд!
Як пода мард – мурда,
Сардармағокзан шуд!

## Хӯрдам ҳазор зарба

Хӯрдам ҳазор зарба аз зарбҳои туркӣ,
Дар дил ҳазор захм аст аз захмаҳои туркӣ.
Во, захмҳои хуншор, монанди ҷеғи Чингиз,
Ҳамчун зи теғи хунрез – хунрез теғи Чингиз.

Овои булбулонро ман ёд кардам, эй дӯст,
Бар даргаҳи илоҳӣ фарёд кардам, эй дӯст.
Эй дӯст, най навозӣ, ҷонро ба най навозӣ,
Чангу рубоб гирӣ, хуштар зи май навозӣ.

Най нола мезанад, вой, вой, ин рубоб нолад,
Ин чанг чанги гесӯст, бо печу тоб нолад.
Ҳо, дӯст, боз, боз о, оҳ, аз раҳи дароз о,
Нохун бикун дутору зан чангу най навозо!...

## Ҳо духтарони хушрӯ

Ширин ба гӯшам омад аз дурҳо тарона,
Ширин навозишам кард овози духтарона.

Кардам ба бомҳо ёд овози духтаронро,
Бозиву парзанию парвози кафтаронро.

Ҳо духтарони хушрӯ, ҳо духтарони хушмӯ,
Мисли шумо надидам абрӯпарони хушрӯ.

Ҳо духтарони ҳушбар, ҳо кафтарони хушпар,
Мисли шумо надидам пар-парзанони хушрӯ.

Сайёди ман шуморо боре агар назад ҳу,
Аз боматон паронда кафтарпарони бадхӯ.

Сайёди ман агарчи бар боматон назад ҳушт,
Кафтарпарони бадхӯ бар доматон бизад кушт.

Чашми сиёҳатонро то сурма мекашам,оҳ,
Мастона бодаҳоро бо хурма мекашам, оҳ.

## Ёде аз мактаби деҳ

Як рӯди хушово ба бари мактаби мо,
Буд мисли суруди Рӯдакӣ бар лаби мо.
Савганд, ки Ҷӯи Мӯлиён буд маро,
Сероб зи чашми лӯлиён буд маро.

Он об, ки шуд ғазалсарои дили ман,
Омӯ, ба Худо, буд барои дили ман.
Дидам, ки ба дил басе навоҳост маро,
Гуфтам, ки Кабутиён Бухорост маро.

Як бор нагуфтам ба касе хобамро,
Гуфтам ба ҳамон об басе хобамро.
Дар сояи бедҳои он симбарон
Афшонда чу моҳи осмон сим бар он.

Он оби равон чӣ сангҳоро суфта,
Ҳайф аст бувад сухан маро носуфта.
Он оби равон шеъри маро кард равон,
Болида маро ба тан аз ин дард равон.

Як боғи баланди хушҳаво буд варо,
Дил булбулу кабки хушнаво буд варо.
Аз бӯи гули тараш димоғам равшан,
Аз чаҳ-чаҳи булбулон чу боғам равшан.

Дар хӯшаи ангур ки мезад афтоб,
Мехост бар он хӯша авезад афтоб.
Аз ёд маро боғи базебаш наравад,
Боғе! Зи даҳан маззаи себаш наравад!

Бар сабзаи бардамида мебурдам даст,
Бар шохаи сархамида мебурдам даст.
Аз сабзаи бардамида шабнам мерехт,
Аз шохаи сархамида шабнам мерехт.

Гуфтанд басе агар ки бас! Мехондам,
Бо тутиву бо кабки қафас мехондам.
Пеш аз ҳама будам, ба ҳавас мехондам,
Ҳарчанд ки дар партаи пас мехондам.

Як раста сафедори баландаш дар ёд,
Як даста нигори дилписандаш дар ёд...
Тарсе, ки яке чашм кунандаш, дар ёд...
Имрӯз расидаст газандаш, фарёд!

Аз мактаби «2» намешавад канда дилам,
Аз дасти хумор мешавад ганда дилам.
Ҳар гаҳ ки маро хумори мактаб гирад,
Рагҳои маро яки ба як таб гирад.

## Кишоварз

Эй кишоварз, эй худованди замин,
Оҳ, эй дилбаста, побанди замин,
Дида дар киштат чарои дигарон,
Мекушӣ худро барои дигарон.

## Ҳай дареғ!

Ҳар кучо чун буд море, мир шуд,
Ҳар кучо дун буд, дунёгир шуд.
Ҳай дареғи сарбаландони Ватан,
Ҳар сари боло сари як тир шуд.
Додари ҷон – тир дар дил, сар ба хок,
Хоҳари ҷон дар ҷавонӣ пир шуд.

## Соғар задем

Сарбаландӣ ин замон дарди сар аст,
Сарбаланд имрӯз дар пушти дар аст.
Сарбаландӣ ин замон даркор нест,
Ҳеҷ кас чун сарбаландон хор нест!
Сарбаландонро ба ҳар сӯ сар задем,
То басе аз хунашон соғар задем!

## Шоироне

Шоироне бас хушомад мезананд,
Пеши ҳар нокас хушомад мезананд.
Лӯсии ин чоплусонро нигар,
Косии ин косалесонро нигар.

Сарбаландиро намеоранд ёд,
Каф зананд андар ҳавои «Зинда бод!»
Мефитад аз додгӯӣ гурдашон,
Дар қиёмат барнахезад мурдашон.

## Оҳ, ин хокзанон

Оҳ, ин хокзанон...
Дар таги пои киён хок зананд?
Хок дар чашми тари мардуми ғамнок зананд!

Оҳ, аз дасти ҳамин хокзанон,
Меравам синаи худ чокзанон!

Оҳ, ин хокзанон хоки азиз
Ҳар кучое, ки гирифтанд ба даст,
Хок нопок шудаст!

Оҳ, ин хокзанон –
Мисли нопок занон...
Хокашон бод ба сар!

## Насиҳат

Як насиҳат бишнав аз ман, эй писар:
Хокзанҳоро бизан санге ба сар!
Сар накун пеши касе хам, эй писар,
Нестӣ, худ аз касе кам, эй писар!
Эй писар, бар қадри сар чун мо бирас,
Пас аз он бар қадри ин дунё бирас!
Сар накун пеши касе зинҳор хам,
Обу нонат хӯр, нахӯр бисёр ғам!

## По дар гилему дар гилем

Нест помон чун раисон бар гилем,
Пой аз дасти раисон дар гилем.
Бар гилеманд ин раисон баста дил,
Мардумон дар гил чу мо бишкаста дил.

Дасти моро кас намегирад, ки мо
Аз даруни гил бирун орем по.
Меравем охир дар ин гил мо фурӯ,
Бар гилеманд ин раисон, гул ба рӯ!

## Ҳаво бисёр вазнин аст

Ҳаво бисёр вазнин аст,
На танҳо дард як ин аст!
Ба ҳар сӯе, ки мебинӣ,
Ҳама расвою чиркин аст!
Дареғи мардуми дарвеш,
Ҳама бечора, мискин аст!
Ҳазорон сина садпора,
Ҳазорон дида ғамгин аст!
Мапурс аз қимати одам,
Дар ин бозор як тин аст!
Ба ин мардум дилам сӯзад,
Чунин дар хок парчин аст!
Яке тарсам зи Туркистон,
Ҳазорон тарсам аз Чин аст!

## Набард

Ин пашмлесон,
Ин пашмресон
Аз ишқ лофанд,
Холӣ ғилофанд!

Шамшеру теғе
Ку? Ку? Дареғе!

Ин сӯ набард аст,
Он сӯ набард аст.
Эй кӯзабардаст,
Эй, ку Забардаст?!
Дидӣ, кӣ мард аст,
Марди набард аст?!

## Ҳалқа

Дар ҳалқаҳои гӯшат
Кас ҳарза мефурӯшад.
Дар ҳалқа монда бинит
Монанди ҷини чинит.

То баст ҳалқа нофат,
Зад ҳалқа мори офат.
Аз ҳалқа мешикофад
Сад тиру найза хунрез
Аз як нигоҳ нофат.

Дар ҳалқаҳои чашмат
Гунҷишк мефитад зор.
Хуни ҳазор гунҷишк
Хӯрдӣ ҳазорҳо бор!

## Шаҳри ман шаҳри ғазал буд

Шаҳри ман шаҳри ғазал буд,
Ошиқи байту ғазал гул дар бағал буд...

Ҳайф, сад ҳайфи ҳамон шаҳри дилоро,
Кӯ ба кӯ чандин маҳал шуд,
Шаҳри доду вою дунёи мағал шуд.

Мардумон бехонумон,
Хонумоне ҳалқа дар гӯш,
Ҳалқабозор аст дар ҷӯш!
Ту ба ҳар сӯе дигар бинӣ
Хонумони ҳалқа дар бинӣ!

Низ дорад ҳалқа ноф,
Бар сари худ ноф ҳам дорад шикоф!

Сайдро дар ҳалқа мегиранд осон,
Сайдҳо дар ҳалқа мемиранд осон!

Чиниён оянд аз роҳи дароз,
Бо даҳони возу чашми нимабоз!
Чашмҳоро медиҳанд об,
Об мегиранд, об,
Ҳамчунони барфи хокистарзада
Пеши пойи хонумони сарзада!

Медиҳад ҳар сӯ намоиш
Бас нигорони ҳавасрон:
Он яке рон,
Дигаре сурин,
Кабки масти сина пар-пар мезанад
Аз бағалҳои кушода
Дар бағалҳое фитода...

## Чеҳра дигаргун мешавад

Рафт берун чинӣ аз девори худ,
Кай ту берун бинӣ аз девори худ?
Хоки мо дар дасти чинӣ зар шавад,
Мо ки зар ёбем, хокистар шавад!
Ту чӣ бинӣ ё набинӣ пешу пас,
Чун равӣ аз дасти чинӣ пешу пас?
Чинии хушдил бари тоҷик бин,
Дар бараш хуш дилбари тоҷик бин!
Чеҳраи миллат дигаргун мешавад,
Ранги чинӣ бин, магӯ чун мешавад!
Раҳ ба сӯи меҳрубонон карда боз,
Мешавад чун чашми чинӣ парда боз!
Кӯдаки фардову чиниро нигар,
Ранг бину чашму биниро нигар!
Мерасад, чинӣ замингирӣ кунад,
Бар сари мардум бубин, мирӣ кунад!
Вой аз ин ҳар сӯ парешонии мо,
Вой аз ин шӯрии пешонии мо!

## Дарду доғи дили мо бисёр аст

Вой, доғи дили мо бисёр аст, –
Гул ба боғи дили мо бисёр аст.
Дарду доғу аламу ҳасрату ғам
Дар суроғи дили мо бисёр аст.
Боғу роғи ҳамаро бигрифтӣ,
Боғу роғи дили мо бисёр аст.
Оҳ, куштӣ ту чароғам, сӯзиш
Дар димоғи дили мо бисёр аст.
Хонаат рӯшану торик дилат,
Чилчароғи дили мо бисёр аст!

## Бар дӯши мардум

Ҳар ҷой дузду раҳзану ғоратгаре ки буд,
Ҳар ҷо даюсу даллаву ҳар ҷо ғаре ки буд,
Худро ҳаме заданд ба ҷоҳои рӯғанӣ,
Бар дӯши мардумон зада поҳои рӯғанӣ!

## Ку шин ту пеш, баччам

Ку шин ту пеш, баччам,
Дил гашт реш, баччам!
Ин сӯ бидеҳ дутора,
Дар нола дил ду пора:

Ин шаҳр нозанин буд,
Ин шаҳр кай чунин буд?
Моро биҳишт ин буд!

Афсӯс, ту надидӣ,
Афсӯс, ту надонӣ!

Дилдода буд мардум,
Озода буд мардум,

Н-афтода буд мардум,
Истода буд мардум
Бар пойи хештан рост,
Он гуна дар сухан рост!

Афсӯс, ту надидӣ,
Афсӯс, ту надонӣ!

«Роҳат» барои мардум,
Роҳат барои мардум!
Мехост ҳар кӣ, мерафт,
Э рост, ҳар кӣ мерафт!
Ҳай хӯрда сер чояш,
Ҳай хӯрда ширчояш
Осуда менишасте,
Кас дил намешикасте!

Афсӯс, ту надидӣ,
Афсӯс, ту надонӣ!

Ҳар сӯй дилситонӣ,
Ҳар сӯй ҷонфишонӣ,
Ҳар ҷой меҳрубонӣ...
Ҳар ҷой меҳмонӣ
Дар чой меҳмонӣ
Мерафтие агар ту,
Мегуфтие, ҷигар ту
Бар аҳли хона будӣ,
Ширин замона будӣ!

Дар мекушод мардум,
Пар мекушод мардум
Дар интизории дӯст,
Бин дӯстдории дӯст!

Афсӯс, ту надидӣ,
Афсӯс, ту надонӣ!

Дар чеҳра рӯшноӣ,
Ҳар чеҳра ошноӣ!
Рӯшан ҳамеша хона,
Рӯшан чу шиша хона!
Эй, дил ҳамеша рӯшан,
Маҳфил ҳамеша рӯшан!
Хуш хотират ҳамеша
Ҳамчун ҳавои беша!

Афсӯс, ту надидӣ,
Афсӯс, ту надонӣ!

Аз оби гарм гап не,
Аз оби сард гап не!
Ин гуна бо азизе
Аз доғу дард гап не!

Афсӯс, ту надидӣ,
Афсӯс, ту надонӣ!

Гап не зи танфурӯшӣ,
Аз марду занфурӯшӣ,
Аз ҳамватанфурӯшӣ,
Ҳам аз ватанфурӯшӣ!

Ҳар гӯша нохушӣ не,
Гап аз кушокушӣ не!

Афсӯс, ту надидӣ,
Афсӯс, ту надонӣ!

Афсона буд чинӣ!
Бо гулрухони мо кай

Ҳамхона буд чинӣ?!
Мегуфт баччам, очам,
Рӯшон, Худо, набинӣ!

Рӯшон, дареғ, дидем,
Дар сина теғ дидем!

Баччам, сухан дароз аст,
Ин дард ҷонгудоз аст!
Ин доғ синасӯз аст,
Ин нола шабфурӯз аст!

## Дар сояи чанорон

Ало, эй селаи бесар,
Сари моро нагардонед,
Ғами моро агар донед,
Ба ҳоли хештан моро дигар монед!

Ба найранг обрӯ аз мардуми кӯҳу камар хоҳед,
Шумо чун оби мурда дар камаргоҳед!

Шуморо дар сари кори Ватан дидем,
Вале кай номбардори Ватан дидем?
Ба сад рангу ба сад найранг
Шуморо роҳзан дидем!

Шумо дар чашми мардум хок мепошед,
Намак дар синаҳои чок мепошед!

Намебинед, ин водӣ
Надорад ҷойи ободӣ?

Худоё, ҷуз найи нола,
Ки оташ мезанад бар синаҳо лола,
Аз ин водӣ чӣ мерӯяд?
Дигар сарве ба озодӣ намерӯяд!

Худоё, вой, войи бенаво мардум:
Ба саҳро мезанад раҳгум!
Аз ин роҳаш раҳоӣ нест,
Ба хешаш ошноӣ нест!

Намебинед оё хонаҳои бесаробонаш,
Намебинед оё хории хонахаробонаш?
Намебинед сарҳоро фурӯ дар кунҷи ғор ин ҷо,
Дигар андеша мебандад мағор ин ҷо!

Шумо дар сояи ғафси чаноронед,
Ки дар пушти шумо рустанд!
Дигар аз пуштдоронед!
Ба ин сад ранг бенангӣ
Шумо нанги ҳазоронед!

Ало, эй тӯдаи пурпӯст,
Магар одам чунин берӯст?!

Ҳама хирсед, масти ангубин ҳастед,
Басе чарбу чунин бастед!

Чӣ менозед аз водии доғед?
Дарахтонро дар ин ҷо мехӯрад мӯру
Шумо дар шохи боло селаи зоғед!

Гумон доред бемаргед?
Шумо як сози бебаргед!
Шумо созӣ надоред,
Ба ин мардум ҳамовозӣ надоред!
Шумо бо ин ҳама дороии худ сахт нодоред,
Шумо моред,
Беморед!

## Сарбозӣ

Биё, маҷлис биёроем,
Ба пои аҳли минбар
Фитода зору сар соем.
Ба хорию ба зорӣ ашк борем,
Аз ин пас дар ҳазорон сол
Сари ороиши доре надорем.
Биёву гӯшро аз ҳар чи пур созем,
Ба пои ҳарзапардозони беинсоф сар бозем!

Чӣ сар дорем?
Кирми ҳарза бас хӯрдаст мағзашро
Мисоли себи хубонӣ,
Саре тосида монанди анори Регар, о дӯст,
Анори Регари мо мушти доруст!

Биё сайри биёбонҳои пурлос,
Биё аз пушти уштур ё хари барлос,
Бимон, то боди бадбӯйи биёбонӣ
Вазад шуввас,
Ҳамеша гӯшҳои мо занад ҳуввас!

Куҷо нанги Ватандорӣ,
Куҷо ҳанги Ватандорӣ,
Куҷо ранги Ватандорӣ?!

Ба ҷои мо
Барои мо
Хитойӣ роҳ месозад,
Ки он сӯяш расад бар пойи гӯристон,
Сари мову хаёли масти ҳуристон!

# ДИЛОВЕЗ

## 1.

### Аз дарду алам ки дар гирифтӣ

Аз дарду алам ки дар гирифтӣ,
Худро бари хоки тар гирифтӣ.
Дар хоки хунук намурд оташ,
Оташ ба дилу ҷигар гирифтӣ.
Хоки тар аз оташи дили ту
Як хирмани лола баргирифтӣ.
Ин хирмани лола дар сари хок
Чун оташи нола дар гирифтӣ.
Эй модари ҷони ҷони ширин,
Чун шеъри тарам ту дар гирифтӣ.
Бо об кушанд оташу ту
Дар оби ду дида дар гирифтӣ.
Гирён писари ту бар сари хок,
Ту хок чаро ба сар гирифтӣ?

### Эй дӯст, бишин канори модар

Эй дӯст, бишин канори модар,
Ширин бишикан хумори модар.
Ширин суханаш бигӯ ҳамеша,
Аз дил биравад ғубори модар.
Аз дарду ғами ту зор гиряд
Хунин дили интизори модар.
То кай бизанад раҳи туро об
Ду дидаи ашкбори модар?
Модар чи касест? Нағз донӣ
Рӯзе, ки шавӣ ту зори модар.
Ку модари нозанини ман, ку?
Ду чашми ману мазори модар.

## Бошӣ, падарам, ҳамеша бошӣ

Бошӣ, падарам, ҳамеша бошӣ,
Хандон ба барам ҳамеша бошӣ.
Дар сояи давлатат нишинам,
Дастат ба сарам ҳамеша бошӣ.
Аз рӯи хушат намешавам сер,
Хушрӯ нигарам, ҳамеша бошӣ.
Ку модари ҷони меҳрубонам?
Бин чашми тарам, ҳамеша бошӣ.
Аз ҳар сухани ту мехӯрад об
Ҷону ҷигарам, ҳамеша бошӣ.
Ҳар ҷо, ки равам, дуои некат
Бошад ба барам, ҳамеша бошӣ.
Бо номи ту мекашам қалам хуш,
Дар шеъри тарам ҳамеша бошӣ.
Ғамҳои маро чӣ мехӯрӣ ту?
Ғамҳота хӯрам, ҳамеша бошӣ.
Ҳастӣ, ки чунин ҳамеша сахт аст
Банди камарам, ҳамеша бошӣ.
Бо ёду хаёли ту равонам,
Ту ҳамсафарам ҳамеша бошӣ.
Аз хона баромадам пайи кор,
Чашмат ба дарам ҳамеша бошӣ.
Дорад нигаҳат Худои ширин,
Бошӣ, падарам, ҳамеша бошӣ...

## Фарзанди падар, ту дар куҷоӣ?

Фарзанди падар, ту дар куҷоӣ?
Эй ҷону ҷигар, ту дар куҷоӣ?
Фарёдзанон ба чор сӯям
Бо дидаи тар, ту дар куҷоӣ?
Ин гарданаки баланд бо ту
Бишкаста дигар, ту дар куҷоӣ?

Эй кош, Худо, туро бубинам
Як бори дигар, ту дар куҷой?
Хоҳар ба фиғону оҳу нола,
Ду дида ба дар, ту дар куҷой?
Аз хона чӣ гуна мебароям
Бе ту ба сафар, ту дар куҷой?
Эй, бар сари хоки тар занам бар,
Ҳо, рафта зи бар, ту дар куҷой?
Фарёд, ғами ту хоки моро
Кардаст ба сар, ту дар куҷой?
Эй додари ҷон, ту кай дарой
Як бор зи дар, ту дар куҷой?
Ғам теғ занад ба синаи ман,
Эй синасипар, ту дар куҷой?
Фарзанд намондай нишона,
Ногашта падар, ту дар куҷой?
Дар синаи ман зи доғат, эй вой,
Оташ зада сар, ту дар куҷой?
Бар сурати ту бигиряде зор
Бечора падар, ту дар куҷой?
Эй кушта ба тиру теғи хунмаст,
Теғам ба ҷигар, ту дар куҷой?

**Эй додари ҷон, ту дар куҷой?**

Эй додари ҷон, ту дар куҷой?
Беҳ аз ду ҷаҳон, ту дар куҷой?
Бо зӯри камон гирифта рафтанд,
Оҳ, аз сари нон, ту дар куҷой?
Эй, дар даҳанат ба нола дармонд
Як нолаи нон, ту дар куҷой?
Байту ғазалат гириста гӯям,
Оташ ба забон, ту дар куҷой?
Печидаву баста дар гулӯям
Фарёду фиғон, ту дар куҷой?

Мо пир шудем аз ғами ту,
Эй рафта ҷавон, ту дар куҷой?
Моро, ба Худо, шикаст бе ту,
Во, банди миён, ту дар куҷой?
Бо нолаву оҳ сӯзад, эй вой,
Бе ту дилу ҷон, ту дар куҷой?
Бигрифта сари маро бинолад
Як хоҳари ҷон, ту дар куҷой?
Хунат ба кафан чакида рафтӣ,
Хунам ба даҳон, ту дар куҷой?
Бишкаста падар,чӣ зор нолад:
Эй баччаи ҷон, ту дар куҷой?
Сар монда ба даргаҳи илоҳӣ
Фарёдзанон, ту дар куҷой?
Гуфтам, ки сари баланди худро
Дар хок намон, ту дар куҷой?
Армону ҳавас ба хок бурдӣ,
Хокам ба даҳон, ту дар куҷой?
Мардум ҳаваси ту хӯрда гуфтанд:
Сад ҳайфи ҷавон, ту дар куҷой?
Фарёди ту рафта аз пайи тир:
Оҳ, очаи ҷон, ту дар куҷой?
Худро задаӣ гирифта оташ
Дар оби равон, ту дар куҷой?
Мардум ҳама дод мезанад, вой
Аз дасти камон, ту дар куҷой?
Эй дар сари сина чанбари гул
Аз тиру камон, ту дар куҷой?
Эй, лолаи хун ба сина хандон,
Мо гашта хазон, ту дар куҷой?
Эй кушта ба дасти чанд хунхор,
Хуни ту равон, ту дар куҷой?
Эй хуни равони ту нарафта
Аз гарданашон, ту дар куҷой?
Дар гардани ин замона хунат
Лал баста чунон, ту дар куҷой?

## Ҷон додаракам нигини ман буд

Ҷон додаракам нигини ман буд,
Лахти дили оташини ман буд.
Сад ҳайфи забони шаҳдрезаш,
Он кӯзаи ангубини ман буд.
Он кушта ба тири чанд хунмаст,
Во, додари нозанини ман буд.
Болои баланди нозанинаш
Шамшоди сари замини ман буд.
Эй бед, куҷост ҳамнишинат?
Ӯ додари камнишини ман буд.
Ку ошиқат, эй баҳори хушрӯ?
Ӯ додари лолачини ман буд.
Маҳтоби шикастаи лаби теғ
Як пора дили ғамини ман буд.
Онро, ки гирифт хок аз ман,
Ӯ додари нозанини ман буд.

## Во, додари ҷони мо куҷо рафт?

Во, додари ҷони мо куҷо рафт?
Як ҳарф назад ба мо, чаро рафт?
Мегуфт гириста хоҳари ҷон:
Шуд абри равону бар ҳаво рафт.
Ӯ бар сари мо аз осмон зор
Бигриста басе барои мо рафт.
Пову пари мо шикаст дар хок,
Тобут ба рӯи дасти мо рафт.
Зад сина ба хоку санг хуншор,
Хун аз сари хоку санги мо рафт.
Худро, ки зи дард зад ба дарё,
Аз синаи об нолаҳо рафт.
Тире, ки гузашт аз тани ӯ,
Эй дӯст, нагӯ дигар куҷо рафт?
Он тир нишаст дар дили мо,
Ҷон аз тани дилшикастаҳо рафт.

## Эй баччаи ҷони ҷони ширин

Эй баччаи ҷони ҷони ширин,
Эй баччаи меҳрубони ширин!
Эй, дар бари ман биё бишине,
Охир, падар аст ҷони ширин.
Эй, дар бари ман агар нахоҳӣ,
Шин дар бари очаҷони ширин.
Нобуди падар, азизи ҷонам,
Ғамгин шавад очаҷони ширин.
Эй, очаи ҷони худ надеҳ ғам,
Эй баччаи ҷони ҷони ширин!
Ман дар ғами оча об гаштам,
Ку очаи меҳрубони ширин?

## Мурғон ба ҳаво фиғон кашиданд

Мурғон ба ҳаво фиғон кашиданд,
Оҳ, аз дили мо фиғон кашиданд.
Як села зи хуни мардумон маст,
Ғам нест, киҳо фиғон кашиданд.
Найҳо ба суроғи найнавозон
Аз баҳри наво фиғон кашиданд.
Во, шаҳбачаҳо, ки парчағонанд,
Ёрон ба саро фиғон кашиданд.
Дар куштани додарам азизон
Сар бар сари мо фиғон кашиданд.
Ҳар сӯй фиғони «бачамой» аст,
Мардум ба Худо фиғон кашиданд.
Ин теғ кашида аз ҷигарҳо,
Бар синаи фориғон кашиданд.

## Бар хок нигар, бародари ҷон

Бар хок нигар, бародари ҷон,
Бин сабзаи тар, бародари ҷон!
Гирӣ ту агар ки хок, илоҳо,
Гардад ҳама зар, бародари ҷон.

Бар хок нигар, чӣ хел хушрӯ
Гулҳо зада бар, бародари ҷон.
Ку додари ҷони ҷони ширин,
Он ҷону ҷигар, бародари ҷон?!
Ку модари ҷони ҷони ширин,
Он хуни ҷигар, бародари ҷон?!
Дар хоки таранд хоб ҳар ду –
Бар дар бари бар, бародари ҷон!
Аз хоҳари ҷони ҷон чу ман гир
Ҳар бор хабар, бародари ҷон!
Ин хоҳари ҷон ҳамеша дорад
Ду дидаи тар, бародари ҷон!
Ин хоҳари ҷони мо ягонаст,
Аз ёд набар, бародари ҷон!
Мо хоҳараки дигар надорем,
Хун аст ҷигар, бародари ҷон!
Биншин ба сипос аз Худованд,
Дар пеши падар, бародари ҷон!
Эй, Хоҷаи Хизри мо ҳамин аст,
Хушрӯ бинигар, бародари ҷон!
Ту қадри падар бидон, ки донад
Қадри ту писар, бародари ҷон!
Аз додари худ – зи мо хабар гир,
Бикшой ту дар, бародари ҷон!
Мо аз ту агар хабар нагирем,
Ту гир хабар, бародари ҷон!
Мо додари гандаем оё,
Ин сӯ бинигар, бародари ҷон?!
Чун додари хуби хеш дидӣ,
Боре ту магар, бародари ҷон?!
Фарзанди падар, баробари ҷон!
Фарзанди падар, бародари ҷон!
Кардем насиҳатат, ба ҳар сӯ
Гапро ту набар, бародари ҷон!
Гуфтем ҳар он чи, бо ту гуфтем,
Аз ёд набар, бародари ҷон!

## 2.

### Номат ба забонам, эй Худоҷон

Номат ба забонам, эй Худоҷон,
Дар номи ту ҷонам, эй Худоҷон.
Бе номи хушат ғазал нагӯям,
Эй, хома наронам, эй Худоҷон.
Савганд ба номате, азизӣ,
Савганд ба ҷонам, эй Худоҷон.
Аз дасти замона бар ҳаво рафт
Фарёду фиғонам, эй Худоҷон.
Байту ғазалу таронаи хеш
Бе ашк нахонам, эй Худоҷон.
Гургон бихӯранд хуни одам,
Аз гург раҳонам, эй Худоҷон.

### Ёрон ба канори ҳам нишаста

Ёрон ба канори ҳам нишаста,
Бозӯи савори ғам шикаста.
Бишкаста ҳазор ормонро,
Бо бӯса хумори ҳам шикаста.
Бин, пушт ба пушт монда хушрӯ,
Ду маст ба бори ҳам нишаста.
Моем дар ин канора танҳо,
Ҳамчун ба мазори ғам нишаста.
Аз ёру биёри худ ҷудоем,
Дар ғори диёри ғам шикаста.
Ку хешу табори мо, Худоҷон?
Мо дар таги бори ғам шикаста.
Сад ранг навою нолаи зор
Дар тори дутори ғам нишаста.

## Як чӯраи ҷон будию рафтӣ
***Барои Акбар Шариф***

Як чӯраи ҷон будию рафтӣ,
Беҳ аз дигарон будию рафтӣ.
Чун додари ҷонам аз барам рафт,
Ту додари ҷон будию рафтӣ.
Нашкуфта зи сад гулат яке гул,
Бисёр ҷавон будию рафтӣ.
Эй, дар лаби ту ғазал фаровон,
Бе як лаби нон будию рафтӣ.
Дур аз бачаҳои нозанинат
Раҳро нигарон будию рафтӣ.
Дар гардани кист хунат, эй дӯст?
Хуншори равон будию рафтӣ...

## Мо хонаи дӯст омадастем
***Барои Қиёмиддин Чақал***

Мо хонаи дӯст омадастем,
Аз баҳри Худо дуо ба дастем.
Сад сол шудаст, эй Худоҷон,
Мо хонаи дӯст н-омадастем.
Ӯ такя ба мо задаст хушрӯ,
Мо такя ба ошно задастем.
Дар хонаи ошнои ширин
Ҳай ош ба иштиҳо задастем.
Мо хонаи дӯст, эй бародар,
Чун хонаи худ хуш омадастем.
Ту чӯраи нағзи меҳрубонӣ,
Эй ҷӯра, магар ки мо бад астем?
Дидӣ, ки худат биё нагуфтӣ,
Бо амри Худо биёмадастем.
Дидаст Худо, ба хонаи дӯст
Аз мастии худ наёмадастем.
Аз дасти шамолу тарси гургон
Сар бар дари ин саро задастем.

Гар омадаем дасти холӣ,
Эй, бо дили пур биёмадастем!

**Аз дасти кӣ мо зарар надидем?!**
***Ба дӯстам Зайниддини Ҷомӣ***

Аз дасти кӣ мо зарар надидем?!
Мо пои киро ба сар надидем?!
По зад сари мо ҳазор бесар,
Мо дасти касе ба сар надидем.
Аз банди ҷигар задем фарёд,
Дар банди диле асар надидем.
Сад ҷӯра агар ба зар харидем,
Як ҷӯраи безарар надидем.
Дидем ҳазору як ҷаҳонсӯз,
Дар ҳеҷ диле шарар надидем.
Дидем ҳазор дарду озор,
Аз дасти кӣ мо зарар надидем?!

**Ку ранги Зиё бананг, ҷӯра?**
***Ба устод Зиё Абдулло***

Ку ранги Зиё бананг, ҷӯра,
Ку ранги Зиё баранг, ҷӯра?
Аз ранги хунук ҳазор дидем,
Эй ҷӯра, нагӯ, чӣ ранг, ҷӯра.
Ҳамранги Зиё дигар наёбӣ,
Ӯ нест,бидон, дуранг, ҷӯра.
Беҳуда сияҳ кунанд номаш
Бо рӯи сияҳ чӣ ранг, ҷӯра.
Аз сангдилони дилсиёҳе
Хӯрдаст ҳазор санг, ҷӯра.
Найранг кунанд ҳар куҷо ҳай
Рӯбоҳи малангу ланг, ҷӯра.
Ӯро чӣ ғами шағолу рӯбоҳ?
Чун ҳаст яке паланг, ҷӯра!

**Монанди Гурез, ҷӯра, ку, ку?!**
***Ба дӯсти азизам Гурез Сафар***

Монанди Гурез, ҷӯра, ку, ку?!
Монанди Гурез ҷӯра ку, ку?!
Монанди Гурез одами хуб
Бисёр азиз, ҷӯра, ку, ку?!
Монанди Гурез шоири хуб
Бо хомаи тез, ҷӯра, ку, ку?!
Ку мисли Гурез он, ки гӯяд,
Май рез, бирез, ҷӯра, ку, ку?!
Ку мисли Гурез он, ки гӯяд,
Бардору нахез, ҷӯра, ку, ку?!
Гуфтӣ, ки Гурез кист? Омад,
Эй, ку нагурез, ҷӯра, ку, ку?!
Ку хур накуне мисоли рӯбаҳ
Ин кӯтали тез, ҷӯра, ку, ку?!

**Ку ранги Гурез, ҷӯра, май рез!**

Ку ранги Гурез, ҷӯра, май рез,
Май рез, бирез, ҷӯра, май рез!
Ту ранги Гурез май нарезӣ,
Ку ранги Гурез, ҷӯра, майрез?!
Аз мо нагурез, мекушемат,
Аз ҷой нахез, ҷӯра, май рез!
Эй, кош Гурези ҷон биёяд,
Гӯям, ки Гурез, ҷӯра, май рез!
Пурсӣ, ки Гурез кист, ҷӯра,
Эй ҷӯра, Гурез ҷӯрамай, рез!

**Мо бода задем, ҷӯра, ту чӣ?!**
***Ба Забардасти Арҷманд***

Мо бода задем, ҷӯра, ту чӣ?!
Дил дода, задем, ҷӯра, ту чӣ?!

Мо як сари мӯ гунаҳ надорем,
Вай дода, задем, ҷӯра, ту чӣ?!
Ҳай додани вай чӣ гуна хушрӯст,
Ҳай дода, задем, ҷӯра, ту чӣ?!
Эй, бодазанӣ чунин ба мо ёд
Вай дода, задем, ҷӯра, ту чӣ?!
Аз чашми сиёҳакаш мае рост
Истода, задем, ҷӯра, ту чӣ?!
Дидем яке ду пои хушрӯ,
Афтода, задем, ҷӯра, ту чӣ?!
Чашм аз таги по ба сӯйи боло
Бикшода, задем, ҷӯра, ту чӣ?!
Боло, ба Худо, чӣ нозанин аст,
Болода задем, ҷӯра, ту чӣ?!
Ду синаи вай – ду хурмаи май,
Ҳай бода задем, ҷӯра, ту чӣ?!
Ду по, ба Худо, ду шоха дарёст,
Дарёда задем, ҷӯра, ту чӣ?!
Дарёи май аст нозанине,
Ҷон дода, задем, ҷӯра, ту чӣ?!

**Мо бода задем, ҷӯра, ту чӣ?!**
**Ба Акбари Мирраҷаб**

Мо бода задем, ҷӯра, ту чӣ?!
Пул дода, задем, ҷӯра, ту чӣ?!
Пул рафт ҳамаш, кулоҳу ҷома
Мо дода, задем, ҷӯра, ту чӣ?!
Садбора гарав шиносома
Бинҳода, задем, ҷӯра, ту чӣ?!
Як пода даромадаст, маст аст,
Дар пода задем, ҷӯра, ту чӣ?!
Вайрон сари ҳар кадом дидем,
Сарҳода задем, ҷӯра, ту чӣ?!
Дар пои нигори майкаши маст
Афтода, задем, ҷӯра, ту чӣ?!

Печида ба пош банд буде,
Бикшода, задем, ҷӯра, ту чӣ?!
Дар пои баланди нозанинаш
Ҷон дода, задем, ҷӯра, ту чӣ?!

**Шабнам шуда маст, месарояд**

Шабнам шуда маст, месарояд,
Ҳай маст шудаст, месарояд.
Девона шудаст ними мардум,
Вай маст шудаст, месарояд.
Бардоштааст ними дигар
Сармаст ду даст, месарояд.
Бисёри бад аст маст имшаб,
Ҳе, масти бад аст, месарояд.
Сад коса зи мастияш гирифтем,
Ҳо, дасти ба даст, месарояд.
Ҳе, косаяки дили маро ӯ
Мастона шикаст, месарояд.
Дар пеши ваянд ошиқонаш
Ҷон дар сари даст, месарояд.
Чун кавгаки масти дастпарвар
Чун дар сари даст месарояд.
Чун кавгаки ҷони чӯҷапарвар
Чун дар бағал аст, месарояд.
Кавги сари чашмаро кӣ дидаст?
Ин аст, ки маст месарояд.
Ин кавг чи нағз мехиромад,
Кас пош набаст, месарояд.
Ӯ дона нахӯрдааст, эй дӯст,
Бедона задаст, месарояд.
Мехӯрд яке ҳазор савганд:
Кавги чаман аст, месарояд!
Девона шудӣ ту, гуфт масте,
Ин кавги ман аст, месарояд!
Ҷон маст шуду ба гӯши дил гуфт:
Ин кавги ман аст, месарояд!

Девона шуданд кавгбозон,
Навбат ба ман аст, месарояд!
Ҳе, вақти шикори ӯ расидаст,
Фарёд чияст? Месарояд!
Ӯ кавгаки масти масти маст аст,
Сайёд кияст? Месарояд!
Ӯ масти майи тарона хушрӯст,
Хуш май чӣ задаст, месарояд!
Хушрӯ, ба Худо, шудаст масте,
Хушрӯй шудаст, месарояд!
Ҳе, масти навои нози ширин
Ширин даҳан аст, месарояд!
Ширинсуханон даҳан бубастанд,
Шириндаҳан аст, месарояд!
Шириндаҳанон, даҳони хушрӯш
Ширини бад аст, месарояд!
Куштаст ҳазор бенаворо,
Навбат ба ман аст, месарояд!
Хубон бираванд даста-даста
Бар сар зада даст, месарояд!
Эй бехабарон, чӣ месароед?
Ӯ аз чӣ кам аст? Месарояд!
Эй тангдилон, хӯред худро,
Ӯро чӣ ғам аст? Месарояд!
Эй беҳунарон, сафи шуморо
Додаст шикаст, месарояд!
Дунёталабони дун, бубинед:
Дунёра задаст, месарояд!!!

**Фарёд зи дастат, эй замона**

Фарёд зи дастат, эй замона,
Дасте нашикастат, эй замона.
Бар гардани мардумон нишастӣ,
Ту гардани мардумон шикастӣ.
Эй дода маро ҳазор озор,
Безор шудам, маро маёзор!

Бигзор ба ҳоли хеш, бигзор,
Бар ҳоли маҳоли хеш бигзор!
Эй карда ситам ба ҷони ширин,
Кай хӯрдаам обу нони ширин?
Аз дасти ту шуд сафед мӯям,
Аз дасти ту гашта зард рӯям.
Хоки сари кӯча дар сари ту,
Хокистари кӯча дар сари ту!
Фарёд ба даргаҳи илоҳӣ,
Расво чу касони рӯсиёҳӣ!

**Менависам, наменависам**

Бо хуни ҷигар, ки менависам,
Бе хуни ҷигар наменависам.
Бо дидаи тар, ки менависам,
Бе дидаи тар наменависам.
Ҳамчун ки навишта хуш Муродӣ,
Мисли хати турна менависам.
Байту ғазали асал навиштам,
Аз шаҳду шакар наменависам.
Сад бор агар хатат навиштам,
Як бори дигар наменависам.
Охир, нанавиштаӣ ҷавобе
Як бор, вагарна менависам.
Ҳарчанд нависам аз шаби ғам,
Бе ранги саҳар наменависам.
Бозори азиз хушнавис аст,
Он гуна ба зар наменависам.
Танҳо нарасад ба ӯ тавонам,
Беҳ аз кӣ магар наменависам?

**Бо нолаи зор чун ҳазорем**

Бо нолаи зор чун ҳазорем,
Дил пора, ду дида ашкборем.

Озор ҳазор дидаеме,
Нolандаи зор дар мазорем.
Ҳай селаи буз шудаст бисёр,
Гӯянд ҳамаш бузургворем.
Ёрон накунанд ёди мое,
Мо дар ғами ёру ҳам диёрем.
Морон чӣ газида ганда моро,
Бемор чунин зи неши морем.
Мардум ҳама сахт хору зоранд,
Мо низ яке аз ин шуморем.
Мо боз ҳазор қаҳрамонӣ
Аз мардуми зор интизорем.
Рафтанд аз ин Ватан саворон,
Мо гумшудагони дар ғуборем.

**Рӯзе, ки бирун зи хона гаштем**

Рӯзе, ки бирун зи хона гаштем,
Шуд ашк равон, равона гаштем.
Монанди кабӯтарон ба ҳар сӯ,
Оҳ, аз пайи обу дона гаштем.
Бо ростравон ба ҷон танидем,
Бо дузду ғар ошно нагаштем.
Дар дасти замонаи ғаму дард
Бозичаи кӯдакона гаштем.
Гаштем ба ҳар куҷо, дареғо,
Аз чанги ситам раҳо нагаштем.
Гаштем ба сар ҳамин раҳи ғам,
Онро, ба Худо, ба по нагаштем.
Ёрон, ҳама ҷо шуданд бемор,
Эй дӯст, магар ки мо нагаштем?
Сар бар сари якдигар гиристем,
Мурдему зи ҳам ҷудо нагаштем.
Сад хунбаи хуни мо бихӯрданд,
Мо аз пайи хунбаҳо нагаштем.
Эй кушта ба тиру теғ моро,
Мо мисли ту аз Худо нагаштем.

## Домони Худо гирифта рафтем

Домони Худо гирифта рафтем,
Бо марг чиҳо нагуфта рафтем.
Куштанд бародарони моро,
Мо войу дареғ гуфта рафтем.
Оҳ, оташи хун аланга мезад,
Яксар ҳама даргирифта рафтем.
Рафтем ба ҳар канору гӯша,
Ҷое, ки касе нарафта, рафтем.
Ҷое, ба Худо, хушӣ надидем,
Як ҳафтаи буд нарафта, рафтем.
Ёрони азиз дар таги хок
Бо синаи чок хуфта, рафтем.
Дар боғи ҳазор сина аз тир,
Во, лолаи тар шукуфта, рафтем.
Мирон сари мардумон гирифтанд,
Мо як сари худ гирифта рафтем...

## Куштӣ ту чаро чароғи моро?

Куштӣ ту чаро чароғи моро?
Ту сӯхтие димоғи моро.
Сад бор ту доғ мекунӣ, доғ
Ин синаи доғи доғи моро?
Эй, чашми ту дида ҳам натонист
Як лаҳзаяке фароғи моро.
Хашми туву оташи хазонҳо,
Эй, сӯхта чорбоғи моро!

## Ин селаи рӯсиёҳ пастанд

Ин селаи рӯсиёҳ пастанд,
Дар гардани мо гуноҳ бастанд.
Карданд басе сиёҳ моро,
Худ рӯйсиё, сиёҳдастанд.

Ҳар сӯй агар ки рӯ намудем,
Девона шуданду роҳ бастанд.
Бо пастии хеш боз нозанд,
Пастанд чунин, ки роҳ бастанд.
Мардум ҳама донад, ин гадоён
Гарданд агар ки шоҳ, пастанд.
Дидем, сарони пӯки онҳо,
Оре, ба таҳи кулоҳ пастанд.
Бовар накунӣ агар, азизам,
Як бор бикун нигоҳ, пастанд.
Не, не, ба Худо, дареғ бошад,
Зинҳор накун нигоҳ, пастанд.

**Зинҳор накун ту дилсиёҳӣ**

Зинҳор накун ту дилсиёҳӣ,
Охир, ту зи мо дигар чӣ хоҳӣ?
Боре ту барои мо нахоҳе
Чизе, ки барои худ нахоҳӣ.
Дарвешии мо хуш аст сад бор,
Оре, ба Худо, зи подшоҳӣ.
Зинҳор ситам ба кас накардем,
Мардум ҳама медиҳад гувоҳӣ.
Дидем ситам зи каҷкулоҳон,
Фарёду фиғон зи каҷкулоҳӣ.
Ҳар ду бари рӯи ту сиёҳ аст,
Ин гуна чаро ту рӯсиёҳӣ?
Кардӣ ту сиёҳ рӯзи моро,
Дунё ҳама медиҳад гувоҳӣ.
Бас нест магар ҳамин сиёҳит,
Аз бахти сиёҳи мо чи хоҳӣ?
Дар чашми сиришкбори мо ту,
Аз баҳри Худо, накун сиёҳӣ!

## Эй дӯст, мапурс ҳоли моро

Эй дӯст, мапурс ҳоли моро,
Бишкаста нигар ду боли моро.
Мо пир шудем аз ғаму дард,
Пурсӣ ту чӣ моҳу соли моро?
Осон бикун, эй Худои ширин,
Як бор яке муҳоли моро.
Эй вой, ҳамин сагони дайду
Доранд магар ки ҳоли моро?

## Дар косаи тар мазан ту дастат

Дар косаи тар мазан ту дастат,
Дар косаи сар бизан ду дастат.
Ё косаи сар шикан, шикан ту,
Ё худ бишикан чу ман ту дастат.
Зан бар сари санги хеш дасте,
Дар санги сарат шикан ту дастат.
Охир бихӯрӣ ҳазор афсӯс,
Бар сар бизанӣ чу ман ду дастат.
Ту аз сари худ агар битарсӣ,
Бар ин сари ман бизан ту дастат.
Фарёд назан, каранд инҳо,
Эй бар сари кар бизан ту дастат.
Ту бар сари он, ки бар сарат хест,
Эй, дар сари пар бизан ду дастат.
Дар косаи тар мазан ту дастат,
Дар косаи зар бизан ту дастат!

## Ту роҳ нарӯб, мешавӣ ҳайф

Ту роҳ нарӯб, мешавӣ ҳайф,
Ин аст на хуб, мешавӣ ҳайф.
Афсӯс, замона ганда гаштаст,
Эй духтари хуб, мешавӣ ҳайф.

Аз дасти замона бар сари хеш
Дудаста накӯб, мешавӣ ҳайф.
Аз дасти замона хӯрдаӣ ту
Сад химчаву чӯб, мешавӣ ҳайф.
Гар дар таги сар ниҳодаӣ санг,
Хондӣ ҳама хуб, мешавӣ ҳайф.
Онон, ки дигар ғаме надоранд,
Гӯянд: чӣ хуб, мешавӣ ҳайф.
Зан бар сари бесарон ту ҷорӯб,
Ту роҳ нарӯб, мешавӣ ҳайф.
Гуфтам, ба Худо, туро падарвор,
Эй духтари хуб, мешавӣ ҳайф!

**Эй, дар сари ту хаёли ҳурон**

Эй, дар сари ту хаёли ҳурон,
Дорӣ ҳаваси висоли ҳурон.
Бас нест, ки чанд ёр дорӣ
Ту дар бари худ мисоли ҳурон?!
Аз моли ҷаҳон ту кай шудӣ сер,
Кай сер шавӣ зи моли ҳурон?!
Моли ҳамаро ҳаром хӯрдӣ,
Бар туст ҳалол моли ҳурон?!
Ҳурон ба ту гар шаванд ошиқ,
Дар хоки хунук висоли ҳурон!
Ранги хунуки ту гар бубинанд,
Беранг шавад ҷамоли ҳурон.
Дар хоки хунук сари ту сад бор,
Эй, дар сари ту хаёли ҳурон!

**Эй хоҷа, бигӯ, ки мо киёнем**

Эй хоҷа, бигӯ, ки мо киёнем?
Лутида ба хок хокиёнем!
Тозем ба хӯрдани худоӣ,
Ҳе, баста миён ба локиёнем!

Эй ҷӯраи ҷон, ту рӯ бигардон,
Як бор нигар, ки бо киёнем!
Аз пушти киҳо намоз хонем?
Сарҳо зада бар қафо, киёнем?!
Гаштем ҳалоки лак Ҳалоку,
Лак-лак ҳамагӣ ҳалокиёнем!
Худро, ба Худо, намешиносем,
Моро ту бигӯ, Худо, киёнем?
Фарёд занад хурӯси шеърам
Эй хоҷа, бигӯ, ки мо киёнем?!

**Бо пул ҳамаро ту мехарӣ, хар**

Бо пул ҳамаро ту мехарӣ, хар,
Гар ин ҳамаро ту мехӯрӣ, хӯр!
Бо хеш магар ба гӯри тангат
Дунё ҳамаро ту мебарӣ, бар!
Эзори даридаат куҷо шуд?
Эй, бар сари мо гулӯ дарӣ, дар!
Бешарму ҳаё, зи пушти курсӣ
Худро ту ҳазор медарӣ, дар!
Бобои ту хӯрда хуни мардум,
Ту мурда агар ки мехӯрӣ, хӯр!
Очат, ба Худо, ки рӯсияҳ буд –
Он гуна ки буд дар ғарӣ ғар!
Раҳзан падари ту бепадар буд,
Аз пушти падар чӣ мепарӣ? Пар!

**Гар менигарӣ шикасти моро**

Гар менигарӣ шикасти моро,
Эй ҷӯра, нагир дасти моро!
Моро ба шикасти хеш бигзор,
Бигзор ба мо шикасти моро!
Ту дасти худат бигиру бигзар,
Озор мадеҳ ту дасти моро!

Як бор бубин, дуо чӣ гуна
Бардошта ҳар ду дасти моро!
Дорем Худои ҷони ширин,
Гиранда Худост дасти моро!

**Моро ҳама мезанад, хамӯшем**

Моро ҳама мезанад, хамӯшем,
Ҳе, баста даҳону чашм пӯшем.
Аз ин каламушҳо чӣ тарсем?
Мушем, бигӯ, магар, ҳа, мушем?
Ҳар гаҳ бизананд бар сари мо,
Мо ҳам бизанем, агар на мушем.
Мезад ба калӯш ошное,
Мо, ҷӯра, магар ки бе калӯшем?
Як ҷӯра чаро намехарему
Сад ҷӯраи хеш мефурӯшем?
Аз куштани дӯст даст шӯем,
Бар куштани душманон бикӯшем.

**Эй ҷӯра, агар ки нанг дорӣ**

Эй ҷӯра, агар ки нанг дорӣ,
Як майда агар ки ҳанг дорӣ,
Бархезу бизан сари ситамгар,
Охир, на сари гаранг дорӣ!
Гиряд зи ғами Ватан дили мо,
Дар сина магар ту санг дорӣ?!
Эй, чанг бизан ба синаҳошон,
Ту ҳам, ба Худо, ки чанг дорӣ!
Худро ту бизан ба ҷӯши дарё,
Андеша чӣ аз наҳанг дорӣ?!

**Мо тоҷики зӯри сарбаландем**

Мо тоҷики зӯри сарбаландем,
Аз рӯзи азал шикастабандем.

Бишкаста ду дасти душмани хеш,
Баргашта ба гарданаш бубандем.
Бишкаста сару миёни ӯро,
Ду пои варо ба мех бандем.
Бигзор, занад ҳазор фарёд,
Чоки даҳани варо набандем.
Бигзор, зи хештан бинолад,
Дандонаш агар шикаста кандем.
То ин ки бидонад ӯ кӣ ҳастем,
Зинҳор ду чашми ӯ набандем.
Гулдаст чунин куҷост усто?!
Донад, ки чӣ сон шикастабандем.
Хушрӯ манаҳаш чунон шикаста,
Хушрӯ манаҳи шикаста бандем.

## Эй он ки ту ошнои мой

Эй он, ки ту ошнои мой,
Бо душмани мо ту ошноӣ.
Бо душмани мо, ки ошноӣ,
Дигар ту чӣ ошнои мой?!
Савганд хӯрӣ, дурӯғ гӯӣ,
Охир, ту чаро ки рӯсиёӣ?!
Дар ойина бин, ки мекунад чун
Ҳар ду бари рӯи ту сиёӣ.
Бар мо манигар дубораи ду,
Дар дидаи мо накун сиёӣ!

## Як ош намешавад маошам

Як ош намешавад маошам,
Ҳайфи бачаҳои резу чошам.
Эй, даст намерасад, ки гирам
Дасти бачаҳои резу чошам.
Хо, дар сари чӣ дирам бичошам,
Хо, дар сари кӣ дирам бичошам,

Ё дар сари раҳ дирам бичошам,
Ё дар сари шаҳ дирам бичошам?
Усто бузи ланги сартарош аст,
Беоб сараш магам тарошам.
Ӯ сарзада сар чӣ метарошад?
Гирам сари ӯ, на сар тарошам.
Мардум ҳама дар ғами чӣ бошанд?
Ман дар ғами як-ду нола ошам.
Онон, ки хӯранд мурғи бирён,
Хонанд суруди наску мошам.
Мурғанд магар ки баччаҳоям,
Ҳе, дона ба пешашон бичошам.
Бо рӯи сиёҳ он кӣ бошад?
Бо рангаки зард ман кӣ бошам?
Ин шишасиёҳ мошини кист?
Эй кош, дар ӯ нишаста бошам.
Донам, ки даруни он кӣ бошад,
Ӯ низ бидонаде кӣ бошам.
Бар гардани рӯбаҳон занам банд,
Не хокзанам, на хокпошам.
Хуб аст агар кас, эй бародар,
Хоки сари роҳу хоки пошам.
Чун рафтаниям ба кор, эй дӯст,
Хуш несту риш метарошам.
Мардум рухи хеш мехарошанд,
Ман синаи хеш мехарошам.
Сад вою дареғат, эй ҷавонӣ,
Эй риш, туро наметарошам!

**Дастак назанӣ, ки мезанемат**

Дастак назанӣ, ки мезанемат,
Эй, зинда чу мурғ пар канемат!
Бисёр сарак назан, ки хезем,
Сар дар сари санги раҳ занемат.

Дубораи ду дигар нахезӣ,
Ҳуч карда ба сар агар занемат.
Моро сари тарс аз касе нест,
Пат-пат накунӣ, ки меканемат.
Поро кашӣ аз хати кашида,
Якбора ду пора мекунемат.
Чоки даҳанат бубанду накшо,
Ҳушёр бишав, ки нашканемат.
Безор шавӣ зи ҷони ширин,
Гуфтем чие, чунон кунемат.
Ҳе, лаб накушо, ки мекушемат,
Огоҳ дигар намекунемат!

**Эй тоҷики сарбаланд, бархез!**

Эй тоҷики сарбаланд, бархез.
Бархез, бикан ту банд, бархез!
Хокат, ба Худо, ки бод карда,
Эй, бар сари ту паранд, бархез!
Ганҷат сари бод мебаранде,
Гӯрат сари пар кананд, бархез!
Онон, ки хӯранд мору каждум,
Як рӯз туро хӯранд, бархез!
Эй, хурмаи гӯши хеш бишкан,
Эй, чуст камар бибанд, бархез!
Баркан пари беғамони пургӯ,
Ҷоғи ҳамаро бибанд, бархез!
Афсона раҳо бикун, раҳо шав
Аз доми балову банд, бархез!

**Эй шоми сияҳ, саҳар надорем**
***(Нолаи як бечора)***

Эй шоми сияҳ, саҳар надорем,
Дар дил ҳавасе дигар надорем.
Як модари зору чор хоҳар,
Ду додари ҷон, падар надорем.

Ку дасткашеву сарпарасте?
Ғамхор ба пешу бар надорем.
Бемор шудем сахт, дору
Бар захми дилу ҷигар надорем.
По бар сари мо зананд бисёр,
Мо дасти касе ба сар надорем.
Аз хӯрдани ғам ба ҷон расидем,
Боре ҳаваси шакар надорем.
Ноне, ки, Худои ҷон, кунемаш
Дар оби ду дида тар, надорем.
Аз даст бирафт хонаву дар,
Мо хонаву дар дигар надорем.
Ёрон ҳама рафта аз Ватан, вой,
Мо худ фараи сафар надорем.
Аз теғи бало куҷо гурезем?
Дар синаи худ сипар надорем.
Мо болу пари шикаста дорем,
Уммед зи ҳар ду бар надорем.
Банди камари шикаста дорем,
Мо тиру камон, табар надорем.
Дар гардани кист, эй падарҷон,
Хуни ту? Нагӯ хабар надорем.
Ӯро ба Худои ҷон супурдем,
Мо додрасе дигар надорем.

**Хар аз ту ҳазор бор беҳ аст**

Хар аз ту ҳазор бор беҳ аст.
Аз ту, ба Худо, ки мор беҳ аст!
Эй, дар дилат аз дуои мардум
Хунрез ҳазор хор беҳ аст!
Эй, зиндагият фиребу найранг.
Марги ту ҳазор бор беҳ аст!
Аз ёру диёр дур мирӣ
Бар чакраи об зор, беҳ аст!
Дар мурдаи ту ба ҷои мардум
Як селаи лошахор беҳ аст!

## Мо ҳам, ба Худо, раис будем

Мо ҳам, ба Худо, раис будем,
Чун соя сари саис будем.
Бар ҳеҷ касе ситам накардем,
Хубӣ, ба Худо, ки кам накардем.
Кардем ҳамеша меҳрубонӣ,
Мардем, ҳамеша меҳрубоне.
Рафтем, чи сарбаланд рафтем,
Гуфтем, ки сар хӯранд, рафтем.
Рафтему зи сар гирифта коре,
Гул шуд ҳама, боз шуд баҳоре!

## Ҳо ҷӯра, бигӯ куҷо равонӣ?

Ҳо ҷӯра, бигӯ куҷо равонӣ,
Эй, хоби ту беҳ, чаро равонӣ?
Охир, ба Худо, ки рост гӯем,
Аз мо, ба Худо, ҷудо равонӣ.
Мо бо ту намеравем ҳаргиз,
Бе мо ту дигар куҷо равонӣ?
Бе мо ту агар ки меравӣ, рав,
Донӣ ту магар куҷо равонӣ?
Аз бодаву бод пур шудастӣ,
Ҳо, сар-сари бодҳо равонӣ.
Бод аз сари хештан раҳо соз,
Эй сарзада, дар ҳаво равонӣ.
Дар бодияӣ ту бодпаймо,
Ҳо бодиярав, куҷо равонӣ?
Охир, ҳама зиндабод марг аст,
Ҳе, аз пайи мурдаҳо равонӣ.
Ту ҷӯра наӣ, киноя гуфтем,
Ноҷӯраи мо, куҷо равонӣ?
Моем чи бенаво нишаста,
Бо нағмаву бо наво равонӣ.
Девонаи шеъри ғам шудастем,
Ту масти таронаҳо равонӣ.

Ё бо сари дигарон равӣ ту,
Ё бо сари худ, куҷо равонӣ?
Дар чаҳ бизанӣ, дигар нахезӣ,
Ҳе, чашм кушо, куҷо равонӣ?
Ту куштаниӣ магар ки моро?
Як бор нигар, куҷо равонӣ?
Ҳар гуфтание, ки буд, гуфтем,
Нобуд, дигар куҷо равонӣ.

## Ту Каъба нарав, чӣ меравие?!

Ту Каъба нарав, чӣ меравие?!
Аз Каъбаравӣ чӣ мешавие?!
Ту пир шудӣ ба рӯсиёҳӣ,
Одам нашудӣ, намешавие!
Бо Каъбаравӣ намешавӣ пок,
Сад бор агар ки меравие!
Ин ҷо ҳамаро ҳаром кардӣ,
Нопок, ҳарам чӣ меравие?!
Покат накунад ҳазор дарё,
Нопок ба хок меравие.
Ҳай дар таги хоки тар бипӯсӣ,
Ту пок дигар намешавие.
Озор ҳазор дил кашидаст
Аз дасти ту, эй, чӣ меравие?!
Олуда ба хуни мост дастат,
Хунхӯрда чӣ маст медавие?
Оташ зада хонумони моро,
Эй, Каъба дигар чӣ меравие?!

## Сад вою дареғ, дар шикастем

Сад вою дареғ, дар шикастем,
Як ҷои шикастаро набастем.
Мо мардуми бенаво набудем,
Аз дасти кӣ бенаво шудастем?

Аз тозию турк хӯрда шамшер,
Мо даст ба рӯи худ задастем.
Гардонда зи ёру ошно рӯ,
Мо душмани хешро парастем.
Гаштем чӣ ошнои душман?
Чун душмани ошно шудастем?
Дар моҳу ситора чодари кист?
Аз доми бало чӣ мо нарастем?
Бар гардану дасту пои худ мо
Ҳай банди ситам таранг бастем.
Мурдем ҳазор сол дар ғам,
Фарёд, чӣ гуна беғам астем?

**Дар синаи мо ғам аст бисёр**

Дар синаи мо ғам аст бисёр,
Дар дидаи мо нам аст бисёр.
Бисёр кам аст дидани ту,
Дар дидаи ту кам аст бисёр.
Бисёр кам аст рӯи ширин,
Ҳай пушт паси ҳам аст бисёр.
Бисёр ғами дил аст моро,
Ӯро ғами ишкам аст бисёр.
Бисёр сари баланд шуд кам,
Эй дӯст, сари хам аст бисёр.
Бисёр зананд н-одамон, вой,
Фарёд, ки одам аст бисёр.
Сӯҳроб ҳанӯз хунфишон аст,
Чоки дили Рустам аст бисёр.
Охир, чӣ балост? Бин ситамро,
Эй, бар сари мардум аст бисёр.
Базми ту ҳамеша гарму моро
Аз дасти ту мотам аст бисёр.
Дар чашми қалам намонда ашке,
Ногуфта ба дил ғам аст бисёр.

## 3.

### Эй гул, ба сухан маро ту куштӣ

Эй гул, ба сухан маро ту куштӣ,
Бо шаҳди даҳан маро ту куштӣ.
Мондам сари худ ба оҳу нола
Дар пои ту ман, маро ту куштӣ.
Дурии Ватан ғами кушанда-ст,
Дар хоки Ватан маро ту куштӣ.
Бархезу бишин ба оҳу нола
Ту бар сари ман, маро ту куштӣ.
Куштӣ ту маро ба нози ширин,
Эй ширбадан, маро ту куштӣ.
Бобои ту кушта мардумонро,
Эй ҷонаки ман, маро ту куштӣ.
Ман кушта ҳазор нозанинро,
Эй, қанд бизан, маро ту куштӣ!

### Хуш омадию нашишта рафтӣ

Хуш омадию нашишта рафтӣ,
Як байти маро навишта рафтӣ.
Хуш бо қалами сиёҳи абрӯ
Байте ба дилам навишта рафтӣ.
Гуфтам накушӣ маро ба шӯхӣ,
Эй шӯх, маро ту кушта рафтӣ.
Мардум ба замину бар ҳаво ту
Мисли парию фаришта рафтӣ.
Сад бор барои ту задам вой,
Эй вой, ба сар думушта, рафтӣ.
Куштӣ ту маро, дареғи ман, оҳ,
Аз чӣ ҳамаро накушта рафтӣ?
Куштию ба оби дидаи хеш
Дар тахта маро ту шушта рафтӣ.

Пар-пар задию зи дасти Сайёд,
Эй кабк, ба сӯи пушта рафтӣ.
Лесам лаби худ ба ёди лабҳот,
Эй вой, лабат налишта рафтӣ.
Бастем ба пот риштаи ҷон,
Ту риштаи хеш ришта рафтӣ.
Гуфтам бигазам лабони хушрӯт,
Гуфтӣ битарош ришта, рафтӣ.

**Эй гул, ту биё, биё бишинем**

Эй гул, ту биё, биё бишинем,
Бе чуну чаро биё бишинем.
Хуш нест чунин Худои моро,
Аз баҳри Худо, биё бишинем.
Кори ману ту намешавад буд,
Мон ин ҳамаро, биё бишинем.
Дар косаи тар мазан ту дастат,
Бишкан ҳамаро, биё бишинем.
Аз дасти ту коса мӯ баровард,
Зан бар сарамо, биё бишинем.
Мардум чӣ шуданд аз пайи кор?
Дидӣ ҳамаро, биё бишинем.
Ман кор намекунам, ғамам нест,
Дидӣ, ҳа, маро? Биё бишинем.
Бигзор, кунанд кӯдакон кор,
Ҳо ҷони мано, биё бишинем.
Ту кор кунӣ, намекунад кор
Ин кӯдаки мо, биё бишинем.
Ман мешиканам туро, наёӣ,
Ту гӯй маро биё бишинем.
Ман мекушамат, наё ба ман сахт,
Гуфтам, ки биё, биё бишинем.
Эй очаи баччаҳои хушрӯ,
Пеши бачаҳо биё бишинем.

Не, не, бачаҳо кунанд бозӣ,
Дур аз бачаҳо биё бишинем.
Бо ёди ҷавониёи ширин,
Хушрӯи мано, биё бишинем.
Кардам ду ҳазор бор зора,
Як бор биё, биё бишинем.
Охир, ту бигӯ, агар наёӣ,
Гӯем киро биё бишинем?!
Мо пой ба рӯи ҷонамозем,
Бо дасти дуо, биё бишинем.
Ду даст ба даргаҳи илоҳӣ,
Эй, бесару по биё бишинем.
Дорам, ба Худо, гапи баҷоӣ,
Ту дону Худо, биё бишинем!

**Ӯ гуфт маро биё бишинем**

Ӯ гуфт маро биё бишинем,
Гуфтам, ба Худо, чаро нашинем?
Гуфто, ки ҷаҳон дигар чи дорад?
Боз о ба канори мо, бишинем.
Додаст Худои меҳрубонам
Бар мо ҳамаро, чаро нашинем?
Дасташ бигирифтаму бигуфтам:
Дар гӯшаи хушҳаво бишинем.
Шинем ба ҳам, ба ғам нашинем,
Чун дар дилу дидаҳо бишинем.
Биншаста канори обу гуфтем:
Эй умр, бирав, ки мо бишинем.
Байту ғазалу тарона хондем,
Гуфтам накушад Худо, бишинем.
Гуфто, ки нигар ба об як бор,
Об аст равону мо бишинем?
Гуфто, ки намешавад ба шиштан
Коре, ба Худо, чаро бишинем?

Гуфтам, ки ҳама ба хоб рафтанд,
Мо ҳам биравем ё бишинем?
Гуфто чи хуш аст хоби ширин,
Девона шудӣ, чаро бишинем?
Мо ҳам, ба Худо, ки хоб рафтем,
Эй моҳ, магӯ биё бишинем!

**Эй шӯх, биё канори мо шин**

Эй шӯх, биё канори мо шин,
Эй шӯхаки ғамбарори мо, шин.
Як бор маро ту гуфта будӣ:
Дар ин лаби ҷӯйбори мо шин.
Ношукрӣ аз он задаст моро,
Чун мо ту накун, канори мо шин.
Ҳе, бин, тани мо чанори хушрӯст,
Дар сояи шаҳчанори мо шин.
Ҳе, бин, сари мо сари манор аст,
Хушрӯ ба сари манори мо шин.
Гар тори манор хуш набошад,
Беғам бифаро, ба тори мо шин.
Чун халтаи бор бор кардем
Сад бор туро ба тори мошин.
Як бор туро чи гуфта будам:
Оҳиста фаро зи тори мошин.
Тори ту ҳазор бор хуштар.
Дар хок ҳазор тори мошин.
Ту даст бидеҳ, ба раҳ бароем,
Дигар набаро ба тори мошин.
Ҳо, гулчамане ҳамеша мегуфт:
Хуштар таги по зи тори мошин....
Тори сари ту хуш аст гуфтӣ,
Аз тори ҳавову тори мошин.
Имрӯз ҳазор ноз дорӣ,
Ҳай маст равӣ савори мошин.

Раҳ дуру дарозу мо пиёда,
Мардум ҳама интизори мошин.
Дар нимаи раҳ, Худо, бимонӣ,
Эй кош, занад матори мошин.
Як мошини боркаш биёрем,
Баргашта шавӣ ту бори мошин.
Хандида туро, кунем борат
Бо мошинакат ба тори мошин!

**Моро, ба Худо, ту куштаниӣ**

Моро, ба Худо, ту куштаниӣ,
Эй вой, чаро ту куштаниӣ?
Мо баччаи бегуноҳи нағзем,
Моро ба хато ту куштаниӣ.
Оварда ба нозу ишва моро,
Дар доми бало ту куштаниӣ.
Бо бӯса ту маст карда моро,
Рӯи ту сиё, ту куштаниӣ.
Гуфтӣ ҷигарат бирезад, эй вой,
Моро ба дуо ту куштаниӣ.
Овехта дар каманди мушкин,
Моро ба ҳаво ту куштаниӣ.
Рухсораи ту алови нон аст,
Моро чи бало ту куштаниӣ.
Дар себу анори ту бимирам,
Моро ба чиҳо ту куштаниӣ.
Бин, харбузаро чӣ гуна куштам,
Моро сари по ту куштаниӣ.
Мурдем дар он ду чашми мастат,
Ду маст гуво, ту куштаниӣ.
Гуфтӣ, ки биё, биё зи пуштам,
Моро ба куҷо ту куштаниӣ?!
Моро, ки Худо нахост куштан,
Бераҳм, чаро ту куштаниӣ?!

## Эй чашмсиёҳ, мекушиям

Эй чашмсиёҳ, мекушиям,
Бо ними нигоҳ мекушиям.
Ту сурма ба чашм мекашӣ, оҳ,
Ман мекашам оҳ, мекушиям.
Гуфтам бикунам ба сад ҳавас, вой,
Як бор нигоҳ, мекушиям.
Дар як параи сари базебат
Бишкаста кулоҳ, мекушиям.
Бо ноз ба роҳ мебароӣ,
Ваҳ, дар сари роҳ мекушиям.
Гуфтӣ, ки биё канорам имшаб,
Бе ҳеҷ гувоҳ мекушиям.
Гуфтӣ, ки пагаҳ биё, намерам,
Донам, ки пагоҳ мекушиям.
Эй вой, Худо, чӣ нозанинӣ,
Дар оташи оҳ мекушиям.
Худро бикушам агар бароят,
Рӯи ту сиёҳ, мекушиям!

## Дар чашми сиёҳи ту бимирам

Дар чашми сиёҳи ту бимирам,
Сармасти нигоҳи ту бимирам.
Мардум ба ҳазор раҳ бимиранд,
Ман дар сари роҳи ту бимирам.
Ду чашми туро гувоҳ гирам,
Дар ҳар ду гувоҳи ту бимирам.
Эй кафшу кулоҳи ту фарангӣ,
Дар кафшу кулоҳи ту бимирам.
Дар по ҷураби сиёҳ хушрӯст,
Дар пои сиёҳи ту бимирам.
Ту оҳ накаш, ки мекушиям,
Эй воҳ, дар оҳи ту бимирам!

## Мо дасти туро гирифта рафтем

Мо дасти туро гирифта рафтем,
Аз худ, ба Худо, ки рафта, рафтем.
Рафтанд ҳама ба хоби сангин,
По бар сари санги хуфта рафтем.
Хармӯҳра ба фанд мефурӯшанд,
Мо гавҳари ашк суфта рафтем.
Бо моҳу ситораҳои бедор
Мастона чиҳо нагуфта рафтем.
То домани раҳ зи даст додем,
Домони туро гирифта рафтем.
Бобои маро дурӯғ гуфтем,
Бобои туро нагуфта рафтем.
Ҷое ба замин ки хуш надидем,
Раҳ сӯи ҳаво гирифта рафтем.
Мо домани худ зи даст додем,
Домони Худо гирифта рафтем.

## Садбарги тар аст дар бари рӯт

Садбарги тар аст дар бари рӯт,
Хуш меравие ту дар бари шӯт.

Садбарги тарат канам ҳавоӣ,
Гирам ба лаби худ аз бари рӯт,
Эй дар таги пои ту сари ман,
Хоки сари кӯча дар сари шӯт.

Аз бӯсаи ман шукуфт, эй кош,
Ду лолаи тар ба ду бари рӯт.
Як дил, ба Худо, ки кардам, эй гул,
Ду санг занам дар он сари шӯт.

Сад бор дурӯғ гуфта, кай шуд
Як бор сиёҳ ду бари рӯт?

Метарсӣ, аз он ки дида моро,
Ҳангаст занад яке хари шӯт.

Дар сина ҳазору дар лабонам
Сад шеър барои ду бари рӯт.
Як бор агар бихонам, оранд
Сад бор хабар бар он кари шӯт.

Дил сӯхт барои ҳар ду поят,
Савганд хӯрам ба ду бари рӯт.
Охир, чӣ пиёда меравӣ ту?
Шав зуд савор бар хари шӯт.

Дар хоб задам ҳазор бӯса,
Зад ханда ҳазор гул бари рӯт.
Кардам, ба Худо, ки масти мастат,
Масти сари даст дар бари шӯт.

Гуфтӣ, ки чи гуна масти хоб аст,
Ҳайф аст барош як бари рӯт.
Аз хандаи ман парида бархест,
Эй, ҳуш парид аз сари шӯт.

Дидам, ба Худо, чи хоби ширин,
Ду бӯса чунон зи ду бари рӯт.
Сад ҳайфу дареғи ду бари рӯт,
Сад ҳайфи бари ту дар бари шӯт.

**Мо даст ба пот бурданием**

Мо даст ба пот бурданием,
Як сар ба ду по супурданием.
Як сар, ба Худо, киро надорад,
Сад ҷон, ба Худо, супурданием.
Бишмурда ҳазору як дурӯғат,
Дигар на яке шумурданием.

Мардум ҳама аз ғами ту мурданд,
Мо аз ғами ту намурданием.
Мо сахтсарему сангҷонем,
Номурда ғами ту хӯрданием.
Як косаи обу як лаби нон
Мо бе ғами ту нахӯрданием.
Чун кабк нахӯрда аз гулӯят
Обе ба ҳавас, намурданием.
Себи рухи ту газиданием,
Гелоси лаби ту хӯрданием.
Афшурда анори синаҳоро,
Доруи фишор хӯрданием.
Шаҳтути ду чашми ту чашида,
Шукри ту ҳазор карданием.
Сад сол ҳавас агарчи хӯрдем,
Мо харбузаро нахӯрданием.
Мо харбузаро кушем, ҳайф аст,
Онро сари даст бурданием.

**Эй духтараки сиёҳаки нағз**

Эй духтараки сиёҳаки нағз,
Мурдем дар он ду поҳаки нағз.
Моро ба канори куштагонат
Куштӣ ба яке нигоҳаки нағз.
Рӯмоли туро, Худо, барад бод,
Монам ба сарат кулоҳаки нағз.
Сад роҳи расидан аст то ту,
Ҳар як, ба Худост, роҳаки нағз.
Рашке ба сафедакони хушрӯ
Ҳаргиз мабар, эй сиёҳаки нағз.
Чун оҳ кашӣ, ту мекушиям,
Хуш мекашӣ оҳ, оҳаки нағз.
Оҳи дили мо чӣ оҳ будаст?
Оҳи дили туст оҳаки нағз.
Ман хонаи бахти ту сафедак
Фардо бикунам ба оҳаки нағз.

Эй, кафшаки нағзаке ба поят,
Эй, бар саракат кулоҳаки нағз.
Ҳар ҷо, ки ту пой монӣ, эй вой,
Рӯяд гулаку гиёҳаки нағз.
Ту дар бари ман арӯсаки шӯх,
Ман дар бараки ту шоҳаки нағз.
Мо моҳи асал-пасал надонем,
Моҳи майи мост моҳаки нағз!

## Эй духтараки сафедаки нағз

Эй духтараки сафедаки нағз,
Дорам ҳавасу умедаки нағз.
Як бор биё, ба ҳам бишинем
Дар сояи нағзи бедаки нағз.
Биншаста чи ранг нағз мардум:
Зарду сияҳу сафедаки нағз.
Ин сӯ бинигар, нишаста хушрӯ
Кампираку мӯсафедаки нағз.
Эй оби равон, бирав, намерам
Ман бо ту зи бехи бедаки нағз.
Оҳ, очаи ту маро дуо кард
Сад бор ба барги бедаки нағз.
Коре накунӣ маро кушӣ зор,
Дар сина ҳазор умедаки нағз.
Ҳаргиз накунӣ сиёҳ рӯят,
Эй духтараки сафедаки нағз!

## Ту дар бари кӣ нишастанӣ?

Ту дар бари кӣ нишастанӣ?
Бар рӯи кӣ дар ту бастанӣ?
Бо ашк сари ғами ту шустем,
Аз мо чӣ ту даст шустанӣ?
Ин шохи ҷавонияст моро,
Ин шох чаро шикастанӣ?

Санге ба даруни сина дорӣ,
Ҷоми дили мо шикастаниӣ.
Чун сарву санавбарони хушрӯ
Дар боғи дили кӣ рустаниӣ?
Дар дидаи мо ту рустаниӣ,
Дар синаи мо нарустаниӣ.
Гарданкаҷи бӯсае шудастем,
Дар поча сухан набастаниӣ.
Эй, гардани ту баланди хушрӯ,
Ин гардани каҷ шикастаниӣ!

**Гуфтам, ки биё, чӣ кор дорӣ?**

Гуфтам, ки биё, чӣ кор дорӣ?
Гуфто, ки ба мо чӣ кор дорӣ?
Гуфтам, ки ҳазор кор дорам,
Гуфто, ки биё, чӣ кор дорӣ?
Гуфтам, ки биё, гап аст, гуфто:
Рӯйи ту сиё, чӣ кор дорӣ?
Гуфтам, ба Худо, гапам баҷоист,
Гуфто ба Худо чӣ кор дорӣ?
Гуфтам ҳаваси шикор дорам,
Гуфто, ки чиро шикор дорӣ?
Гуфтам, ки шикори кабки синат,
Гуфто, ки хато шикор дорӣ.
Гуфтам, ки чаро чунин балоӣ?
Гуфто ба бало чӣ кор дорӣ?
Гуфтам ба навозишат маро куш.
Гуфто ба наво чӣ кор дорӣ?
Гуфтам, ки чаро ту мекушиям?!
Гуфто ба чаро чӣ кор дорӣ?
Дидам, ки намешавад, бирафтам,
Омад, ки биё, чӣ кор дорӣ?
Гуфтам, ки сари раҳ аст, гуфто:
Биншин сари по, чӣ кор дорӣ?

Дасташ бигирифтаму бирафтам,
Гуфто, ба Худо, чӣ кор дорӣ?
Гуфтам ба ту ҳаст кор моро,
Ту худ ба Худо чӣ кор дорӣ?
Рафтем ба хилвате, ки гуфто:
Моему Худо, чӣ кор дорӣ?
Бурдам ба камар-ш даст, гуфто:
Ту дону Худо, чӣ кор дорӣ?
Ду бӯса задам, бирафт аз ҳуш,
Гуфтам, санамо, чӣ кор дорӣ?
Оҳиста бигуфт, аз ту моем,
Эй бачча, биё, чӣ кор дорӣ?

**Додӣ ту агар ҳазор фандам**

Додӣ ту агар ҳазор фандам,
Гуфтӣ, ки туро ба фанд бандам,
Моро чӣ хаёл кардӣ, охир,
Дидӣ, ки задӣ ту дар камандам?!
Май хӯрдам аз он ду чашми мастат,
Ҳай-ҳай, майи нобро писандам.
Оваҳ, зи гулӯи ту газидам,
Аз баҳри газак лимӯт кандам.
Дар хона баранд агар гумонам,
Гуфтӣ, ба Худо, ки мекушандам.
Бобот бикушт мардумонро,
Шуд кушта худаш, бигир пандам!

**Ту дода ба мо ду бор бӯса**

Ту дода ба мо ду бор бӯса,
Мо масти хаёли чор бӯса.
Гуфтӣ ба ду бӯса масти мастӣ,
Девона шавӣ ба чор бӯса.
Гуфтӣ, ки биё ба хона имшаб,
Якбора диҳам ҳазор бӯса!

Дар банди дилам ҳазор ғам буд,
Бурд аз дили ман ғубор бӯса.
Эй гашта чунон ба бӯсае маст,
Кардаст маро хумор бӯса.
Як бор наёмадӣ, ки бинӣ
Кардаст маро чӣ кор бӯса.
Эй кушта маро ба бӯсае маст,
Мурдӣ ту барои чор бӯса.
Куштан ба ду бӯса хуш набошад,
Мекуш ба ду-се ҳазор бӯса!
Эй, дар саракат алов, хушрӯ,
Гӯ бар лаби ман бибор бӯса!
Эй, дар сари нанг хуб гуфтӣ:
Дар синаи ман бикор бӯса!
Киштем ду бӯса дар зимистон,
Гуфтӣ, ки бичин баҳор бӯса!
Сайёд кунад шикор оҳу,
Ман мекуname шикор бӯса!

## Гуфтам, ки бидеҳ ду бор бӯса

Гуфтам, ки бидеҳ ду бор бӯса,
Шӯяд зи дилам ғубор бӯса.
Дар баччаи гушна мурдаме гуфт,
Якбора бигир чор бӯса!
Гуфтам лабакат биёр, ширин,
Бо панҷаи худ шумор бӯса.
Гуфто накунад басӣ агар ин,
Ошат бишавад ҳазор бӯса!
Ду бӯса чӣ масти маст кардам,
Девонаи ҳот чор бӯса.
Гуфто чӣ ғам аст? Мекунад боз
Ҳушёр туро ҳазор бӯса.
Як бӯса задам, ки рафт ҳушам,
Додаст яке нигор бӯса.

Гуфтам ба ду бӯса куштиям, гуфт:
Зиндат бикунам ба чор бӯса.
Гуфтам дуву чор агар чунин аст,
Чун мешавам аз ҳазор бӯса?
Во, пеши бараш яке кушодам,
Гуфтам кунадам чӣ кор бӯса?
Гуфто, ки ту мешавӣ биҳиштӣ
Бо сесаду шасту чор бӯса.
Гуфтам, ба Худо, агар чунин аст,
Бо ман чӣ кунад ҳазор бӯса?
Гуфто, ки агар биҳишта дидӣ,
Бар сабза занӣ ҳазор бӯса.
Сад бӯса задам, биҳишт рафтам,
Кардам ба ҳавас анор бӯса.
Эй, бар лаби Кавсар омадам, гуфт:
Зан бар лабаше ҳазор бӯса!
Гуфтам, ки шумора гум шуд, эй вой,
Гуфт оши ту бешумор бӯса!

**Гуфтам, ки бидеҳ, нигор, бӯса**

Гуфтам, ки бидеҳ, нигор, бӯса,
Хуш маст шавам ба чор бӯса.
Гуфто, ки накун ба бӯса шӯхӣ,
Дорад, ба Худо, хумор бӯса.
Гуфтам чӣ хаёл кардиям, ҳей?
Ман мехӯраме, биёр бӯса!
Гуфто, ба Худо, ки нест бозӣ,
Бошад агар обдор бӯса.
Мо харбуза мехӯрем гуфтам,
Савганд, ба як ҳазор бӯса.
Гуфто, ба Худо, надидаӣ, оҳ,
Эй ҷӯра, ту ширадор бӯса.
Гуфтам, ба Худо, чӣ ҷои тарс аст?
Ку, бест, занам ҳазор бӯса.
Гуфто, ки агар ту зӯр бошӣ,
Зан ку, ҳамагӣ ду бор бӯса.

Як бор задам, ки дар гирифтам,
Будаст, Худо, чӣ кор бӯса?!
Ай сӯзиши дил, ки мешудам об,
Якбора задам ду бор бӯса.
Эй вой, дигар надонам, эй вой,
Кардаст маро чӣ кор бӯса?!

**Аз хона ба ноз мебарой**

Аз хона ба ноз мебарой,
Бисёр ту соз мебарой.
Ширин ба ҳазор печу тобат
Аз сина чу роз мебарой.
Сӯзонда маро ба як нигоҳат,
Бо сӯзу гудоз мебарой.
Баргашта ба ноз медарой,
Дубора ба ноз мебарой.
Эй, нози кушандаи ту ширин,
Ширин чӣ ба ноз мебарой.
Дар хоб ба ноз медарой,
Аз хоб ба ноз мебарой.
Ман аз ғами ту намоз хонам,
Ту вақти намоз мебарой.
Дар хона ба ноз медарой,
Донам, ки ту боз мебарой.
Эй вой, маро ба ноз кушта,
Эй, боз ба ноз мебарой!

**Дар хона ба ноз медарой**

Дар хона ба ноз медарой,
Хушрӯй чӣ соз медарой.
Сӯзонда маро ба нози ширин,
Бо сӯзу гудоз медарой.
Бо нози кушанда мебарой,
Дубора ту боз медарой.

Ҳамчун ки ба ноз мебарой,
Охир, ту чӣ боз медарой?
Бо ноз маро ту мекунӣ маст,
Баргашта ба ноз медарой.
Он гуна ба хобҳои ширин
Шабҳои дароз медарой.
Эй, дар дилу дидаи хаёлам
Ҳангоми намоз медарой.
Эй, кушта маро ба нозу шӯхӣ,
Рӯлахча, ту боз медарой!

**Аз хона чаро намебарой?**

Аз хона чаро намебарой?!
Як бор баро, намебарой?!
Мардум ҳама хуш баромадастанд,
Ҳо бехабаро, намебарой?!
Ё менигарӣ зи пушти парда,
Дидӣ ҳамаро, намебарой?!
Ман ҳам ба ҳавас баромадастам,
Дидӣ ҳа, маро, намебарой?!
Ё ин ки маро надидаӣ ту,
Нодида маро намебарой?!
Ё кина ба дил гирифтаӣ ту,
Ҳо, дида маро, намебарой?!
Ман кабк будам, ту хирмани гул,
Гуфтӣ ба чаро намебарой?!
Дар ин бача мемурем гуфтӣ,
Куштӣ бачаро, намебарой?!

**Аз хона баромадӣ, азизам**

Аз хона баромадӣ, азизам,
Бо мо набаромадӣ, азизам.
Охир, ту бигӯ, чаро ки бо мо
Якҷо набаромадӣ, азизам?!

Эй, гар набаромадӣ ту бо мо,
Бе мо набаромадӣ, азизам.
Пеш аз ту ки ҷони мо баромад,
Танҳо набаромадӣ, азизам.
Хушрӯ чу кабӯтари сафеде
Аз лона баромадӣ, азизам.
Монанди худӣ даромадиву
Бегона баромадӣ, азизам.
Ошиқ шудию дареғ, чун мо
Шайдо набаромадӣ, азизам.
Маҷнун шудаму дареғи саҳро,
Лайло набаромадӣ, азизам.
Девонаи ҳот карда моро,
Мастона баромадӣ, азизам.

**Гуфтам, ки Худо, зи дар дароӣ**

Гуфтам, ки Худо, зи дар дароӣ,
Боре на зи дар дигар бароӣ.
Аз тори ҳаво чу як парие
Хушрӯ бипарию пар-пар оӣ.
Бигзор, дигар нахезам аз хоб,
Дар хоби хушам агар дароӣ.
Чун сарви баланди нозанине,
Шинам ба барат, ба сар бароӣ.
Монанди санавбарони хушбар
Бо дилбарият ба бар бароӣ.
Дар шохи ҷавониям нишинӣ,
Эй мурғи саро, ба сар сароӣ.
Бемор шудем зору безор,
Аз ёр ту бехабар чароӣ?!
Фарёд занам, фариштаи ман,
Саршори фар ин сафар фароӣ.
Бо нолаи талхи зор зорам,
Эй кошки, лабшакар, дароӣ.

Як бор биё, дигар намонам
Боре ба раҳи дигар гароӣ.
Ман мекушамат, Худо занад ки
Як бори дигар зи дар бароӣ!

**Ӯ гуфт биё бигир дастам**

Ӯ гуфт биё бигир дастам,
Гуфтам назанам ба шир дастам.
Шав садқаи шири дасти ман гуфт,
Бин, сӯхта дар фатир дастам.
Гуфтам, ки ту кабки масти мастӣ,
Гуфто, ки биё бигир мастам.
Гуфтам ту арӯсакӣ, бигуфт ӯ:
Чун пир шавам, нагир дастам.
Мо пир шудем гуфтам, охир,
Ё пир, бигуфт гир дастам.
Гуфтам, ки ду пои ту бигирам,
Ту гӯй, Худо, бигир дастам.
Гуфто, ки Худо бигира ҷонма,
Ту дону Худо, бигир дастам.
Дасташ бигирифтаму фитодам,
Гуфтам, ки Худо, бигир дастам.

**Абрӯсияҳе дилам сияҳ кард**

Абрӯсияҳе дилам сияҳ кард,
Бечора дилам магар гунаҳ кард?
Абрӯи сиёҳи нозанинро
Чун банди камар чаро гираҳ кард?
Гуфтам, ки сияҳ накун диламро,
Дубора дили маро сияҳ кард.
Гуфтам, ки бидеҳ ду бӯсаи тар,
Ӯ ваъда ба чору панҷу даҳ кард.
Гуфтам, ки биё, яке бигирам,
Як ханда заду «пагаҳ-пагаҳ» кард.

Савганд ба номат, эй Худо, хӯрд,
Ҳар ду бари рӯи худ сияҳ кард.
Рӯзи дигараш бидидам, эй вой,
Нолиду ҳазор оҳу ваҳ кард.
Гуфт очаи ман бидида моро,
Зад шаб танаи маро сияҳ кард;
Гуфтам, ки ту мекушӣ маро, гуфт:
Ҳо, кушта шавад, касе гунаҳ кард.
Гуфтам, ки дигар натарс аз вай,
Дар пеши Худо худаш гунаҳ кард.
Пас даст бибурдаме ба пояш,
Дастат хунук аст гуфту наҳ кард.
Гуфтам, ки чӣ кӯтаҳ аст доман,
Болои бадаш кашиду таҳ кард.
Гуфтам таҳи доманат чӣ дорӣ?
«Паҳ» гуфту ба хандае нигаҳ кард.
Он гаҳ ба миёни ҳар ду ангушт
Ангушти дигар ниҳоду «маҳ» кард.
Эй вой, яке биёмад очаш,
Песонда маро чи бад нигаҳ кард.
Эй, дода маро ҳазор дашном,
Оби рухи ман ба рӯи раҳ кард.
Эй, дар бигирифту зад забона,
Худро, ба Худо, алови каҳ кард.
Омад падари ман аз кучҷое,
Ҳе рӯзи варо шаби сияҳ кард.

**Эй, рафта туро зи ёд моем**

Эй, рафта туро зи ёд моем,
Бо ёди рухи ту шод моем.
Оне, ки туро ҳамеша орад
Бо байту ғазал ба ёд, моем.
Мардум ба муроди худ расиданд,
Носудаи номурод моем.

Моем ягона ошиқи зор,
Дорӣ ту гумон зиёд моем.
Олим ҳама шоирон шудастанд,
Як шоири бесавод моем.
Дорад ҳамаро ба ёд мардум,
Як рафта варо зи ёд моем.
Мо шоири ошиқи ғарибем,
Рӯ дар дами барфу бод моем.
Аз шеър агар шакар бихоҳӣ,
Дорандаи он зиёд моем.
Мо зинда ба шеъри дилнишинем,
Бе ҳоҷати «зинда бод!» моем.
Аз шеъри тараш ҳазор гулзор
Онро, ки Худо бидод, моем.
Аз шеъри ҳамеша норасида
Онро, ки Худо надод, моем.
Бедодгарии шоирон бин,
Як шоири дарду дод моем.
Онро, ки ҳамеша хокзанҳо
Гӯянд, Худо, мабод, моем.
Ангуштшумор бин бузургон,
Дигар ту нагӯ зиёд моем.
Боз о ба сари баланд, боз о,
Аз омадани ту шод моем.
Сар монда ба роҳи ту касе ҳаст,
Хокаш ба сар аст бод, моем!

**Мо садқаи абрувони борик**

Мо садқаи абрувони борик, –
Ду мисраяки равони борик.
Ду сӯй чӣ хуш равон шудастанд
Ду оби равон, равони борик.
Ду соқи баланди кушта моро
Хуш руста аз устухони борик.
Аз дасти сагони ошиқи ту
Мондаст ҳамон ду рони борик.

Борик чу мӯи ту сухан ку?
Мурдем дар он миёни борик.
Моро ту намон шавем фарбӣ,
Монем чунин ҷавони борик.
Ин баччаи шӯхро ту куштӣ
Бо химчаи хунчакони борик!

## Шоме, ки туро ба бар гирифтем

Шоме, ки туро ба бар гирифтем,
Дудаста аз он камар гирифтем.
Аз ду пара баргирифта нағзат,
Якбора ба зери пар гирифтем.
Эй, дар сари пар гирифта бӯса,
Дар ду пара болу пар гирифтем.
Ту як бари рӯ ба мо бидодӣ,
Мо бӯса хуш аз ду бар гирифтем.
Аз чашми баноз май кашидем,
Аз ҳар ду лабат шакар гирифтем.
Мо даст ба пои ту бибурдем,
Мо дасти туро ба сар гирифтем.
Бо зӯр агар ҷаҳон гирифтанд,
Мо бо зари як назар гирифтем.
Мардум ба фиреб сайд гиранд,
Мо сайд ба сад ҳунар гирифтем.
Аз синаи нозанин ба мастӣ
Як бӯса гирифта дар гирифтем.
Як бӯсаи тар бисӯхт моро,
Сад об задӣ, ки дар гирифтем!

## Рухсораи ту алови нон аст

Рухсораи ту алови нон аст,
Дар синаи мо алови ҷон аст.
Мо синаи лолазор дидем,
Ҳаргиз на чунину не чунон аст.

Лахти дили зори ман дар оташ
Пухтаст чунон, ки ҳамчу нон аст.
Оҳ, оташи мо занад забона,
Оҳ, оташи лола безабон аст.
Хуншор дилам зи дастат, эй вой,
Ду дида ҳамеша хунфишон аст.
Оҳ, очаи ту дурӯғи бад гуфт:
Ин духтари ман чӣ меҳрубон аст.
Дидем, ки меҳрубони очаш
Моро, ба Худо, балои ҷон аст.

**Чашми тари ту чӣ хел хушрӯст**

Чашми тари ту чӣ хел хушрӯст, –
Ду гавҳари ту чӣ хел хушрӯст!
Танҳо ба ту мезанам хушомад:
Саг бар дари ту чӣ хел хушрӯст.
Байте, ки барои ту навиштам
Дар дафтари ту, чӣ хел хушрӯст!
Мӯи сари мо бирехт яксар,
Мӯи сари ту чӣ хел хушрӯст!
Хуш меравие ту кушта моро,
Пову пари ту чӣ хел хушрӯст!
Боғи бағалат баланду болост,
Пеши бари ту чӣ хел хушрӯст!
Дар пеши бари ту чанбари гул,
Гулчанбари ту чӣ хел хушрӯст!
Дар ин бару он бари ту ҷонам,
Ҳар ду бари ту чӣ хел хушрӯст!
Пай кардааме танат ба дандон,
Ҳо, пайкари ту чӣ хел хушрӯст!
Бобом ба модари ту мегуфт:
Ҳо, духтари ту чӣ хел хушрӯст!
Ту нусхаи модари худ астӣ,
Ҳо, модари ту чӣ хел хушрӯст!

Фарёд задам, нигаҳ накардӣ,
Гӯши кари ту чӣ хел хушрӯст!

## Савганд ба пиччаҳои хушрӯ

Савганд ба пиччаҳои хушрӯ,
Пову пару почаҳои хушрӯ,
Куштаст ҳазор бор моро
Бо чашми сиё, сиёи хушрӯ.
Хушрӯи мано, куҷост безеб?
Бо ту ҳама ҷост ҷои хушрӯ!
Бе ту ҳама хоку моки дунё,
Эй, дар сари кӯчаҳои хушрӯ!
Мардум бимурад барои ҳар чиз,
Ман мемураме барои хушрӯ.
Мурдем дар осмони чашмат,
Дорад, ба Худо, ҳавои хушрӯ.
Хуш омадаӣ ба хонаи мо,
Аз туст ҳамин сарои хушрӯ.
Ширин бисаро ба сар маро боз,
Эй сори сухансарои хушрӯ!
Эй, ҳой зананд мардумон бад,
Ту ҳой занӣ, чи ҳои хушрӯ.
Дорӣ ҳама чизи хуш, надорӣ,
Ту дону Худо, чиҳои хушрӯ?!
Лойи ту чи лойи нағз будаст,
Будаст вай аз куҷои хушрӯ?
По бар сари мо бимон, намон ту
Дар фарш ҳамон ду пои хушрӯ.
Дар чарх занем чарх сармаст
Бо моҳу ситораҳои хушрӯ.
Бо бӯсазанӣ занем ширин
Дар барги лабат навои хушрӯ.
Ёро, ғами ҷову по надорем,
Ку аз ду бари ту ҷои хушрӯ?!

## Ҳай гул, ба Худо, шудаст хушрӯ

Ҳай гул, ба Худо, шудаст хушрӯ,
Ҳай дар бари мо нишаст хушрӯ.
Хушрӯй ду банди по диловез,
Хушрӯй ду банди даст, хушрӯ.
Ду чашми сиё чӣ нозанин аст,
Ду чашми сиёи маст хушрӯ.
Дар ду бари рӯи нозанинаш
Рӯ холи сиё задаст хушрӯ.
Хушрӯ зада рӯ, чунон ки гӯйӣ,
Ӯ холи сиё задаст хушрӯ.
Хушрӯ, ба Худо, даҳони мо қанд,
Зад бӯса даҳон, бибаст хушрӯ.
Чун кавгаки маст месарояд,
Чун кавгаки масти маст хушрӯ.
Мастура хӯрад ҳазор савганд:
Ӯ май, ба Худо, задаст хушрӯ.
Не, не, назадаст чакраи май,
Бе май шуда масти маст хушрӯ.
Мо сахт задем, сахт бӯса,
Вай сахт шудаст маст хушрӯ!

## Мисли ту надидаем хушрӯ

Мисли ту надидаем хушрӯ,
Боре нашунидаем хушрӯ.
Хушрӯии ту чӣ хуш барад ҳуш,
Лабро чӣ газидаем хушрӯ.
Дар ҳасрати ту зи тори девор
Ҳай калла кашидаем хушрӯ.
Дар кӯчаи нозанини ишқат
Бисёр давидаем хушрӯ.
Мо сурати ту ба нози хушрӯт
Бисёр кашидаем хушрӯ.

Пероҳани ту чӣ хел хушрӯст,
Онро чӣ кашидаем хушрӯ.
Ҳе, бӯса аз он лабони хушрӯт
Бо замзама чидаем хушрӯ.
Чун чашми ту кард маст моро,
Ҳай-ҳай, калавидаем хушрӯ.
Аз синаи ногазидаи ту
Ангушт газидаем хушрӯ.
Ду шонаи нозанини хушрӯт
Дар хоб шакидаем хушрӯ.
Мо баччаи норасидаи шӯх,
Бо ту чӣ танидаем хушрӯ.
Мо харбузаем, гир гуфтӣ,
Оҳиста, расидаем хушрӯ.
Ҳе, харбузаро чунин ба ҷое,
Савганд, надидаем хушрӯ!

**Эй, дар лаби ҷӯ нишаста хушрӯ**

Эй, дар лаби ҷӯ нишаста хушрӯ,
Мислат кӣ, бигӯ, нишаста хушрӯ?!
Дар гардани бастаи ту ҷонам,
Захме ба гулӯ нишаста хушрӯ.
Эй, банди гулӯ кушо, ки бинам
Чун гул ба гулӯ нишаста хушрӯ.
Гул баста гулӯи нозанинат,
Гул рӯи ба рӯ нишаста хушрӯ.
Эй, бар сари ошиқони сармаст
Ин гуна сабӯ нишаста хушрӯ.
Гул баста гулӯи ту зи бӯса,
Гул маст зи бӯ нишаста хушрӯ.
Як-ду паяке зи неши дандон
Дар ду бари рӯ нишаста хушрӯ!

## Ҳе, дар лаби ҷӯ нишаста хушрӯ

Ҳе, дар лаби ҷӯ нишаста хушрӯ,
Бо замзама коса шуста хушрӯ.
Хушрӯ лаби нозанин газидӣ,
Эй, коса яке шикаста хушрӯ.
Ин косаи лабшикастаро зан,
Эй, бар сари мо дудаста хушрӯ.
Эй, шохи маро шикан, сарамро
Дар бар ту бигир баста хушрӯ.
Рӯмол ба сар чӣ гуна бастӣ?
Ин гуна касе набаста хушрӯ.
Рӯмол кушо, сари маро банд,
Он гуна ки кас набаста хушрӯ.
Ман бӯса занам лабат, гирифта
Аз банди камар дудаста хушрӯ.
Ҳай маст шавам, барӣ маро ту
То хонаи худ бадаста хушрӯ.
Оҳиста ба бистарам бимонӣ,
Дар бар кашиям дудаста хушрӯ.
Ҳушёр шавам, шавам дубора
Масти майи ту гириста хушрӯ.

## Ҳо, дар лаби ҷӯ нишаста хушрӯ

Ҳо, дар лаби ҷӯ нишаста хушрӯ,
Хуш об хӯрӣ дудаста хушрӯ.
Боз об диҳӣ маро ба шӯхӣ
Дар косаи лабшикаста хушрӯ.
Оҳиста яке бигирамат боз
Аз банди камар дудаста хушрӯ.
Ҳе, бӯса занам лабат, чунонки,
Ҳо, мешиканӣ ту писта хушрӯ.
Бо бӯса даҳони ту бибандам,
Армони дилам шикаста хушрӯ.
Ман маст шавам, занӣ маро боз
Дар ду бари рӯ дудаста хушрӯ.

Ҳай-ҳай, нашавам дубора ҳушёр,
Дар об занам гириста хушрӯ.
Аз об маро кашида гирӣ,
То хона барӣ бадаста хушрӯ.
Дар бистари ту ба худ биёям,
Бинам, ки туӣ нишаста хушрӯ.
Ҳо, боз бигираме чӣ ширин
Аз ду бари ту дудаста хушрӯ.
Ҳе, маст шавам, яке бимирам,
Шин бар сари ман гириста хушрӯ.

## Оҳ, эй сари по нишаста хушрӯ

Оҳ, эй сари по нишаста хушрӯ,
Ҳучат бикунам дудаста хушрӯ.
Рӯмоли туро худам бибандам,
Мисле ки касе набаста хушрӯ.
Якшоха бибандаме сарандоз,
Эй, шохи ту ношикаста хушрӯ.
Гар дид касе, бигӯяд: ин гул
Рӯмола чӣ гуна баста хушрӯ!
Ҳайрон шуда очаи ту гӯяд:
Рӯмоли туро кӣ баста хушрӯ?
Хандида бигӯӣ: очаи ҷон,
Як баччаи нағз баста хушрӯ.
Рӯи ту сафед гӯяд очат,
Ӯ бачча кияст, баста хушрӯ?!
Гӯӣ: накунӣ ту ҷангам, оча,
Меорамаше бадаста хушрӯ.
Оиву дигар маро наёбӣ,
Баргашта равӣ гириста хушрӯ.

## Дар дасти ту ду анор хушрӯ

Дар дасти ту ду анор хушрӯ,
Ин сӯй яке биёр хушрӯ!

Ҳай-ҳай, чӣ хуш аст ин анорат,
Ку дор дигар анор хушрӯ!
Ҳай-ҳай, чӣ хуш аст анори ширин,
Ку дигар аз ин анор хушрӯ?!
Хушрӯй бимон анор ин сӯ,
Ҳе, харбузаро биёр хушрӯ!
Ку харбузаро биёр, бинем,
Ман мекушамаш, ту дор хушрӯ!
Бин, харбузаро чӣ гуна куштам,
Эй, кушта чу ман ҳазор хушрӯ!
Оби даҳанам бирафт, ҳай-ҳай,
Ҳай харбуза ширадор хушрӯ!
Чун харбузаат агар кушам, чӣ?
Ку гардани худ биёр хушрӯ!

**Рӯи ту сафеди барфи хушрӯ**

Рӯи ту сафеди барфи хушрӯ,
Бо мо назадӣ ду ҳарфи хушрӯ.
Дар мижаи озанинат, эй гул,
Биншаста чӣ гуна барфи хушрӯ!
Дар гардани нозанинат, эй гул,
Бин, баста чӣ гуна шарфи хушрӯ
Оғӯши ту сахт нозанин аст,
Хушрӯ чамани шигарфи хушрӯ.
Эй, каш ту либосу ғалтанак зан
Дар бистари барфу чарфи хушрӯ.
Ту дону Худо, бимон, ки гӯям
Дар гӯшаки ту ду ҳарфи хушрӯ.

**Дар банди дилам ҳазор оҳ аст**

Дар банди дилам ҳазор оҳ аст,
Аз оҳи дилам ҳаво сиёҳ аст.
Ту оҳи дили маро чӣ донӣ?
Оҳи дили дигарон чӣ оҳ аст?

Хун шуд ҷигарам зи дасти ғам, рехт,
Ҳар ашки чакидаам гувоҳ аст.
Ин сӯй биё, биё, ки боғест,
Он сӯй нарав, нарав, ки чоҳ аст!
Ин сар, ба Худо, барои мӯ нест,
Ҳаргиз на барои ин кулоҳ аст.
Ин сар, ба Худо, барои хок аст,
Хоке, ки туро ба рӯи роҳ аст.
Роҳе, ки дар он ту пой монӣ,
Гарде ба сараш кай аз гуноҳ аст?
Лесад лаби доманат лаби раҳ,
Ҳе, дар лаби раҳ ҳазор оҳ аст.
Ҳо, дидани рӯи ту гунаҳ нест,
Нодидани рӯи ту гуноҳ аст.
Гуфт он, ки бипӯш рӯ, бигӯяш:
Ҳар ду бари рӯи ту сиёҳ аст.
Бикшой рухат, ки мо бубинем,
Эй, рӯи сияҳ набин, гуноҳ аст.

**Эй, дар дили ман алов кардӣ**

Эй, дар дили ман алов кардӣ,
Сӯзонда марову ов кардӣ.
Як бӯса ба сад карашма додӣ,
Рафтӣ ҳама ҷову чов кардӣ.
Эй гуфта ҳазору як дурӯғам,
Як бор магар ҳисов кардӣ?
Моро, ба Худо, ту куштаниӣ,
Моро ту хаёли гов кардӣ.
Ношукрии коракот гуфтӣ,
Якто зада гӯштов кардӣ.
Афсона барои ман ту гуфтӣ,
Бедор ману ту хов кардӣ...

## Девона шудем кор гуфта

Девона шудем кор гуфта,
Эй, бас, биравем ёр гуфта!.
Мо кор кунему дигарон хоб,
Мурданд магар, ки кор гуфта?
Марги ҳама кору бори дунё,
Рафтем дигар нигор гуфта.
Як бӯса ба зора дода моро,
Дар пеши ҳама ҳазор гуфта.
Роз аст ҳазор дар дили зор,
Боре нашавад ба ёр гуфта.
Як бор бидеҳ ту бӯса гуфтем,
Як бор, ҳазор бор гуфта.
Якбора ду бор бӯсаам дод,
Маҳ, оши танат, ду бор гуфта.
Гуфтам, ки бидеҳ ду бори дигар,
Бигрехт, басай ду бор гуфта.

## Эй, коса нашӯ, бишин бари шӯ

Эй, коса нашӯ, бишин бари шӯ,
Шак-шак накуне ту дар сари шӯ!
Аз дасти ту коса мӯ баровард,
Кал гашт зи дасти ғам сари шӯ.
Эй, дасти ғамат шикаста бодо,
Ин соя мабод бар сари шӯ!
Ширин бишикан хумори шӯ ё
Зан коса, шикан ту дар сари шӯ!
Як коса кирои гап надорад,
Сад коса шикан ту дар сари шӯ!
Корат, ба Худо, ба ҷони шӯ зад,
Зад такя ғамат ба пайкари шӯ.
Рав, даст бишӯ зи кори дунё,
Оҳиста даро ба бистари шӯ!
Бин, шӯи ту косае нашӯяд,
Сар мон ту ҳамеша бар сари шӯ!

Дар косаи тар мазан дигар даст,
Охир, ту занӣ, на чокари шӯ!
Эй ёр, бирав, биёр чокар,
Роҳат бикуне ту дар бари шӯ!
Парво накуне, зи дасти парҳез
Резад чу кабӯтарон пари шӯ.
Гар чашм ба рӯи ӯ кушояд,
Шамшер бикаш ту бар сари шӯ!

**Эй, дарду ғами ту дар сари шӯ**

Эй, дарду ғами ту дар сари шӯ,
Бе ғам бинишин ту дар бари шӯ.
Аз хотири шӯй чанги ғам шӯй,
Бе ғам нанишин ту дар сари шӯ.
Аз боғи биҳишти нозанинат,
Оҳ, омадаӣ ба хотири шӯ!
Хоки ду ҷаҳон ҳамеша бод аст
Бе ту, ба Худо, ба як сари шӯ.
Дар хонаи хеш ҷо наёбӣ
Аз дасти китобу дафтари шӯ.
Фарёд занӣ, ҳазор фарёд,
Як бор набишнавад кари шӯ.
Бо собуни шӯй ҷома шӯӣ,
Бо собуни худ бишӯ сари шӯ.
Ту ҷомаи шӯ нашӯю рав, зан
Онро ту ба пушти ин хари шӯ.
Хуш бод, агар хамир шӯрӣ,
Зинҳор машӯр бар сари шӯ!

**Мардӣ ба ҷаҳон намефурӯшем**

Мардӣ ба ҷаҳон намефурӯшем,
Мардем чунон, намефурӯшем.
Мо ошиқи зори навбаҳорем,
Гулро ба хазон намефурӯшем.

Як духтари нозанин чӣ хуш гуфт:
Мо бӯса гарон намефурӯшем.
Ҳарчанд гарон намефурӯшем,
Мо бо дигарон намефурӯшем.
Аз ду бари рӯ бигир бӯса,
Ҳо, бӯса ба ҷон намефурӯшем.
Аз ду бари рон фурӯш гуфтам,
Гуфто, ки аз он намефурӯшем.
Маҳ бӯса аз ин лабони ширин,
Аз нӯги забон намефурӯшем!
Гуфтам, ки ту бӯса ройгон деҳ,
Мо шеъри равон намефурӯшем.
Дар шоири ҷон бимираме гуфт,
Сад бӯса ситон, намефурӯшем!

**Абрӯи туро қалам кашидам**

Абрӯи туро қалам кашидам,
Пайваста ду сар ба ҳам кашидам.
Ду гӯшаи абруҳои хушрӯ
То гӯшаи чашм хам кашидам.
Чун маст шудам зи чашми мастат,
Дар чашми ту сурма ҳам кашидам.
Бисёр кашидаме ба як чашм,
Дар чашми дигар чӣ кам кашидам.
Мастона хуш аз ду чашми хушрӯ
Ду коса гулоб дам кашидам.
Донӣ ту магар аз интизорӣ
Аз дасти ту сад ситам кашидам?
Мурдам, ба Худову мурдаи худ,
Эй, то лаби гӯр ҳам кашидам.
Бар дӯш кашанд мурда мардум,
Ман мурдама бо шикам кашидам.

## Себи бағали ту норасида

Себи бағали ту норасида,
Хуштар зи ҳазорҳо расида.
Ташвиш накаш, аз он ки ногаҳ
Дар себи ту чашми мо расида.
Бар ту ҳамаро Худо, ки додаст,
Хушрӯ ҳама ҷо ба ҷо расида.
Аз мо накунӣ баҷо ту себат,
Худ пухтаву себ норасида.
Гар себ чунин ба ҳар ниҳолест,
Хуш аст расида-норасида!
Ин себ агарчи норасидаст,
Эй, хӯрдани он фаро расида.
Донӣ, ба Худо, ту беҳтар аз мо,
Дигар ту нагӯ чаро расида?!
Аз мо бигурехт нозанине,
Донӣ ту магар куҷо расида?!
Аз мо нагурезу хуни мо рез,
Аз пушти ду себи норасида!
Моро ту агар кушӣ, гунаҳ нест,
Эй, куштани мо фаро расида.
Аз ду пара, мон, ду газ бигирем
Аз ҳар дуи себи норасида.
Себе ба биҳишт хӯрд бобом,
Дидӣ, ба сараш чиҳо расида?
Моему туву биҳишти боғат,
Навбат, ба Худо, ба мо расида.
Як духтари нозанин маро гуфт:
«Маҳ, ҷӯра, анори мо расида;
Эй маззаи хок дорад, охир,
Ду себи туруши норасида?!
Ҳо бачча, дареғ, мекушандат,
Аз пушти ду себи норасида!»
Гуфтам, ки бимон кушанд моро,
Аз пушти ду себи норасида.

Худро, ба Худо, ки куштаниям
Аз пушти ду себи норасида.
Бар пат-пати беваҳо накун гӯш,
Кам нест каси балорасида.
Бигзор, ба як-ду газ бимирем,
Пеш ор ду себи норасида!

**Дидам, ба Худо, анор пухтаст**

Ҳайрон шудаме, анор пухтаст,
Ин мева чӣ дар баҳор пухтаст?!
Эй вой, Худо, анори ширин,
Дар боғи яке нигор пухтаст!
Кай харбуза мепазад баҳорон?
Ин харбуза дар баҳор пухтаст!
Ин харбуза бин, чунонки пухта,
Он гуна нигар, анор пухтаст!
Ку харбузаро хӯрам, чӣ рангист,
Хуштар магар аз анор пухтаст?!
Имсол ду бор мехӯремаш,
Ин харбуза дар баҳор пухтаст.
Шаҳтути ду чашм шаҳдбор аст,
Май маст шуда, хумор пухтаст.
Мардум ҳама пухтаанду мо хом,
Танҳо дили интизор пухтаст.

**Чун ту, ба Худо, ки хубрӯ нест**

Чун ту, ба Худо, ки хубрӯ нест.
Як сар задаме ба чор сӯ, нест.
Ин ошиқи зори ту думӯяст,
Савганд ба рӯи ту, дурӯ нест.
Май хӯрда зи лаб, газам гулӯят,
Дар хонаи мо нагӯ лимӯ нест.
Ку он, ки ҳавас нахӯрд чун мо?
Чун мо ба сари кадом кӯ нест?

Ҳо, бӯса чӣ нағз медиҳӣ ту,
Сад ҷон бидиҳам, баҳои ӯ нест.
Гул баст зи бӯсаҳо гулӯят,
Моро ҳаваси дигар гулӯ нест.
Оҳ, аз майи бӯсаи ту мастем,
Хуштар зи даҳони ту сабӯ нест.
Овози ту сахт дилнавоз аст,
Аз банди дил аст, аз гулӯ нест.
Дар ту ҳама чизи нозанин аст,
Савганд нахӯр, дигар нагӯ нест.
Аз дасти ту ҳар чие, ки хӯрдем,
Дидем, ки дар касе аз ӯ нест.
Бисёр анор буд ширин,
Аз харбуза ҷойи гуфтугӯ нест!

**Мо сайти туро кушода дидем**

Мо сайти туро кушода дидем,
Як сӯ ҳамаро ниҳода дидем.
Дидему баҳои панҷ мондем,
Ҳай бар ту Худо чӣ дода, дидем.
Бар ту ҳамаро Худо бидодаст,
Дигар ту нагӯ чӣ дода? Дидем!
Ту як сари мӯ камӣ надорӣ,
Чашми дили худ кушода дидем.
Дидем турову ҳуши мо рафт,
Дунёи туро фитода дидем.

**Дидем туро, даҳони мо канд**

Дидем туро, даҳони мо канд,
Бо бӯса биё даҳони мо банд.
Ё кушта ба хандаҳои хушрӯ
Бар кандагии даҳони мо ханд.
Ё банди миёни ту кушоем,
Ту даст кушо, миёни мо банд.

Эй, дар дили ту чиҳост, ҷонам?
Озор диҳӣ ба ҷони мо чанд?!
Ором намон равони моро,
Сарбанд кушо, равони мо банд!
Ҷон меравад аз пайи ту ширин,
Эй, дар сари мӯ ту ҷони мо банд.
Ё бар сари мо нишину серӣ
Бар кандагии даҳони мо ханд.
Шеърат ба даҳони канда гӯем,
Хоҳӣ ту агар, даҳони мо банд.

**Ӯ духтари нозанин кӣ бошад?**

Ӯ духтари нозанин кӣ бошад?
Ту дону Худо, бубин, кӣ бошад?
Сарҳои тамоми нозанинон
Яксар зада бар замин, кӣ бошад?
Эй ҷӯраи ҷони ҷони ширин,
Рав, аз таги рӯш бин, кӣ бошад.
Не, не, ба Худо, гуноҳ кардем,
Сӯяш нараву набин, кӣ бошад!
Мо рафта ба чашми хеш бинем,
Ӯ духтари нозанин кӣ бошад.
Дар дом занад чунонки, гӯяд:
Сайёди балост, ин кӣ бошад?
Лабро ба лабаш расонда гӯям:
Ҳар ду лабаш ангубин, кӣ бошад?
Ҳай бӯса занам лабаш, ки гӯяд:
Ин баччаи бӯсачин кӣ бошад?
Гӯям, ки ман аз туям, ту аз ман,
Зинҳор нагӯ, ки ин кӣ бошад.
Гӯяд, ки азизи ту шудастам,
Дигар ту нагӯ, ки ин кӣ бошад.
Бигзор, кушад маро дар оғӯш,
Гӯяд ҳама кас, ки ин кӣ бошад.

## Дар сина ҳазор нолаи мост

Дар сина ҳазор нолаи мост,
Аз дарди ҳазорсолаи мост.
Ин духтари нағз аз кӣ бошад?
Ҳо, духтари нағзи холаи мост.
Дар пеши бар аст чанбари гул,
Дар чанбари гул ду лолаи мост.
Ин духтари хола кай бигӯяд
Ин баччаи нағзи холаи мост?!
Ӯ холаи худ намешиносад,
Кай дар ғами оҳу нолаи мост?!
Кош, аз лаби ӯ бинӯшаме май,
Ӯро майи дерсолаи мост.
Ин духтари хола ғам надорад,
Хунрез лаби пиёлаи мост.
Кай дар ғами мост холаи мо?
Бедард чӣ гуна холаи мост.
Ай духтари холамон чӣ нолем?
Ай, ришта ба дасти холаи мост.

## Як бӯса аз он лабон занам, чӣ?

Як бӯса аз он лабон занам, чӣ?
Ду даст дар он миён занам, чӣ?
Як бӯса аз он лабон чӣ бошад?
Сад бӯса аз он забон занам, чӣ?
Бигзор, занам ҳазор бӯса,
Бо ҳар заданам фиғон занам, чӣ?
Бисёр маро дурӯғ гуфтӣ,
Як банд бар он даҳон занам, чӣ?
Сад бор ба ҷони ман задӣ ту,
Як бор туро ба ҷон занам, чӣ?
Ду коса аз он ду чашми мастат
Боре майи арғувон занам, чӣ?
Дар бистари ту бияфтаму сар
Як бор бар осмон занам, чӣ?

## Эй, монда кулоҳи нозанин каҷ

Эй, монда кулоҳи нозанин каҷ,
Кай монда касе кулаҳ чунин каҷ?!
Рӯмоли базеби ту куҷо шуд?
Мебастияше чӣ нозанин каҷ!
Зебат, ба Худо, ки нағз медод
Рӯмоли базеби гирбишин каҷ!
Кай мекуние ту дасти моро
Дар гардани нағзи нозанин каҷ?!
Чашмак бизану ба нози ширин
Моро бикушу дигар набин каҷ!
Мо рост ба пои худ ситодем,
Хушрӯ ту нишастаӣ, бубин, каҷ!
Бисёр нишастаӣ ту хушрӯ,
Мо рост мурему ту бишин каҷ!

## Абрӯи қаламкашидаи ту

Абрӯи қаламкашидаи ту
Хушрӯст ба рӯи дидаи ту.
Абрӯй қалам кашида, бигзор,
Ман сурма кашам ба дидаи ту.
Худро бикушам, хуш аст бисёр
Бо сурмакашӣ ба дидаи ту.
Во, куштани мо ба чашми мардум!
Во, сурмакашӣ ба дидаи ту.
Боре, ба Худо, намекашам по
Берун зи хати кашидаи ту.
Дар хок намеравад зи ёдам
Эй, ҳар ду лаби газидаи ту.
Мурдам, ба Худову пас расидам
То пеши бари расидаи ту.
Як бор бимон, ки ман дароям
Дар боғи касе надидаи ту.

Бигзор, хӯрам анори ширин,
Ҳо, меваи наврасидаи ту.
Бигзор, кашида бӯй мирам,
Садбарги тари начидаи ту!

**Он рафта зи бар агар биёяд**

Он рафта зи бар агар биёяд,
Ҳе, рафта ҳушам ба сар биёяд.
Ин ҷону дилу ҷигар аз ӯ бод,
Он ҷону дилу ҷигар биёяд!
Аз оҳи дилам, Худо, бисӯзад,
Эй кош, гирифта дар, биёяд.
Ҷоду бикунам ахир ӯро,
Эй, рафта ба по ба сар биёяд.
Эй кош, мисоли хоби ширин
Бар бистарам ин саҳар биёяд.
Бо ӯ шабу рӯзро надонам,
Мон, рӯзу шабам ба сар биёяд!
Эй кош, маро кушад ба як оҳ,
Чун марг маро ба сар биёяд.
Ҳе, рафтанакаш дигар намонам,
Он рафта дубора гар биёяд.
Аз хона намонамаш барояд,
Як бори дигар агар биёяд.
Дубора намонамаш кашад по,
Эй, мекушамаш ба дар биёяд!
Эй, рафтани хонаи падар бас.
Мон, дидани ӯ падар биёяд!
Оре, наравад, агар зи дунё
Момаш раваду хабар биёяд.
Ӯро, ба Худо, дигар намонам
Хуш хоб равад, агар биёяд.
Худро бикушам ба пеши пояш,
Як бори дигар агар биёяд!

## Як бор туро ба бар бигирем

Як бор туро ба бар бигирем,
Аз ҳар ду лабат шакар бигирем.
Пероҳани ту кашему оҳе
Як бор кашему дар бигирем.
Сайёди ҳунарварем, оҳу
Эй, дар сари пар зи сар бигирем.
Гирем ҳазор бор бӯса,
Ҳе, маст шавему бар бигирем.
Пайванд шавем дар бари ту,
Аз ҳар ду бари ту бар бигирем.
Моро ба чиҳо ту куштаниӣ?
Чун бар сари ту табар бигирем?!
Бӯсе зи дами табар бигирӣ,
Бӯсе зи паи табар бигирем!

## Хушрӯй шудӣ, Худо занад ки

Хушрӯй шудӣ, Худо занад ки!
Хушрӯи бадӣ, Худо занад ки!
Нӯҳ бар наваданд ошиқонат,
Ҷонам, ту садӣ, Худо занад ки!
Тире, ки задӣ ба гӯшаи чашм,
Дар сина задӣ, Худо занад ки!
Дар банди дилам нишаста ин тир,
Хушрӯй задӣ, Худо занад ки!
Ҳай тир задӣ яке пайи ҳам,
Ноҷо назадӣ, Худо занад ки!
Сайёд ману ту мезанӣ тир,
Ҳай зӯр будӣ, Худо занад ки!
Хушрӯ задие ҳазор тирам,
Дар бад назадӣ, Худо занад ки!
Ду бӯса задам, ки гуфтӣ, эй вой,
Хушрӯй задӣ, Худо занад ки!

Қандат бизану бигӯ, ки ҷӯра,
Хушрӯ назадӣ, Худо занад ки!
Мо масти туему масти мастем,
Ту масти худӣ, Худо занад ки!
Мо маст фитода, бар сари мо
Ту пой задӣ, Худо занад ки!
Ҳай бӯса задам даҳони ширин,
Ҳе, дам назадӣ, Худо занад, ки!
Ҳушёр шудам агар мани маст,
Ту маст шудӣ, Худо занад ки!
Бар даст задӣ марову гуфтӣ,
Девона шудӣ, Худо занад ки!
Дигар, ба Худо, ба ёди мо нест,
Будӣ, набудӣ, Худо занад ки!

**Эй духтари нағз, дар ту гап нест**

Эй духтари нағз, дар ту гап нест,
Лабшаккари нағз, дар ту гап нест.
Эй, омада пок чун фаришта
Аз модари нағз, дар ту гап нест.
Эй карда ба шонаҳо парешон
Мӯи сари нағз, дар ту гап нест.
Аз ду бари нағзи нозанинат
Ку як бари нағз? Дар ту гап нест!
Дар пеши барат гирифта хушрӯ
Гулчанбари нағз, дар ту гап нест.
Эй, ҳуши маро бибурда хушрӯ
Пову пари нағз, дар ту гап нест.
Эй, кош, ту бошию ман, эй кош,
Дар бистари нағз, дар ту гап нест.

**Хушрӯ набудӣ, ягон чи гуфтем?**

Хушрӯ набудӣ, ягон чи гуфтем?
Эй карда бадӣ, ягон чи гуфтем?

Гуфтем ҳазору як сухан хуш,
Боре ба бадӣ ягон чи гуфтем?
Як майда надидаем хубит,
Бисёр бадӣ, ягон чи гуфтем?
Кардем агар ҳазор хубӣ,
Ту ганда шудӣ, ягон чи гуфтем?
Худро, ки шинохтӣ яке ту,
Хушрӯй шудӣ, ягон чи гуфтем?
Мо масти туем, сахт мастем,
Ту масти худӣ, ягон чи гуфтем?
Як бор задем чашмакият,
Гуфтӣ, ки садӣ? Ягон чи гуфтем?
Як бӯса лабат задем ногаҳ,
Фарёд задӣ, ягон чи гуфтем?
Фарёд задию дар бари рӯ
Чарсаст задӣ, ягон чи гуфтем?
Гуфтӣ, ки Худо туро кушад, кош,
Девона шудӣ? Ягон чи гуфтем?
Худро, ба Худо, надонаму ту
Девона шудӣ, ягон чи гуфтем?

**Эй духтари хола, ҷони ширин**

Эй духтари хола, ҷони ширин,
Бикшой ҳамон даҳони ширин.
Ту тут хӯрию ман газам лаб,
Кай мехӯрам он лабони ширин?!
Ширин, ба Худо, зи ҷон шудастӣ,
Савганд хӯрам ба ҷони ширин.
Дар холаи ҷони хеш мурдем,
Эй духтари холаҷони ширин.
Як бӯса ба сад фиреб кандем,
Кандем ҳазор ҷони ширин.

## Моро, ки нигаҳ намекунӣ ту

Моро, ки нигаҳ намекунӣ ту,
Чун рӯй ба раҳ намекунӣ ту?!
Раҳро бинигар, яке наафтӣ,
Ношукрии раҳ намекунӣ ту?!
Моро ту агар накуштаниӣ,
Поро чӣ бараҳна мекунӣ ту?!
Хокам ба саро, маро гирифта
Хоки сари раҳ намекунӣ ту?!
Гар ҳаст ягон каси Худоҷӯ,
Ку пурс, гунаҳ намекунӣ ту?!
Кӯтаҳ лаби доманат ки кардӣ,
Як лабша ду таҳ намекунӣ ту?!
Таҳ карда барӣ нигоҳи моро,
Савганд, гунаҳ намекунӣ ту!
Гӯё ки маро надидаӣ ту,
Хушрӯ чӣ нигаҳ намекунӣ ту?!
Ҳар ду бари рӯи нозанинат
Чун лахча сияҳ намекунӣ ту?!
Хушрӯй арӯс карда худро,
Ин баччара шаҳ намекунӣ ту?!
Имрӯз, ки мекушӣ ба нозаш,
Сад нола пагаҳ намекунӣ ту?!

## Дидем турову гов гаштем

Дидем турову гов гаштем,
Сар гашту ҳазор тов гаштем.
Аз пушти чаро ба пушта рафтем,
Мулки руту пут, харов гаштем!
Ҳай карда маро якеву овард,
Гум гашта, Худо, дар ов гаштем.
Ку хобу хаёлҳои ширин?
Беёду хаёлу хов гаштем.
Дар чашми банози туалове!
Эй сӯхта сахт, алов гаштем!

Гаштем алов, сӯхтеме,
Дидӣ, ки чӣ гуна ов гаштем?!
Эҳ, ов шудему ови дарё,
Эй бин, ки чӣ гуна ов гаштем!
Серӣ бихӯр обу гӯй: ҳай-ҳай,
Хушрӯ чамани хушов гаштем!

**Як бор маро, бигӯ, чӣ гуфтӣ?**

Як бор маро, бигӯ, чӣ гуфтӣ?
Аз баҳри Худо, бигӯ, чӣ гуфтӣ!?
Не-не, ба Худо, Худо гувоҳ аст,
Ту дону Худо, бигӯ, чӣ гуфтӣ!?
Як бор нигар ба чашми ман рост,
Рӯи ту сиё, бигӯ, чӣ гуфтӣ?!
Дар сояи беди пушти хона,
Ҳо, хонаи мо, бигӯ, чӣ гуфтӣ!?
Ҳамсоя баҳона карду омад,
Тарсида, маро, бигӯ, чӣ гуфтӣ!?
Ҳамсоя бирафту ту нарафтӣ,
Гуфтам, санамо, бигӯ, чӣ гуфтӣ!?
Баргашта бигуфтие ба гӯшам,
Эй кушта маро, бигӯ, чӣ гуфтӣ?!
Майлӣ, ту нагӯ, дигар нагӯям
Як бор туро, бигӯ, чӣ гуфтӣ!?
Ку пеш дарo, дарo ба хона,
Кай пурсамато, бигӯ, чӣ гуфтӣ?!
Қандат бихӯру худат нагӯ, ку,
Эй бачча, маро бигӯ, чӣ гуфтӣ?!

**Рӯи ту дар об менамояд**

Рӯи ту дар об менамояд,
Ҳай об гулоб менамояд.
Хуш об хӯрию дар гӯлӯят
Хушрӯй гулоб менамояд.

Хуш май хӯрам аз ду чашми мастат,
Хуш чашми ту хоб менамояд.
Ту меравие, дилам шавад об,
Сӯи ту шитоб менамояд.
Чашми ту дар об ҳам чи хушрӯст,
Дарё майи ноб менамояд.
Оғӯш кушо, ки ман бихонам,
Нохонда китоб менамояд.
Куштӣ ҳамарову навбати мост,
Ку он, ки ҳисоб менамояд?!
Моро бикушӣ, Худо бубахшад,
Кори ту савоб менамояд.
Дарёи тани ту мебарад ҳуш,
Дунё ҳама об менамояд!

## Эй, меравие? Намеравие?!

Эй, меравие? Намеравие?!
Майлат, наравӣ, чӣ меравие?!
Як майда агар ки майл дорӣ,
Бархезу биё, ки меравие.
Мардум ҳама хӯрдаву ту мондӣ,
Эй, рафтанийӣ, ту меравие?!
Аз рафтани мо чӣ суд бошад?
Донӣ ҳамаро, намеравие.
Эй, рафта ҳама, куҷо расиданд?
Дар хона бишин, чӣ меравие?!
Ин обаки шӯх меравад хуш,
Мон, об равад, чӣ меравие?!
Хоби лаби об нозанин аст,
Рав хобаки хуш, чӣ меравие?!

## Эй, банди камар чӣ танг бастӣ

Эй, банди камар чӣ танг бастӣ?
Эй, тасма чаро таранг бастӣ?

Ку пеш биё, камар кушоем,
Бинем камар чӣ ранг бастӣ?
Бо даст нашуд, занем дандон,
Дониста магар ту танг бастӣ?
Сад бор дар он камар бимирам,
Хушрӯй камар таранг бастӣ.
Моро, ба Худо, ки мекушӣ ту,
Бисёр камар қашанг бастӣ.
Найранг чӣ ранг дорие ту,
Ин пайкари най чӣ ранг бастӣ?!
Мисли ту камар касе набастаст,
Ту дону Худо, чӣ ранг бастӣ?
Оҳ, аз дили ту ҳазор фарёд,
Оварда дилам ба чанг, бастӣ!
Эй, об чӣ мекунӣ дили мо?
Дар синаи худ чӣ санг бастӣ?
Мо зарди хунук шудем, ҳай-ҳай!
Ҳе, дил ба ягон мазанг бастӣ?!

**Як бӯса чӣ буд, ба мо надодӣ?!**

Як бӯса чӣ буд, ба мо надодӣ?!
Гуфтӣ, ки биё, биё, надодӣ.
Ҳар ду бари рӯи ту сиёе,
Эй рӯт сиё, сиё, надодӣ!
Гуфтем, Худои ҷон, диҳие,
Ту дону Худо, чаро надодӣ?!
Сад бӯса диҳанд меҳрубонон,
Як бӯса ту, эй бадо, надодӣ.
Эй, ғам, ба Худо, ки хӯрд моро,
Як бӯсаи ғамрабо надодӣ.
Кардем ҳазор бор зора,
Безор шудем, во, надодӣ.
Куштӣ бачаро барои бӯса,
Як бӯса чаро, чаро надодӣ?!
Як бӯса, худаш чӣ буд? Вое,
Мо мардуми бенаво, надодӣ.

Аз додани дигарон чӣ дидӣ?
Додӣ ҳамаро, ба мо надодӣ.
Мо дар сари кӯча зор мурдем,
Ту сар зада бар ҳаво, надодӣ.
Мурдем барои бӯсае, вой,
Мурдӣ ту ҳаму ба мо надодӣ.
Мо чизи дигар бидеҳ нагуфтем,
Як бӯса чӣ буд, ба мо надодӣ?!

**Май ганда задаст нозанине**

Май ганда задаст нозанине,
Ҳай ганда задаст нозанине!
Эй вой, Худои ҷони ширин,
Вай! Ганда задаст нозанине!
Ҳай бар лаби нозанини коса
Май ханда задаст нозанине!
Мисли майи нозанин диловез
Ҳай ханда задаст нозанине!
Бо хандаи нозанин майи соз
Ҳай ганда задаст нозанине!
Дугонаи нозанинакаш гуфт:
Кай ганда задаст нозанине?!
Ман донаму донаде Худое,
Кай ганда задаст нозанин!
Ҳамсоя маро чи кард бадном:
Вай ганда задаст нозанине!
Аз ин гапи нозанин ба мастӣ
Ҳай ханда задаст нозанине!
Боре назадам ба нозанин даст,
Вай ганда задаст нозанине!
Банди дили нозанини моро
Ҳай канда, задаст нозанине!
Гуфтам ба дугонааш, ки пурсе
Кай канда задаст нозанине?!
Гуфт ӯ лаби нозанин газида,
Хай, канда задаст нозанине!

## Аз кӯча гузашт нозанине

Аз кӯча гузашт нозанине,
Пешу бару пушт нозанине!
Гуфтам хӯрамат, чӣ гуна доде
Дашноми дурушт нозанине!
Кардем ҳазор зораи зор,
Як бор нагашт нозанине!
Рафтему зи дастакаш кашидем,
Худро заду кушт нозанине!
Як бӯса задем, зинда гаште,
Моро заду кушт нозанине!
Дорӣ ту хаёл кушт моро
Бо мушти дурушт нозанине?!
Бар синаи мо ду пойи хушрӯ
Хушрӯ заду кушт нозанине!

## Хушрӯи Худои нозанинӣ

Хушрӯи Худои нозанинӣ,
О, ҳушрабои нозанинӣ!
Парварда мисоли гул ба хубӣ
Дар обу ҳавои нозанинӣ!
Ҳай мекуние ту рӯсиёӣ,
Ҳо, рӯйсиёи нозанинӣ!
Эй, кушта ҳазор ошиқи зор
Хушрӯ ба чиҳои нозанинӣ!
Бо даст кушанд мардумонро,
Оҳо, ту балои нозанинӣ!
Эй вой, ҳазор бор кушта
Моро ба ду пои нозанинӣ!

## Рӯмоли ту моли нозанин аст

Рӯмоли ту моли нозанин аст,
Дар сар чу хаёли нозанин аст.

Дорӣ чӣ хаёли шоирона,
Ширин чӣ хаёли нозанин аст!
Эй, холаи ту чӣ хол дорад?
Ҳай холи ту холи нозанин аст!
Мурдем, напурс ҳоли моро,
Ҳоли ту чӣ ҳоли нозанин аст!
Рӯмоли туро шамол бурде,
Ҳай-ҳай, чӣ шамоли нозанин аст!
Эй, дар тани нозанин диловез,
Савганд, чӣ моли нозанин аст!
Дорӣ ту чӣ молаки баҷоӣ,
Беҳ аз ҳама моли нозанин аст!
Ту дону Худо, худат бигӯ ку,
Моли ту чӣ моли нозанин аст?!
Ку як лаби моли худ нишон деҳ,
Эй вой, чӣ моли нозанин аст!
Моли дигарон чи мол бошад?
Моли ту ҳалоли нозанин аст!
Як бори дигар кушо, ки бинам,
Дидан чӣ маҳоли нозанин аст!
Хушрӯ бикушой, вой-вое,
Бикшой, ки фоли нозанин аст!

## Ин куртасафед нозанин аст

Ин куртасафед нозанин аст,
Чашмаш накунед, нозанин аст.
Майлӣ, ҳавасаш хӯред, мардум,
Худро нахӯред, нозанин аст.
Мо дида варову рост мурдем,
Бинеду муред, нозанин аст.
Дар сояи беди мо нишастаст,
Ин сояи бед нозанин аст.
Дар шонаякаш, ки мешакад хуш
Ду баргаки бед, нозанин аст.
Дар оби равон задаст дасташ,
Ҳай дасти сафед нозанин аст!

Дар шарфаи об хуш бихонад,
Эй, дам назанед, нозанин аст!
Ин оби равон чи дилнавозест,
Боре нигаред, нозанин аст.
Дигар, ба Худо, ки нозанинон,
Боло напаред, нозанин аст!
Аз сӯзиши дард дар бигиред,
Охир, чӣ кунед? Нозанин аст!
Ҷангаш накунед, мекунад ноз,
Девона шавед, нозанин аст.
Додаст Худои нозанинаш,
Худро бикушед, нозанин аст!
Ин куртасафед кушт моро,
Ӯро накушед, нозанин аст!
Бо шохаяки гуле ба шӯхӣ
Ӯро назанед, нозанин аст!

**Майрез нигори нозанин аст**

Майрез нигори нозанин аст,
Чашмаш чӣ хумори нозанин аст!
Дар чашми хумори нозанинаш
Ҳай маст шикори нозанин аст!
Донад, ки ҳамеша дар сари мо
Андешаи кори нозанин аст.
Мардум ҳама тори бора гӯянд,
Хуб аз ҳама тори нозанин аст!
Дар чашми ҳама задаст ҳай гул,
Ин тор чӣ тори нозанин аст!
Дар тори ду гесӯяш бимирам,
Ду тори дутори нозанин аст.
Дар синаи мо ҳазору як тор
Дар нолаи зори нозанин аст.
Дар боғи ҳамеша нозанинаш
Ду дона анори нозанин аст.
Гардем ҳазор бор гирдаш,
Бисёр мазори нозанин аст!

## Ҳай пираҳани ту нозанин аст

Ҳай пираҳани ту нозанин аст,
Гӯяд ба тани ту, нозанин аст.
Ҷон, дар тани нозанини ту ҷон,
Бисёр тани ту нозанин аст.
Шири тани дигарон чӣ ширест?
Ҳай шири тани ту нозанин аст!
Гул бину анори нозанине,
Боғу чамани ту нозанин аст.
Шириндаҳанон ҳазор дидем,
Ширин даҳани ту нозанин аст.
Оҳ, аз даҳани ту, нозанино,
Ширин сухани ту нозанин аст.
Ҳай хандаи нозанин зание,
Хушрӯ задани ту нозанин аст.
Бигзор, занам ҳазор бӯса,
Эй, бар даҳани ту, нозанин аст!

## О, чашми сиёҳи нозанинат

О, чашми сиёҳи нозанинат,
Нозад ба нигоҳи нозанинат.
Нозад нигаҳат чи нозанине
Бо чашми сиёҳи нозанинат.
Куштӣ ҳамаро, ту куштие, вой,
Бо чашми сиёҳи нозанинат.
Куштӣ, ҳа, маро, ту куштие, вой,
Хушрӯ ба нигоҳи нозанинат.
Ҳай кушта сиёҳчашмаконро
Бо ним нигоҳи нозанинат.
Аз рашк ту куштие ҳамашро,
Эй, кушта гувоҳи нозанинат.
Хушрӯй ба рӯи чашм нозад
Абрӯи сиёҳи нозанинат.

Хушрӯй ба шонаҳот шорад
Гесӯи сиёҳи нозанинат.
Гуфтию надодие ду бӯса,
Аз рӯи сиёҳи нозанинат!
Ҳай-ҳай чӣ сафед мекуние
Рӯҳои сиёҳи нозанинат?!
Эй, канда гирифтие диламро
Бо дасти сиёҳи нозанинат!
Афтод яке дили ҷигархун
Дар пои сиёҳи нозанинат.
Зад нолаву кард хок бар сар,
Сар бар сари роҳи нозанинат.

**Ду чашми сиёҳи нозанинат**

Ду чашми сиёҳи нозанинат
Ҳай масти нигоҳи нозанинат.
Моро, ба Худо, ки мекушӣ ту
Ҳай масти нигоҳи нозанинат.
Рӯшан шудае чӣ гуна хушрӯ
Рухсораи моҳи нозанинат.
Зебат, ба Худо, ки дода хушрӯ
Якшоха кулоҳи нозанинат.
Як бӯса занем агар, парад он,
Афтад сари роҳи нозанинат.
Мо ташнаи зори зори зорем,
Ку чашмаву чоҳи нозанинат?
Ту дону Худо, арӯси мо шав,
Мо – ҳазрати шоҳи нозанинат.

**Мо даст ба дасти нозанинем**

Мо даст ба дасти нозанинем,
Мастем, чӣ масти нозанинем.
Ёди сару по дигар надорем,
Мо даст ба дасти нозанинем.

Гуфтӣ майи нозанин задастем,
Май нозада масти нозанинем.
Эй, дар думи кор баста мардум,
Мо баста ба дасти нозанинем.
Девонаи ҳот ними дунё,
Мо маст ба дасти нозанинем.

**Эй, гардани ту мисоли шиша**

Эй, гардани ту мисоли шиша,
Маст аст хаёли мо ҳамеша.
Сармаст ба ёди ту шудастем,
Эй, дар сари мо хаёли шиша!
Сад сол равад, намеравад, вой,
Оҳ, аз сари мо хаёли шиша!
Эй, гардани нозанини нозук
Нозуктарак аз хаёли шиша.
Эй, даст ба гардани ту бурдем,
Гуфтӣ, бачае, ту нашканиша!

**Ӯ банди камар чӣ баста бошад**

Ӯ банди камар чӣ баста бошад?
Беҳ нест магар набаста бошад?!
Гулдастаи нозанин шудасте,
Гулдаста чунин кӣ баста бошад?!
Ё аз камараш гирифта ёре
Дудаста, камар шикаста бошад?!
Эй, дар сари санги зонуи мо
Чун кабк, Худо, нишаста бошад!
Мон, банди камар ҳамеша бандад,
Эй, банди ду по набаста бошад!

**Абрӯи таранг мепаронӣ**

Абрӯи таранг мепаронӣ,
Ҷонам зада чанг, мепаронӣ.

Абрӯи таранги нозанинат
Ҳай рангибаранг мепаронӣ.
Ҳуш мепарад аз сарам яке, вой,
Аз рӯ ҳама ранг мепаронӣ.
Ранги ту касе намепаронад,
Хушрӯй чӣ ранг мепаронӣ.
Хушрӯ сари санг ҳай нишаста,
Соз аз сари санг мепаронӣ.
Ҳай аз сари санги нозанин дур
Ӯ чашмаки танг мепаронӣ.
Ҳай карда сари маро гаранге,
Дур аз сари санг мепаронӣ.
Ҳуш аз сари мо паронданат чӣ?
Ҳуш аз сари санг мепаронӣ.
Эй, кабгаки мастаки диламро
Аз синаи танг мепаронӣ.
Тан дода ба куштани ту моем,
Эй, дар сари нанг, мепаронӣ.

**Эй шишта ба рӯи сабза, бархез**

Эй шишта ба рӯи сабза, бархез!
Бархез, шудаст сабза тар, хез!
Дар сабза нашин, ки тар шудастӣ,
Ҳай тар шудаӣ, чӣ гуна тар, хез!
Чун лолаи тар шудастие тар,
Бовар накунӣ, худат нигар, хез!
Ку даст бизан ба куртаи худ,
Кач карда, бубин, каме дигар, хез!
Дар он камари базеб ҷонам,
Дудаста бигирам аз камар, хез!
Аз мо ту натарс як сари мӯ,
Зинҳор гумони бад мабар, хез!
Сар пеши ду пои ту бимонем,
Хушрӯй бизан ду по ба сар, хез!

**Сад бор гудок мефиристӣ**

Сад бор гудок мефиристӣ,
Мо сӯфии пок, мефиристӣ!
Сад бор ту мекунӣ дуоям,
Сад бор ба хок мефиристӣ.
Тилфони худам дирам надорад,
Ту боз гудок мефиристӣ.
Мо дода гудок ҳам натонем,
Ту соз, гудок мефиристӣ.
Ҳай рост маро ту гуфта будӣ:
Эй, ту пули хок мефиристӣ.

**Баччат сари даст омадастӣ...**

Баччат сари даст омадастӣ,
Чун кабкаки маст омадастӣ!
Ҳай омадани ту нозанин аст,
Мо ҳам шуда маст, омадастӣ!
Гардонда ту рӯй рафта будӣ,
Эй ҷон, чӣ шудаст омадастӣ?
Хуш омадаӣ ба хонаи худ,
Чизе нашудаст, омадастӣ!
Эй, кам нашудастие, чӣ хушрӯ,
Дунё ҳама ҳаст, омадастӣ!
Ҳай дар сари даст гулписар маст,
Дигар чӣ ғам аст, омадастӣ?!
Девона шавад чӣ гуна душман,
Ман масту ту маст, омадастӣ!

# НОЗАНИН

**Эй ҷони ҷони нозанин**

Эй ҷони ҷони нозанин,
Ширинзабони нозанин,
Кам нест чун мо рӯи раҳ
Девонагони нозанин.

Дастобгират кай шаванд
Кӯлобиёни нозанин?!
Бар сангҳо сар мезананд
Варзобиёни нозанин.

Ку нозанине мисли ту
Аз ғармиёни нозанин?!
Дар тахт шоҳон мемуранд,
Мо дар миёни нозанин.

Моро ба мӯе баста куш,
Дар он миёни нозанин.
Тире бизан, моро бикуш,
Абрӯпарони нозанин.

Бикшо ба нози баччакуш
Ширин даҳони нозанин!
Моро бикун аз нав ҷавон –
Як навҷавони нозанин!

Мо ҳам ҷавонӣ доштем,
Ку он ҷавони нозанин?!
Охир, замони мо гузашт,
Ҳайфи замони нозанин!

Дубора, кош, ояд, Худо,
Оҳ, он замони нозанин!
Хорему зорему низор,
Бо ормони нозанин.

Бигрифта чиниёни маст
Дасти занони нозанин.
Бин чиниёни рӯхунук
Масти занони нозанин!

Бинӣ бубину чашму рӯ,
Ҳайфи занони нозанин!
Дар хок бодо инчунин
Кайфи занони нозанин!

Ҳо, рӯи миллат чун шавад?
Эй гулрухони нозанин!
Ин гулрухон расво кунанд,
Эй гул, рухони нозанин!

Ширинтар аз ҷонҳо, дареғ,
Войи лабони нозанин!
Ширинсарой, во дареғ,
Войи забони нозанин!

**Оҳ, эй Худои нозанин**

Оҳ, эй Худои нозанин,
Дар ин сарои нозанин
Имрӯз моро мекушад,
Оҳ, ин балои нозанин!

Ширину шӯрак медиҳад
Дашномҳои нозанин.
Ҳай ном аз ину он барад,
Хуш номҳои нозанин.

Дар дасти ман мезад агар
Дар давраҳои нозанин,
Мебурдамаш рӯ-рӯи даст
По дар ҳавои нозанин.

Мекуштамаш ранги чароғ
Дар шомҳои нозанин.
Мекуштамаш чун кабки маст
Дар домҳои нозанин.

Мекуштаму мехӯрдамаш
Бо иштиҳои нозанин.
Ёд, эй Худо, мекардамаш
Бо куштаҳои нозанин.

Ман холаашро куштаме,
Зад вой-вои нозанин.
Имрӯз даври ӯ расид,
Сад вой-вои нозанин!

Бигзор, моро ӯ кушад
Бо нозҳои нозанин!
Овоза созад бар ҳаво
Парвозҳои нозанин.

Моро кушад бо дасти худ –
Бо дастҳои нозанин.
Моро кушад ӯ масти худ
Бо мастҳои нозанин.

Дорам дуои нозанин
Бо зораҳои нозанин,
Эй, нозанинамро накуш,
Оҳ, эй Худои нозанин.

Ӯ нозанинам мекушад
Бо теғҳои нозанин.
Бо теғи тези абрӯяш,
Во, теғҳои нозанин!

Рӯзе барои ман шуда
Шогирдҳои нозанин
Ҳай нозанинаш мекушанд,
Бин доду вои нозанин!

Гар ӯ накуштам, худ кушам
Худро барои нозанин.
Худро кушам чун гӯспанд
Дар пеши пои нозанин.

Сар мекунам, оҳ, эй Худо,
Аз қиссаҳои нозанин.
Бо ту кушоям, чун бигӯ,
Гап аз кучои нозанин?!

Мардум ситоиш мекунанд
Бисёр чои нозанин!
Дар умри худ кай хӯрдаанд
Як бор чои нозанин?!

Дар ҳасрати «Роҳат» ҳама:
«Ҳай-ҳай, чӣ чои нозанин!»
Нодида мардум дидаанд,
Ҳай-ҳай, чӣ чои нозанин?!

Мо дар сарои нозанин,
Ин аст чои нозанин.
Аз дасти ӯ хӯрдем чой,
Ин аст чои нозанин.

Аз дасти ӯ май мехӯрем
Бо косаҳои нозанин.
Ҳай масти ӯ май мехӯрем
Бо косаҳои нозанин.

Эй, роҳати дунёст ин,
Бин ҷову пои нозанин!
Бар ин раисон кай расад
Ин ҷову пои нозанин?!

«Роҳат» аз онҳо бод, бод!
Мову сарои нозанин!
«Даҳбед» аз онҳо бод, бод!
Мову сарои нозанин!

Варзоб аз онҳо бод, бод!
Аз мо сарои нозанин!
Ромит аз онҳо бод, бод!
Аз мо сарои нозанин!

Мо бо ҳамаш сар мезанем
Бо як сарои нозанин!
Беҳ аз ҳазору сад сарост,
Ҳо, як сарои нозанин!

Бинанд, мегарданд хар,
Хар аз барои нозанин!
Ҳангасзанон ҳар сӯ зананд
Сар аз барои нозанин.

Мо дар саро овосаро,
Нозад навои нозанин.
Хуш нозанин ово занад
Бо сад навои нозанин.

Мардум газанде дасти худ,
Мо дастҳои нозанин.
Девона рӯзе мешавем –
Мо мастҳои нозанин.

Беҳ аз ҳазорон рӯсафед
Ин рӯсиёи нозанин!
Гаҳ рӯ кунад хушрӯ сафед,
Бин рӯсиёи нозанин!

Сар нозанинон мезананд
Пеши ду пои нозанин.
Хуш бар сари мо мезанад
Неши ду пои нозанин.

Мардум ба гардун сар зананд,
Мо сар ба пои нозанин.
Мо аз ҳамаш боло занем
Бо сарбапои нозанин.

По бар сари ҳафт осмон,
Мо дар сарои нозанин.
Оҳ, эй Худо, чун меравем
Мо сарфарои нозанин?!

Бисёр хушрӯ медиҳад
Бо хандаҳои нозанин,
Во, нозанин лабҳояше,
Во, хандаҳои нозанин!

Лабҳои ширин хандарез,
Гелосҳои нозанин.
Дандони рези шишабур,
Алмосҳои нозанин.

Ҳай нозанин хуш медиҳад,
Во, бӯсаҳои нозанин.
Оташ занад, обам кунад
Бо бӯсаҳои нозанин.

Ҳай нозанин мерезаде
Шабнам ба пои нозанин!
Як боғ шабнам чисте?
Бин шабнамои нозанин!

Дар кӯчаҳо чархем чун
Хуш по ба пои нозанин,
Сад раста гул мерӯяде
Аз почаҳои нозанин.

Бинад касе, саг мешавад
Дар кӯчаҳои нозанин.
Дар кӯчаҳо кам несте
Сагбаччаҳои нозанин.

Сагбаччаҳои нозанин
Аз пушти пои нозанин
Ҳай санг бар сар мехӯранд,
Ҳай сангҳои нозанин.

Бисёр хӯрдастем санг
Мо ҳам барои нозанин.
Саг банди пои мо гирифт,
Мо банди пои нозанин.

Во, банди пои нозанин!
Мо – банди пои нозанин!
Шӯхӣ накардем, эй Худо,
Бо банди пои нозанин.

Побанд гаштастем, вой,
Во, банди пои нозанин!
Банди дили худ меканем
Ё банди пои нозанин.

Ёрон гирифта дасти ҳам,
Мо банди пои нозанин.
Гиранда гаштастем, вой,
Мо гандаҳои нозанин!

Аз сад ҳазорон по хуш аст,
Во, ҳар ду пои нозанин!
Мардум хӯрад хуш пои гов,
Мо ҳар ду пои нозанин.

Гар мо набошем, эй Худо,
Дар кӯчаҳои нозанин,
Ҳай нозанинаш мебаранд
Шаҳбаччаҳои нозанин.

Инҳо ҳама гурганд, гург,
Бин гургҳои нозанин.
Ҳай нозанинаш мехӯранд
Ин гургҳои нозанин.

Дар дасти ман мурғанд, мурғ,
Бин мурғҳои нозанин.
Бе ман ҳама гурганд, гург,
Ин мурғҳои нозанин.

Раҳмони шери Остон,
Шуд роҳпои нозанин.
Худ мехӯрад, бинад агар
Ногоҳ пои нозанин.

Бозори Собир дид агар
Як бор пои нозанин,
Тори сараш созад, нигар
Дар тор пои нозанин.

Дар боғ ногаҳ, вой, зад
Хоре ба пои нозанин.
Ширин, чи ширин вой зад,
Бисёр вои нозанин.

Хушрӯ ду дандонам кашид
Як хори пои нозанин.
Гуфтам куҷо шуд вой-вой,
Он вой-вои нозанин?!

Дунё намеарзад ҳамаш
Бар хоки пои нозанин.
Ҳай нозанинон мурда бин
Дар хоки пои нозанин.

Не-не, надорад гарди хок,
Савганд, пои нозанин!
Савганд аз ҷон меҳрам,
Савгандҳои нозанин.

Сад бор аз ҷон мехӯрам
Савгандҳои нозанин
Бо ҳар ду пои нозанин!
Во, ҳар ду пои нозанин!

Ҳарчанд мехоҳанд кушт
Моро барои нозанин,
Дасте наметонад кушад
Моро барои нозанин.

Ҳаргиз намехоҳад кушад
Моро Худои нозанин.
Худ нозанин моро кушад,
Во, куштанои нозанин!

Ҳай дар камар хушрӯ задаст
Ӯ дастҳои нозанин.
Бо даст мардум мекушад,
Оҳ, ӯ ба пои нозанин!

По дар ҳаво хуш меравад,
Подарҳавои нозанин.
Ҳай нозанин хуш мезанад
По дар ҳавои нозанин.

Ҳай нозанинаш сохтӣ,
Оҳ, эй Худои нозанин.
Мардум худашро хӯрду мо
Аз ҳар куҷои нозанин.

Хӯрдем чанде, кам нашуд
Як майда ҷои нозанин.
Бисёр дорад хӯрданӣ
Дар ҳар куҷои нозанин.

Кам-кам бигаз гӯяд ба ноз
Аз ҳар куҷои нозанин.
Мо нағз медонем худ
Ҷои баҷои нозанин.

Ҳай нозанин хондем, вой,
Аз дасту пои нозанин.
Ҳай нозанин хонем аз ин
Хо, аз куҷои нозанин?!

Майрез мегирем, вой,
Аз як-ду ҷои нозанин!
Найрез мегирем, вой,
Найнолаҳои нозанин!

Хурной дар хурной мо,
Хурнoю нои нозанин!
Сурнoю нои нозанин,
Во, сурхнои нозанин!

Сармаст бар сар мерасем
Аз нӯги пои нозанин.
Аз тори сар бар сар занем
Дар пеши пои нозанин.

Боло чахида меравем
Аз сар ба пои нозанин.
То сар Худо донад расем,
Боло – балои нозанин!

Ноканда чун дил меканем
Аз чанд ҷои нозанин?!
Осон раҳо кай мекунем
Аз банд пои нозанин?!

Боло кашад моро худаш,
Оҳ, ин балои нозанин!
Оҳо, кушад моро худаш,
Ваҳ, дар кучҷои нозанин?!

Охир, кучҷояш нестаст
Бисёр ҷои нозанин?!
Ҳай нозанинаш хӯрдаем
Сад бор ҷои нозанин?!

Аҳ, бачча, боло меравем
Ҳай шабчарои нозанин!

Аҳ, бачча, кай дидастие,
Кай шабчарои нозанин?!

Ваҳ, синамолон мерасем
То синаҳои нозанин!
Бо кандани ҷон мерасем
То синаҳои нозанин!

Кардаст бо рӯмол бор,
Ӯ синаҳои нозанин.
Ку дор гӯям, ҷонаме,
Ӯ синаҳои нозанин.

Дил меканам ай сина, вой,
Ё синаҳои нозанин!
Ҳай ҷони ширин меканам
Ё синаҳои нозанин!

Бозӣ чи кардастем, вой,
Бо синаҳои нозанин!
Бозӣ набудаст, эй Худо,
Во, синаҳои нозанин!

Мардум чи дидастанд? Анор!
Мо – синаҳои нозанин!
Мардум чи медонанд? Анор!
Мо – синаҳои нозанин!

Ё мо сари худ мехӯрем
Ё синаҳои нозанин!
Ё нозанин дил мехӯрем
Ё дилрабои нозанин!

Мардум сари худ мехӯранд,
Мо синаҳои нозанин!
Во, синаҳои нозанин!
Во, синаҳои нозанин!

## Он ёр нозанин аст...

Он ёр нозанин аст,
Бисёр нозанин аст.
Сар мекашад зи девор,
Девор нозанин аст.

Садбарг чист? Аз вай
Сад бор нозанин аст.
Хушрӯ гул аст, оҳе,
Бехор нозанин аст.

Гуфтам расида себат,
Ку дор, нозанин аст!
Ду газ бигирам аз себ,
Ту дор, нозанин аст!

Ман зор-зори бӯса,
Гул зор нозанин аст!
Чинам ҳазор лола,
Гулзор нозанин аст!

Девона кард моро,
Ҳушёр нозанин аст!
Аз бӯса чун шавад маст,
Сад бор нозанин аст!

Гаҳ бӯса медиҳад сахт
Душвор нозанин аст!
Бо зӯр бӯсагирӣ
Бисёр нозанин аст!

Аз тарси оча ларзон
Чун дор нозанин аст.
Фарёд кардаш очаш,
Безор нозанин аст.

Ӯ меравад, Худоё,
Ночор нозанин аст.
Ду чашму рӯйи хушрӯ
Ғамбор, нозанин аст!

Хайр, эй азиз, гӯяд,
Эй, хор нозанин аст.
Мори ғамаш газидаст,
Бемор нозанин аст.

Имшаб шаби дарозест,
Бедор нозанин аст.
Дар ҳасрати дубора
Дидор нозанин аст.

**Арғушт меравӣ нағз**

Арғушт меравӣ нағз,
Арғушти ту диловез.
Гесӯи ту парешон
Дар пушти ту диловез.

Рафтаст ҳуши мардум,
Арғушт меравӣ нағз!
Ду банди мӯй хушрӯ
Дар мушт меравӣ нағз!

Пероҳани ту гулрез,
Перомани ту гулрез,
Гулрез печу тобат,
Арғушти мавҷи обат!

Афтода мову ту ҳай
Арғушт меравӣ нағз!
Дар пеши рӯ нишинӣ,
Бар пушт меравӣ нағз!

Ҳо шонаҳои ларзон,
Ҳо синаҳои ларзон!
Кабкони маст хезанд
Аз лонаҳои ларзон!

Абрӯй мепаронӣ,
Хушрӯй мепаронӣ!
Ҳар сӯ намезанӣ тир,
Дар сина мезанӣ тир!

**Абрӯ парондие ту**

Абрӯ парондие ту,
Хушрӯ парондие ту.
Теғе задӣ ба синам,
Ҳар сӯ дарондие ту.

Сайёд мову хушрӯ
Пеши кӣ хондие ту?
Куштӣ шикориёнро,
Як сар намондие ту.

Дар сина мол марҳам,
Тарсӣ, намол марҳам!
Рӯмол деҳ, бибандам,
Бикшо гиреҳ, ки бандам!

Бигзор зор нолам,
Зорат ҳазор нолам!
Як сина зор нолам,
Ду сина дор, молам!

Дуруи мо ҳамин аст,
Доруи нозанин аст!

## Гуфтӣ мазан ту наҳ тут

Гуфтӣ мазан ту наҳ тут,
Кай дораде гунаҳ тут?!
Имрӯз, ҷӯра, мастӣ,
Ёбӣ магар пагаҳ тут?!

Як майда тут чиндам,
Гуфтам, азиз, маҳ тут!
Хушрӯй медиҳад, оҳ,
Бар гуларӯс шаҳ тут!

Гуфтӣ баро ту боло,
Ман мехӯрам зи таҳ тут!
Гуфтам намебароям,
Мон, мехӯрӣ пагаҳ тут!

Гуфтӣ нагӯ, нагӯе,
Ҳайф аст рӯи раҳ тут!
Тут аст роҳати ҷон,
Хушрӯст, бин сияҳтут!

Гуфтам нахӯрдам, эй гул,
Боре зи рӯи раҳ тут.
Бо нозҳои ширин
Гуфтӣ нахӯр ту аҳ тут!

Гуфтам, ки мехӯрам нағз
Ин шом то пагаҳ тут.
Гуфтӣ чӣ хел? Гуфтам
Ду чашми туст шаҳтут.

Очат яке фиғон кард:
«Шаб мехӯрӣ ту шаҳтут?!»
Ангушти худ нишон дод,
Бо зарда гуфт: «Маҳ тут!»...

## Хушрӯй мехӯрӣ себ

Хушрӯй мехӯрӣ себ,
Мардум хӯранд безеб.
Себи ҳавас хӯрад кас,
Мисли ту кай хӯрам себ?!

Ҳай себ мехӯрӣ нағз,
Касро ҳавас намояд.
Гар мехӯрад асал кас,
Савганд, бас намояд.

Себи рухат газидам,
Ҳушат ба хӯрдани себ.
Гуфтӣ, ки мурдам, эй вой,
Бачча, нагаз ту безеб!

Себи бағал расида,
Беҳ аз асал расида!
Бар ман, Худо, расад себ,
Ду себи беҳ зи сад себ!

Кардам маза даҳонам,
Гуфтӣ надидаӣ себ?
Худ боғи себ дорӣ,
Сад бор чидаӣ себ.

Бисёр себ дидам,
Бисёр себ чидам.
Кай дидаме чунин себ?!
Кай чидаме чунин себ?!

Зебост себи нағзат,
Додаст зеби нағзат!
Пеш ор себи хушрӯ,
Хуш бӯ кашам, чӣ хушбӯ!

Себат ба даст гирам,
Аз бӯш маст гирам.
Як газ бигирам ин себ,
Ду газ бигирам он себ.

Бозӣ накун, бигӯй,
Эй ҷӯраҷон, ту бо себ!
Эй вой, мерасонӣ
Бар себи мо ту осеб!

Тарсӣ, ки мерасонам
Бар боғи себат осеб?!
Ҳай себ мехӯрам нағз,
Кӣ мехӯрад чу мо себ?!

Себат биёр, себ ор,
Се бор гирам, эй ёр,
Аз себи қанд газ-газ,
Дилҳо кунанд ҷаз-ҷаз!

Се газ кам аст, бигзор,
Аз ҳар кадом се бор
Хушрӯ газам, ки бо ноз
Ширин газӣ лабат соз!

Бин себ хӯрданамро
Бо сад ҳавас, хӯрам себ,
Гӯӣ ҳазор агар ту,
Эй бачча, бас! Хӯрам себ.

Себат хӯрам, ҳа хушрӯ,
Дар ту мурам, ҳа хушрӯ.
Ҳо, хӯрдани маро бин,
Ҳо, мурдани маро бин.

## Аз дасти мо бихӯр себ

Аз дасти мо бихӯр себ,
Хӯрдан туро диҳад зеб.
Мон себи мардумонро,
Аз боғи мост ин себ.

Доруи мост ширин,
Дору надорад ин себ.
Ширин, бихӯр, ки аз дил
Ғамро барорад ин себ.

Бин, себи нозанин аст,
Ин себи нозанин аст!
Себам бигир аз даст,
Аз бӯш мешавӣ маст!

Эй нозанин, бигираш,
Ин себи туст, ширин.
Гар ман хӯрам, дареғ аст,
Ин зеби туст ширин.

Як газ бигир, эй ҷон,
Ин гуна ку дигар себ?!
Ҳарчанд сер бошӣ,
Қандат бихӯр, нахӯр себ!

## Абрӯ шикастаӣ кач

Абрӯ шикастаӣ кач,
Ду сӯ шикастаӣ кач.
Абрӯи нозанинат
Хушрӯ шикастаӣ кач.

Эй, кач шикаста абрӯ,
Бо ҳам набаста абрӯ.

Болои чашми хушрӯт
Хушрӯ нишаста абрӯ.

Аз рӯякат бибӯсам,
Абрӯякат бибӯсам.
Хушрӯй ноз дорӣ,
Хушрӯякат бибӯсам.

**Ду кабки маст**

Ду чашм – чашмаи май,
Хушрӯст чашмаи вай!
Эй ҷӯра, ту надидӣ,
Эй ҷӯра, ту чӣ дидӣ?!

Ду чашми масти сурма,
Бӯса – шикасти сурма.
Мурдам зи дасти чашмаш,
Мурдам зи дасти сурма.

Хуш он, ки маст мирад,
Не худ ба даст гирад.
Ку он ки мисли Сайёд
Ду кабки маст гирад?!

**Эй, интизори мошин**

Эй, интизори мошин,
Боз о, канори мо шин!
Ҳайфи ду пойи хушрӯт,
Як дам ба бори мо шин!

Гар хуш ба бори мо нест,
Майле, ба тори мо шин!
Хуш гуфт нозанине:
«Дар хок тори мошин!

Моро хуш аст гуфтан:
Эй ҷон, ба тори мо шин».
Чанде чӣ одам астанд?
Зан дар шумори мошин.

Инҳо савори мардум,
Мардум савори мошин.
Афсӯс, мошин омад,
Рафтӣ савори мошин.

Дар нимараҳ занад, кош,
Ногаҳ матори мошин.
Як боркаш биёяд,
Бин шаҳсавори мошин.

Бо мошинат кунад бор,
Ҳай-ҳай, ба тори мошин.
Гӯӣ куҷост он, ки
Гуфтам ба тори мо шин?!

**Борон задаст хушрӯ**

Борон задаст хушрӯ,
Ширин шудаст хушрӯ.
Часпида остинаш
Хушрӯ ба даст, хушрӯ.

Пероҳанаш ба тан, вой,
Часпидааст хушрӯ.
Ҳай нозанин ба дастам
Афтидааст хушрӯ.

Як бор бад надодаст
Зинҳор даст хушрӯ.
Хушрӯй дода сад бор,
Сад бор даст хушрӯ.

Бин, дасти нозанинаш
Ҳай додааст хушрӯ.
Гуфт аз алам дугонаш
Кай додааст хушрӯ?!

Дар кӯча меравеме
Дастибадаст хушрӯ.
Девона гашта ёрон,
Мо масти маст хушрӯ.

Во, бӯса доданаш, вой,
Во, куштанист моро.
Донам, чи маст кардаст,
Ҳо, куштанист моро.

**Болобаландо**

Болобаландо,
Поҳо баландо,
Дигар наёе
Бо мо баландо.

Дидӣ, чӣ гуна
Мардум бадандо?!
Ҳай санг бисёр
Моро задандо.

Сад ранг ҳар сӯ
Гап мекашандо.
Моро тавонанд
Ҳе, мекушандо.

Лахти диламро
Сагҳо канандо.
Оташ ба ҷонам
Ғамҳо занандо.

Гарданбаландо.
Дандон чӣ кандо?
Гул баста бӯса,
Дасташ бибандо.

Мардум бубинанд,
Лаб мегазандо.
Оташ гирифта,
Ҳо, мепазандо.

Басташ натонӣ,
Бигзор, бандам!
Ҳо, гарданатро
Ку дор, бандам!

**Хуш ноз дорӣ**

Хуш ноз дорӣ,
Пардоз дорӣ.
Ҳо, гулпарийӣ,
Парвоз дорӣ.

Ту масти нозӣ,
Моро ба бозӣ
Девона созӣ,
Девонабозӣ!

Рӯмол бастӣ
Якшоха, мастӣ.
Девона кардӣ
Морову бастӣ.

# НОЗАНИТАР

Ҳай гашта нозанин тар,
Ҳай гашта нозанинтар!
Вай. Гашта нозанин тар!
Кай гашта нозанин тар?!

Хушрӯй тар шудасте!
Хушрӯй тар шудасте!
Хушрӯи мо чи хушрӯст,
Хушрӯйтар шудасте!

Ҳай нозанин тар асте,
Ҳай нозанинтар асте!
Бовар дилам надорад:
Кай нозанин тар асте?!

Ай нозанини ширин
Кай нозанинтар асте?!
Дидем нозанинон,
Вай нозанинтар асте!

Рӯи ҷаҳона гаштем,
Ҷои ниҳона гаштем.
Чун ӯ яке надидем,
Хушрӯ яке надидем.

Хушрӯ ҳазор дидем,
Хушрӯи зор дидем.
Чун ӯ яке наёмад,
Ҳар сӯ ҳазор дидем.

Сад нозанина куштем,
Бад нозанина куштем.
Мо ранги ӯ нагаштем,
Мо ранги ӯ накуштем.

Борон задаст созаш!
Дар мижаи дарозаш
Бин чакраҳои борон –
Шабнам ба сабзазорон.

Мебиние ту бинӣ?
Биниш нест чинӣ!
Бинӣ ҳазор бинӣ,
Чун бинияш набинӣ.

Бинӣ чаро набинӣ?
Бине, чаро набинӣ?!
Бинӣ чӣ нозанин аст,
Бине, чӣ нозанин аст!

Бинӣ чӣ нозанин аст,
Бинича нозанин аст.
Бинӣ чии базебак?
Биничаи базебак!

Бинича ҳай диловез!
Биничаи диловез
Хушрӯ чу найқалам тез,
Зад чок ҳай дилам тез!

Дар нӯки бинияш ҷон:
Як чакраи авезон!
Нӯки забон расоне,
Он чакраро нарезон!

Дар пеши сина хушрӯ,
Дар неши сина хушрӯ
Бин чакраҳои борон,
Чин чакраҳои борон!

Бин чакраҳои резон,
Бин чакраҳо авезон!
Чин чакраҳои резон,
Ин чакраҳо нарезон!

Ҳай лаб тар аст хушрӯ,
Ҳай! Лаб тар аст хушрӯ!
Ҳай лабтар аст хушрӯ,
Ҳай! Лабтар аст хушрӯ!

Ин лаб тар аст хушрӯ,
Вай лаб тар аст хушрӯ!
Эй, аз ҳазор чашма
Вай лабтар аст хушрӯ!

Рӯи тараш чӣ хушрӯст,
Мӯи тараш чӣ хушрӯст!
Хушрӯст шонаи тар,
Борону донаи тар!

Бин об дар гулӯяш,
Хушрӯ чу оби рӯяш!
Ҷӯ дар гулӯ кашидаст,
Хӯрдем оби ҷӯяш!

Бин об, оби рӯшан,
Ранги шароби рӯшан
Ҳай дар гулӯи хушрӯ!
Май дар гулӯи хушрӯ!

Ин гуна аз гулӯяш,
Аз рӯю обрӯяш
Хӯрдам гулоби ширин
Дар хоб, хоби ширин!

Эй, дида ҳар ду сина,
Эй, дида тар ду сина!
Бин синаро, чӣ ранг аст?
Тангу тари таранг аст!

Эй бачча, мешавӣ ов,
Эй бачча, мешавӣ гов!
Ови дар ов хушрӯ,
Гови дар ов хушрӯ!

Ҳай ов ови хушрӯ,
Ҳай гов гови хушрӯ!
Ин гуна ов куе,
Ин гуна гов куе?!

Не ов ови Кӯлоб,
Не гов гови Кӯлоб!
Ин ов ови Дарбанд,
Ин гов гови Дарбанд!

Ин ов ови дарёст,
Ин гов гови дарёст!
Ин гов ҳай задасте
Дар ов! Кай задасте?!

Хуш он, ки ов гардад
Дар неши сина, вое!
Хуш он, ки гов гардад
Дар пеши сина, вое!

Синай тари тарангаш,
Вай-вай, сари тарангаш
Дандон занам яке, чӣ?
Дандон канам яке, чӣ?!

Нобуду буди дандон,
Буду набуди дандон!
Ту сина бин, чӣ ранг аст,
Ду сина бин, чӣ ранг аст?!

Дидӣ ҳазор сина?
Хоки мазор сина!
Ту синаи чӣ дидӣ?
Ту синаи кӣ дидӣ?!

Ай дида сина дар хоб,
Кай дида сина дар об?!
Эй, дида сина дар хоб,
Бине ду сина дар об!

Ду сина ёб дар об,
Дар об сина дарёб!
Дарёб синарое,
Дар об синарое!

Сарбаста сина хушрӯ,
Тарбаста сина хушрӯ.
Раҳ бар дилаш наёбӣ,
Дар баста сина хушрӯ.

Тар санги сина хушрӯ,
Тарсанги сина хушрӯ.
Якранг тар ду сар санг,
Сарсанги сина хушрӯ.

Гирам сари ду сина,
Мирам сари ду сина.
Гирам бари ду сина,
Мирам бари ду сина.

Сар бар сари ду сина,
Бар сар сари ду сина.
Дил дар бари ду сина,
Дил бар дари ду сина.

Кабки дилам барояд
Бар санги сина хушрӯ.
Кабки дилам сарояд
Дар санги сина хушрӯ.

Кабки дилам дарояд
Дар танги сина хушрӯ.
Кабки дилам сарояд
Дар танги сина хушрӯ.

Дидем синаи санг,
Дидем синаи танг.
Дидем санги сина,
Дидем танги сина.

Хушрӯй санги сина,
Хушрӯй танги сина.
Хушрӯй сангсина,
Хушрӯй тангсина.

Хушрӯ таранг сина,
Хушрӯ тарангсина.
Эй, ранги ӯ надидем
Тангутарангсина.

Хушрӯ чи ранг сина,
Хушрӯ ду ранг сина.
Худро кушӣ, набинӣ
Хушрӯ ду ранг сина.

Якранг ҳар ду сина,
Як ранг дар ду сина.
Якрангию дурангӣ
Дар тангию тарангӣ.

Часпида остинаш
Дар дасти нозанинаш.
Дар пои нозанинаш
Часпида поча, бинаш!

Бинмой рост хушрӯ
Часпида остинаш –
Бо дасти чап вояш рост,
Бо дасти рост инаш!

Бин чакраҳои борон!
Ин чакраҳои борон
Алмоспораҳоянд,
Мисли ситораҳоянд.

Бин чилчаҳои борон,
Бисёр нозанинанд!
Аз ашки нозанинон
Сад бор нозанинанд!

Ҳай тар шудаст хушрӯ,
Кай тар шудаст хушрӯ?!
Мо тар шудем ганда,
Вай тар шудаст хушрӯ!

Хушрӯ агар намешуд,
Хушрӯй тар намешуд.
Борад ҳазор борон,
Хушрӯйтар намешуд.

Борад ҳазор борон,
Борад ҳазорборон,
Хушрӯйтар наёбӣ
Аз вай, ҳазор кобӣ!

Хушрӯ нигар ту боре,
Хушрӯй зарнигоре!
Сад биние, набинӣ
Хушрӯ дигар нигоре!

Хушрӯй тар нигоре,
Хушрӯй тарнигоре!
Аз вай набиние, вой
Хушрӯйтар нигоре!

Пероҳани базебаш
Зеби тани базебаш.
Пероҳанаш чӣ нозук,
Оҳо, танаш чӣ нозук.

Нозук чӣ ноз дорад,
Ҳай нози соз дорад.
Нози хунук дигарҳо,
Вай дилнавоз дорад.

Дорад чӣ нозу бозор,
Нозаш надорад озор
Монанди шеъри Сайёд,
Монанди шеъри Бозор.

Нозаш барад ба як бор
Аз дил ҳазор озор
Монанди шеъри Сайёд,
Монанди шеъри Бозор.

Пероҳанаш тунук, вой,
Оҳо, танаш хунук, вой!
Хӯрдаст ҳай хунук, вой,
Мурдаст ай хунук, вой!

Мо медиҳем молиш,
Вай мекунад чӣ нолиш.
Бистар биёру болиш,
Хушрӯйтар бимолиш.

Найрангҳои нолиш,
Найрангҳои молиш!
Ҳай рангҳои нолиш,
Ҳай рангҳои молиш!

Найрангҳо диловез,
Ҳай рангҳо диловез!
Дорад Камони Рустам
Кай рангҳо диловез?!

Бо рангҳо биёвез,
Оҳангҳо диловез!
Сад ранг аз наво рез,
Сад ранг аз ҳаво рез!

Оҳанги ранг резӣ,
Оҳанги рангрезӣ
Бисёр нозанин аст,
Ҳо, ранги рангрезӣ!

Нолиш чӣ гуна ширин,
Молиш чӣ гуна ширин!
Молиш чӣ нозанин аст,
Нолиш чӣ нозанин аст!

Молидани саропо,
Болидани саропо!
Аз ин ҳама чӣ хушрӯ
Нолидани саропо!

Бинам танаш агар, вой!
Дасте занам ба сар, вой!
Монанди Нури Сармаст,
Монанди ӯ Забардаст.

Ҳуш аз сарам парад, вой!
Хуш аз сарам парад, вой!
Бин, ҳушпарӣ чӣ ранг аст,
Бин, ҳушбарӣ чӣ ранг аст!

Афтам ба пеши пояш,
Дар сина неши пояш.
Ду поча нозанин аст,
Ду по чӣ нозанин аст.

Дар пои нозанинаш,
Дар ҷои нозанинаш
Озод афтам, э вой,
Озода афтаме, вой!

Хушрӯ нигар, дили ман,
Пои тараш чӣ хушрӯ!
Дар ҷои тар ситодаст,
Ҷои тараш чӣ хушрӯ!

Дидӣ ҳазор поро,
Дидӣ ҳазорпоро!
Ду почаро надидӣ!
Ду по чаро надидӣ?!

Дар пост чашми мое,
Дарёст чашми мое.
Дарёи чашм дар пост,
Ду по ду шоха дарёст.

Хушрӯст рахти нояш,
Хушрӯ дарахти пояш.
Дар об руста хушрӯ,
Дар об шуста хушрӯ.

Хушрӯ дарахт руста,
Хушрӯ дарахт шуста!
Хушрӯ дарахтрӯӣ,
Хушрӯ дарахтшӯӣ!

Хушрӯ ду рахти дар об,
Хушрӯ дарахти дар об.
Обу ду рахти хушрӯ,
Обу дарахти хушрӯ.

Печидае ду рахташ
Ҳай дар тани дарахташ.
Печонда ё ду рахташ
Вай дар тани дарахташ?

Хушрӯст рахтпечӣ,
Хушрӯ дарахтпечӣ.
Часпида сахт рахташ
Ҳай дар тани дарахташ.

Ин сӯ кашем рахташ,
Он сӯ кашем рахташ.
Гар ногаҳон дарад, чӣ?
Ранги даҳон дарад, чӣ?!

Ҳай рахт бар дарахт аст,
Ҳай бар дарахт рахт аст.
Печида тар чӣ сахт аст,
Печидатар чӣ сахт аст.

Хушрӯ кашем рахташ,
Ҳай дар тани дарахташ.
Моро кашад чу рахташ
Вай дар тани дарахташ.

Ҳай мо кашем хушрӯ,
Худро кушем хушрӯ.
Хушрӯйтар кашад вай,
Хушрӯйтар кушад вай.

Дар об тар ду рахташ,
Дар об тар дарахташ.
Хушрӯй тар ду рахт аст,
Хушрӯй дар дарахт аст.

Хушрӯ дарахту рахташ,
Бин рахту бин дарахташ!
Хушрӯ чу тардарахт аст,
Рахте, ки бар дарахт аст.

Рахту дарахти тар бин,
Як рах паи табар бин!
Боғи ҳамешабар бин,
Эй, кам намеша бар, бин!

Ҳай сахт каш бари рахт,
Вай гаштае тари сахт!

Ҳай тардарахт зебост,
Ҳай тар ду рахт зебост!

Рахту дарахт хушрӯ,
Печида сахт хушрӯ.
Рахту дарахти тоза,
Хушрӯи сахти тоза.

Хушрӯи мо чӣ сахт аст,
Сахт аст, сахт пухта-ст!
Мо хому хомховем,
Одам шудему говем!

Гулреза хандарез аст,
Дилреза хандарез аст.
Гул реза, реза, реза,
Дил реза, реза, реза.

Тирезаро кушодаст,
Дасташ ба мо кушодаст.
Гӯяд ба ханда ҳай-ҳай,
Гӯяд ба ханда вай-вай!

«Ҳай нозанин шидай тар,
Вай! Нозанин шидай тар!
Вай тар шидаст хушрӯ,
Вай! Тар шидаст хушрӯ!

Вай тар шидасту мо не,
Ҳай ҷон, Худои ҷоне!
Борон задаст созаш,
Ҳай ҷон, задаст созаш!»

Гулреза кабки масте,
Ранге, ки май задасте!
Нобуди мову сад май,
Дунёра ҳай задасте!

# А Р Ғ У В О Н

*Нома ба устоди азиз Бозор Собир,*
*ки дар шаҳри Сиэтли Амрикосту мегӯяд:*
*Мо дар ин шаҳр надорем рафиқ...*

**Юсуфи гумшуда, бархезу биё**

Ту дар он шаҳр надорӣ ҷӯра,
Ту дар он шаҳр чӣ дорӣ, ҷӯра?
Ҷӯраи ҷон, ҳамаро мону биё,
Раҳ ба раҳ шеъри маро хону биё!

Оҳ, аз он шаҳр ту бархез, биё,
Даст бар дасти писар, хез, биё,
Ҷону дил, ҷону ҷигар, тез биё,
Дер шуд, дер, дигар тез биё!

Ту дар ин шаҳр, ки гум кардӣ дӯст,
Ту дар он шаҳр чӣ гум кардӣ, дӯст?
Ту дар он шаҳр киро мекобӣ?
Ту дар он шаҳр чиро мекобӣ?

Ватан он ҷост, ки озораш нест?
Ватан ин ҷост, ки Бозораш нест?
Ватанерост, ки бозор ҳазор,
Нест Бозори ягонаш ба канор!

Бӯи зиндон дигар аз ту наравад,
Сӯзи ҷону ҷигар аз ту наравад.
Наравад рӯи сиёҳ аз нигаҳат, –
Он ки мекард ба сад рӯ сияҳат.

Он ки кардаст сиёҳат ба қалам,
Он ки бастаст гуноҳат ба қалам,
Он ки дар чашми қалам хок задаст,
Ба қалам синаи ту чок задаст.

Ҳама доғӣ, ҳама дардӣ, ҳама ғам,
Пора дил, пора ҷигар, дида банам.
Синаи чоки туро марҳам нест,
Он ки хуни ту макид, одам нест.

Гар наёӣ ту барои ҳама дӯст,
Ту биё, мурда бубин он, ки дурӯст.
Ту биё, то сари бадбин фиканӣ,
Ту биё, то пари бадкин биканӣ.

Шери нар, шери жаёни баҳунар,
Рӯбаҳонро ҳама дар беша нигар!
Наъра мастона бизан, бигрезанд,
Хешро дар думи хеш овезанд!

Ту яке баҳри дамонӣ, ба Худо,
Ту ба сад баҳр намонӣ, ба Худо!
Ҳама мурдоб зи ту рашк барад,
Хешро ин ҳама аз рашк хӯрад.

Сӯи ту баста раҳи мо бошад,
Баста дар дил гираҳи мо бошад.
Ту кушоӣ гираҳи сахт, эй дӯст,
Ту кушоӣ гираҳи бахт, эй дӯст.

Ин саҳар хез, биё сӯи Ватан,
Хез, бархез, биё сӯи Ватан!.
Хез, бархез, биё, дер шудаст,
Сина аз ғам, ба Худо, сер шудаст.

Баста гул доғи ту дар синаи мо,
Пур шуд аз лолаи тар синаи мо.
Синаи мо зи ғамат месӯзад,
Ҳамчу чашми банамат месӯзад.

Хезу фарзанди падар гӯву биё,
Ватану хонаву дар гӯву биё!
Оҳ, дар чашми тари ман бинишин,
Дар дили хунҷигари ман бинишин!

Ватанам гӯ, Ватанам гӯву биё,
Аз ту ман дил наканам гӯву биё!
Бе ту ман дам назанам гӯву биё,
Хоки ту бӯса занам гӯву биё!

Пой медошт Ватан гар, ба Худо,
Пой медошт чу ман гар, ба Худо,
Саду як бор суроғат мерафт,
Бо дили зор суроғат мерафт,

Чашми хунбор суроғат мерафт,
Пои хуншор суроғат мерафт,
Бозпас ё ки туро меовард,
Ё ки тарки ҳамаи мо мекард.

Бе ту бебӯст гули хори Ватан,
Бе ту бемӯст сари кори Ватан.
Бе ту оғӯши Ватан сард шудаст,
Рӯи гулҷӯши Ватан зард шудаст.

Дарду доғу аламат синагудоз,
Рези ашки қаламат синагудоз.
Хез, бархезу биё, бо ту гап аст,
Мон, ки сӯзад, чи касе бо ту чап аст.

Ту биё, даст бидеҳ, даст бигир,
Косаи дил бишикастаст, бигир!
Банд бар косаи бишкаста бизан,
То зи нав нашканад, оҳиста бизан.

Рӯи роҳат нигаронем ҳама,
Бегуноҳат нигаронем ҳама.
Ҳама дар ҳасрати дидори туем,
Хоб агар дар дили бедори туем.

Юсуфи гумшуда, бархезу биё,
Захми гургат ба ҷигар, хезу биё!
Хезу бо чарх биёвез, биё,
Дар лабат шеъри диловез биё!

Ба сари хоки тари додари худ,
Сари хоки падару модари худ
Бинишину ба алам ашк бирез,
Дар кафи худ чу қалам ашк бирез!

Ба Худо, ҷойи ту холист, биё,
Ба Худо, ҷойи ту олист, биё,
Ҷойи ту аз ҳама болост, биё,
Ройи ту аз ҳама болост, биё!

Як Ватан бе ту камем, оҳ, камем,
Ҳама тан бе ту ғамем, оҳ, ғамем!
Ваҳ, дил аз доғи ту оташ гирад,
Маҳфил аз доғи ту оташ гирад!

Он яке кард ҳазор озорат,
Он яке бурд сари бозорат.
Кишани дасти туро, вой, кӣ баст?
Чун Худо банди ду дасташ нашикаст?

Ту биё, дастзанон бархезем,
Сари нанг аст, аз он бархезем!
Сари нанг аст сари санги Ватан,
На гаранг аст сари санги Ватан!

Гуфта будӣ, ки баҳорон оям,
Ба дилам чак-чаки борон оям...
Бӯи барф омаду кай меоӣ?
Бин, Шигарф омаду кай меоӣ?

Бе хаёли ту сари роҳи ту нест,
Бе ҳилоли ту бари моҳи ту нест.
Ғазали роҳ касе чун ту насуфт,
Ғазали моҳ касе чун ту нагуфт.

Ғазали роҳ касе чун ту начид,
Бағали моҳ касе чун ту надид.
Дар фалак роҳ касе чун ту нарӯфт,
Хирмани моҳ касе чун ту накӯфт.

Роҳи ту Коҳкашон аст баланд,
Моҳи ту оҳкашон аст баланд.
Ба замин коҳкашонон хоранд,
Ба замин оҳкашонон зоранд.

Ғами моро ту сароӣ ба қалам,
Ғами моро ту сароӣ ба алам.
Ҳеҷ най чун қалами ту нагирист,
Ҳеҷ най аз алами ту нагирист.

Зор монанди ту, эй марди Ватан,
Кас нанолид ғаму дарди Ватан.
Дар ҳазору саду ҳаждаҳ сари сол
Чун самандар ту дар оташ зада бол.

Парчами дафтари шеърам сари даст,
Мурғи илҳоми ту шуд кафтари даст.
Кафтари даст чӣ хуш бол занад,
Масти маст аст, чӣ хуш бол занад!

Дар сари даст китобат, эй дӯст,
Таги сар ҳаст китобат, эй дӯст.
Ба китоби ту бихонем намоз
Аз ғаму аз алами синагудоз.

Ҳама доғу ҳама дард аст ҷигар,
Дили худро ҳама хӯрдаст ҷигар.
Ту биё, марсия хон бар сари дӯст,
Ту биё, фотиҳа хон бар дари дӯст.

Ба дари дӯст, бари дӯст биё,
Лахт-лахти ҷигари дӯст, биё.
Ба сари сина бимонӣ сари дӯст,
Об аз дида биронӣ бари дӯст.

Сад хато рафт, Худоҷон, аз мо,
Дил ҷудо рафт, Худоҷон, аз мо.
Дар қиёмат нигарон моро чист?
Дар қиёмат нигарон моро кист?

Алами дафтарат аз даст задем,
Қалами сафдарат аз даст задем.
Ҳар ду дасти ту ба пуштат бастем,
Оҳ, ин дард накуштат, бастем?

Ту бузургӣ, ҳа, маро мебахшӣ,
Ту бузургӣ, ҳамаро мебахшӣ,
На ба турке ҳамаро мебахшӣ,
На ба гурге рамаро мебахшӣ.

Хез, бархез, биё, зори туем,
Зор дар ҳар сари бозори туем.
Дигарат мо нафурӯшем, биё,
Ба сарат мо нахурӯшем, биё!

Синаатро нахарошем дигар,
Соятро натарошем дигар
Ба Худо, аз танаи деворе,
Соятро надиҳем озоре!

Як ту оинаи безангорӣ,
Беҳ зи сад оинаи деворӣ!
Ту ҳамон Ҷоми Ҷамӣ, Ҷоми Ҷамӣ,
Нест Ҷамшед, ҳамин аст камӣ!

## Ту Акбари бегона набудӣ
### *Ёди Акбари Шариф*

Ту Акбари бегона набудӣ,
Бегона дар ин хона набудӣ.
Дар хонаи мо будӣ агар ту,
Ҷуз ханда дар ин хона набудӣ.
Ку хандаву ку шӯхии ширин?
Бо ту ғами субҳона набудӣ.
Ҳай тоҷики бонанг будие,
Мисли ту ба ҳар хона набудӣ.
Эй, сина ҳама қиссаи рангин,
Ту дар ғами афсона набудӣ.
То дасти ту дар шонаи мо буд,
Бишкаста чунин шона набудӣ.
Хунинҷигар аз дарди Ватан, вой,
Во, бе маю паймона набудӣ.
Кардат ғами мардум, ба Худо, об,
Оҳ, Акбари бегона набудӣ!
Фарзанди Ватан – ҳамдилу ҳамтан,
Ҳо, Акбари бегона набудӣ.

Бо мардуми хунинҷигар, эй дӯст,
Во, Акбари бегона набудӣ.
Мӯре ту наёзурдаӣ, эй дӯст,
Бе ҳиммати мардона набудӣ.
Эй Акбари ҷон, будӣ ягона,
Мисли ту яке дона набудӣ.
Як хона гирифтӣ ба ҳавасҳо,
Осуда дар он хона набудӣ.
Ҷон будию ҷон, ҷӯраи ширин,
Хушбахт зи ҷонона набудӣ.
Ду баччаи хушрӯта надидӣ,
Чун боз ту девона набудӣ?!
Бо ин ҳама дардат, ҳама доғат
Бо ханда чӣ бегона набудӣ?!
Рафтам ба дарат рӯзи сиёҳе,
Ҳуш дар сари девона набудӣ.
Фарёду фиғон, вою дареғо,
Дар баставу дар хона набудӣ!

**Ба ҳунарманди тавоно**
**Барзуи Абдураззоқ**

Пушти номи ту сухан бисёр аст,
Чашм кам, чоки даҳан бисёр аст.
Мор бисёру чунон дар дили мор
Ҳаваси неш задан бисёр аст.
Боғу роғ ин ҳама расво гашта,
Селаи зоғу заған бисёр аст.
Чарад уштур ба чаман ғамзакунон,
Ҳамчунон хар ба чаман бисёр аст.
Чӣ бало фанду фиреб асту дурӯғ,
Кафзанон «Қанд бизан!» бисёр аст!
Ҳар кӣ савганд хӯрад, фанд кунад,
Бин, ки савгандшикан бисёр аст.
Дам назан, ҷӯра, аз ин маймунҳо,
Буз ба ҳар ҷойи Ватан бисёр аст.

Дили ту косаи хун асту дареғ,
Сангдил, косашикан бисёр аст.
Ту Фаронса бирав, эй ҷӯраи ҷон,
Гарчи меҳрат ба Ватан бисёр аст.
Дар дилу дидаи мардум ҷойӣ,
Ҷойи ту дар дили ман бисёр аст.
Лаби хуншор аз алам баста равем,
Вой, дар сина сухан бисёр аст!

**Ба Маликаи Саид**

Ҳай нола занӣ ту бар ҳавои «Дили ман»,
Хунрез чунин шавад навои дили ман.
Ин гуна кӣ гирядо барои дили ман?
Ку булбулаки навосарои дили ман?

Ҳамчун гули хору гули бехор туӣ,
Ҳамчун гули шеъри тари Бозор туӣ.
Нӯшидаам ангубини овози туро,
Кардам ғазали дарди дилам рози туро.

Хуни дилам аз дида чакидан гирад,
То лолаи шеъри тар дамидан гирад.
Ку ёри азиз, лола чидан гирад?
Чун мурғи ғазал дилаш тапидан гирад.

Садпора дили зори ман аз нолаи туст,
Ҳар пораи ҷӯшида зи хун лолаи туст.
Дар сина зи фарёди ту сад нола марост.
Аз дил ба канор як сабад лола марост...

Куштӣ ҳамаро, маро ту нокушта намон,
Нокушта намон марову нокушта махон.
Зинҳор нагирӣ гунаҳ аз куштани ман,
Як бор напӯшӣ сияҳ аз куштани ман.

Бо созу навои ту дилам гирён аст,
Чашми қаламам қалам-қалам гирён аст.
Оҳ, аз ғаму дарди ту дилам зор гирист,
Мурғи ғазалам қалам-қалам зор гирист.

Бо нолаи ту ҳазор дил менолад,
Дар синаи лолазор дил менолад,
Дар санги сари мазор дил менолад,
Бо дидаи интизор дил менолад.

Дар синаи мо мурғи ғазал менолад,
Во, синаи худ ба хуни дил мемолад.
Эй вой, чӣ зор-зор менолад, вой,
Сар бар сари мо шикор менолад, вой.

Хунрез баҳори Лолагӣ дар дили ту,
Хунҷӯш дамад зи лолаи тар дили ту.
Аз нолаи ту шудаст сад пора дилам,
Нолон шуда ҳар пораи бечора дилам.

Аз нолаи зори ту дилам об шудаст,
Аз гиря чароғи маҳфилам об шудаст.
Шодоб шудаст чорбоғи ғазалам,
Хуш аз ғаму дард аст димоғи ғазалам.

Аз нолаи ту гарчи дилам хунин аст,
Ту нола бикун, ки нолаат ширин аст.
Бо нолаи зори худ маро зор кушӣ,
Бигзор, ки бо ҳазор озор кушӣ...

# КАБКИ САРИ ЧАШМА

Дар пуштаи хоби мардумон сабза дамид,
Кас дар ҳама сол ончунон сабза надид.
Бингар ту ба гову хар, чӣ сон сабза чарад,
Ин хоб чаро зи чашми мардум напарад?

Ту дар бади мо задӣ, задӣ дар бади мо,
Сад шуд яки ту охиру як шуд сади мо.
Охир ба ҳазору сад расад яксади ту,
Чун бар яки мо расид чашми бади ту?

Эй дӯст, ғаму дарди туро медонам,
Бо дард рухи зарди туро мехонам.
Мехонаму месӯзаму менолам, вой,
Во сина ба хоки сард мемолам, вой.

Эй об, ғами маро бигӯ об дар об,
Як дӯст, Худо, бошаду як хумби шароб.
Бо нолаи чангу найу дутору рубоб
Нӯшему бинолем аз ин ҳоли хароб.

Эй дӯст, марав, марав, ки ман ғамгинам,
Як дам бинишин, ки дар барат биншинам.
Бо дӯст гули тар аз чаман мечинам,
Бе дӯст ғарибу зораму мискинам.

Аз дарди дилу ҷону ҷигар месӯзам,
Аз оташи ду дидаи тар месӯзам.
Месӯзаму мепечаму мерезам, вой,
Дубораи ду зи ҷо намехезам, вой.

Дар дидаи абр нам-нами борон аст,
Дар синаи абр ғам, ғами борон аст.
Дар дида маро ҳавои борони ғам аст,
Дар сина маро навои борони ғам аст.

Дар синаи ман дарду ғами бисёр аст,
Озори дили ҳазор беозор аст.
Шаҳрест, ки бар дасти дилозорон аст,
Ин гиряи зорам аз ғами ёрон аст.

Солест, ки бо ту нанишастам, эй дӯст,
Як сол шудаст дар шикастам, эй дӯст.
Эй дӯст, биё, биё, ки бемори ғамам,
Сар дар таҳи ин сояи девори ғамам.

Чашмам пури об аст, азизон рафтанд,
Аз хонаи гарми худ гурезон рафтанд.
Хуни ҷигар, оби дида резон рафтанд,
Тире ба дилу ба дор авезон рафтанд.

Аз сӯзу гудоз ин сухан борик аст,
Шабҳои дарози ин Ватан торик аст.
Шабҳои дарози бечароғи Ватанам,
Сӯзад ба дилам сиёҳ доғи Ватанам.

Дар ғамкадаи Ватан сияҳрӯз шудем,
Аз дарду ғами Ватан сияҳсӯз шудем.
Чун теғи забони мо сияҳтез шудаст,
Байту ғазали мо ҳама хунрез шудаст.

Саргаштаву гарданкаҷу овора шудем,
Бекор басе гаштаву бекора шудем.
Бозичаи дасти дигаронем чаро,
Дасти дигаронро нигаронем чаро?

Он ҷо, ки вазифа мефурӯшанд, чӣ ҷост?
Аз пушти вазифа мехурӯшанд, чарост?
Як тӯда фурӯшанду яке тӯда харанд,
Дар пуштаи хоби мардум осуда чаранд.

Бар хондани баччаам дилам месӯзад,
Оҳ, ин дили ман, қалам-қалам месӯзад.
Бечора чӣ донад, ки чаро мехонад,
Пурсад зи ман очаш, ки чиро мехонад.

Сад ҳайфи ба хуни ҷигарам хондани ман,
Бо дарди дилу дарди сарам хондани ман.
Дипломи таги сари маро зан ба сарам,
То пой намонад зи пайи ман писарам.

Мактаб нарав, эй баччаи ҷон, беҳуда,
Мисли ману модарат нахон беҳуда.
Беҳуда чӣ хонӣ? Ба ту коре нарасад,
Морост зимистону баҳоре нарасад.

Гар аз пайи ман равӣ, ба ҷое нарасӣ,
Бо дасткашии ошное нарасӣ.
Ту аз пайи ман марав дигар, баччаи ҷон,
Ман рафтаам ин роҳ ба сар, баччаи ҷон.

Не қозию не муфтию не шоҳ ситой,
Не пода ситою не чарогоҳ ситой,
Не ҷӯраи бероҳаи гумроҳ ситой,
Бо моҳрухе бишин, рухи моҳ ситой.

Ин роҳ марав, меравад ин роҳ ба Чин,
Чин домани раҳ, доман аз ин роҳ бичин.
Аз пушти араб марав, марав аз пайи турк,
Бо роҳи Худо рав аз пайи марди бузург.

Донӣ ту, ки дунё гузаронай, бачаме,
Ин ҳоли сагӣ сахт гаронай, бачаме,
Сахтӣ сари мо аз дигаронай, бачаме,
Тахти сари мо аз дигаронай, бачаме.

Дарди падарат сахт гаронай, бачаме,
Дар дастаи хунинҷигаронай, бачаме.
Эй, ҳуши ту дар симбаронай, бачаме,
Шаб ним шуд, очат нигаронай, бачаме.

Дар косаи мо ду макаронай, бачаме,
Ду донаи наск ҳам дар онай, бачаме,
Ту гӯшт нахӯр, аз дигаронай, бачаме,
Ин панд аз он гӯштхӯронай, бачаме.

Дар косаи мо ду макаронай, бачаме,
Як барги пиёз ҳам дар онай, бачаме,
Аз об кӣ моро нигаронай, бачаме?
Ин ҳавз аз ин шиноваронай, бачаме.

Дар косаи мо ду макаронай, бачаме,
Ҳе, гӯшт барои дигаронай, бачаме,
Ту гӯшт нахӯр, шикамдаронай, бачаме,
Ин панд аз он гӯштхӯронай, бачаме.

Гов аст, касе шикамчаронай, бачаме,
Хуш нест, агар шикам гаронай, бачаме,
Кас гӯшт хӯрад, синадаронай, бачаме,
Бар синадарон гунаҳ гаронай, бачаме.

Аз донахӯрӣ ту мешавӣ бедона,
Бедона чӣ дар хонаи мо мехона?!
Бедона шавӣ агар ту аз донахӯрӣ,
Ин села чӣ мешавад зи бедонахӯрӣ?!

Ин косаи мо косаи даври ману туст,
Бисёр маҳал косаи мо бин, ки пурӯст.
Шаҳкосаи пур аз дигаронай, бачаме,
Мардум ҳама онро нигаронай, бачаме.

Чун чашми хурӯс равғани косаи мост,
Мӯе зи пайи шикастани косаи мост.
Ин як сари мӯ сари ҳамин коса хӯрад,
Ку он, ки ба сар яке аз ин коса хӯрад?!

Мо нахли хазондидаи боғем дигар,
Монанд ба ходаи чароғем дигар.
Ҳо, як сари мӯ монда, ки аз реша канем,
Ту такя ба мо назан, ба рӯят назанем.

Аз ҳол напурсам, ки маро ҳол бад аст,
Чун ин ҳама соли рафта имсол бад аст.
Ин сол, ки меояд, аз имсол бад аст,
Бар ҷони азиз panҷу даҳ сол задаст.

Ин банд чарост бар гулӯ кардани ман?
Бо банд басе бад аст хӯ кардани ман.
Сад ҷон биканӣ агар ту дар бастани ман,
Дастат надиҳад ба банд бишкастани ман.

Бар гардани бастаи ман, эй дӯст, нигар,
Бар дасти шикастаи ман, эй дӯст, нигар.
Бошад чи баланд гардани бастаи ман,
Рад карда ҳама чи дасти бишкастаи ман.

Эй чашмаи ширини бари боғи падар,
Аз сина чаро намебарӣ доғи падар?
Ҳарчанд ҳазорбоғ дорад падарам,
Дар сина ҳазор доғ дорад падарам.

Эй вой, дили падар, дили хуншораш,
Лах-лах шуда чун ҷигар дили хуншораш.
Доғ аст дилаш, ҳазор доғ аст дилаш,
Сӯзанда зи доғ чун чароғ аст дилаш.

Дар сояи давлати падар осоям,
Дидӣ, писарам, ки чун писар осоям?
Ду соя ба сар, эй писари ҷон, дорӣ,
Ду сояи меҳрубон сари ҷон дорӣ.

Дар гӯшаи долони калони падарам,
Як сина пур аз оҳу фиғони падарам.
Долони пури падар, ки холӣ мондаст,
Бо дидаи тар падар хаёлӣ мондаст.

Дар сӯфаи худ нишаста танҳо падарам,
Сӯфӣ шудаву шикаста танҳо падарам.
Танҳо падарам, як сари танҳо падарам,
Хоки раҳи ғам бар сари ман, ҳо падарам.

Долони баланди барҳавои падарам
Гиряд чу дилам дигар барои падарам.
Девору дари палаҒдаи хонаи мо,
Э вой, бияфтад ба сари шонаи мо.

Тасбеҳ ба дасти падарам гардон аст,
Чун ашк ба чашмони тарам гардон аст.
Чун даст барам дигар ба пои варамаш?
Бо пои варам дигар куҷо мебарамаш?

Гаҳ бар дару девори падар менигарам,
Гаҳ бар тани бемори падар менигарам.
Рӯ бар дару девори падар мегирям,
Рӯ бар тани бемори падар мегирям.

Аз хона баромадам, ғамам пешопеш,
Бишкаста падар ба гӯшаи хонаи хеш.
Бобои маро, Худо, нигаҳбон бошӣ,
Дар ҷону дилу дидаи гирён бошӣ.

Аз тир тани додари ман сурху кабуд,
Ҳо, синаи Лолагӣ ҳамон гуна набуд.
Дар синаи додарам бимолам рӯро,
Бо нолаи хоҳарам бинолам ӯро.

Он чист, ки аз дур сафедӣ дорад?
Фарёд, сари гӯр сафедӣ дорад.
Во, бар сари гӯри додарам санги сафед,
Кардаст дили маро сияҳ ранги сафед.

Во, санги сафеди сари хоки додар,
Сад войи дилу синаи чоки додар.
Бар мармари гӯри додарам менигарам,
Пешонии шӯри додарам менигарам.

Ин хок шудаст хонаи додари ман,
Намнок шудаст хонаи додари ман.
Во, пояи гӯри додарам бишкаста,
Чун бозуи зӯри додарам бишкаста.

Як сояи беду шонаи додари ман,
Як санги сафеду шонаи додари ман.
Ҷои писараш ба шонаи додари ман,
Дигар набувад нишонаи додари ман.

Дар хоки хунук модари сисолаи ман
Хоб аст, ба гӯшаш нарасад нолаи ман.
Шуд хонаи хоки модарам як ба замин,
Ашки падарам чакид чак-чак ба замин.

Гуфтам, ки хӯрам об, намонданд маро,
Чун кабки сари чашма рамонданд маро.
Ман кабки сари чашма будам дар Ватанам,
Дар чанги бало задам ахир аз даҳанам.

Дар кӯчаи танг бепулӣ моро баст,
Ин кӯчаи танг солҳо бе об аст.
Ду шонаам аз обкашӣ гарчи шикаст,
Ин оби кашида ташнагиям нашикаст.

Аз шишаи сип-сияҳ ба мардум нигаранд,
Бо рӯю дили сияҳ ба мардум нигаранд,
Бо чашми пур аз гунаҳ ба мардум нигаранд,
Дигар ба чӣ рӯ пагаҳ ба мардум нигаранд?!

Даҳ соли расо шудаст мо мӯҳточем,
Бо гоҷу галу гашта, галуву гоҷем.
Даҳ соли дигар чунин равад бар сари мо,
Бар чарх шавад параш хокистари мо.

Моро ки чунин хонаву дар вайрон аст,
Аз дасти ду-се дастаи сарвайрон аст.
Ин сарзадаҳо ба ҷони мардум задаанд,
Аз дасту даҳан чӣ нони мардум задаанд!

Баркандану бишкастану оташ заданат,
По бар сари мардуми балокаш заданат,
Дар пеши Худои ҷон ҳисобе дорад,
Донӣ, ки чӣ сон оташу обе дорад?

Аз синаи бетоб надорам гила,
Эй чашми тар, аз хоб надорам гила.
Бингар, ки сароб асту сари об marост,
Пешонии шӯру чашми пуроб марост.

Тақдири ту, эй миллати ман, дар сари мӯст,
Тасвири ту дар ашки ман аз ду бари рӯст!
Андешаи борики сари мӯ нашудӣ,
Оҳ, оташи сурхи ду бари рӯ нашудӣ!

Эй, молу пулу пераҳанат як дунё,
Эй, хоки хунук дар даҳанат як дунё!
Тасбеҳ бигардонию пул бишморӣ,
Дар сина туроост сангу дил бишморӣ.

Дар косаи чинии ту мӯ афтодаст,
Кайҳост, ки косаат пурӯ афтодаст.
Эй он, ки ту дар димоғи миллат мӯӣ,
Берӯйию дар димоғи миллат рӯӣ!

Мардум ҳама кушта шуд, магӯ кушта нашуд,
Ку ҷома, ки бо хун ба тане шушта нашуд?
Ку он, ки ба хуну хок оғушта нашуд?
Эй вой, Худо, хотират ошуфта нашуд?

Мардум ҳама кушта шуд, малах кушта нашуд,
Сарсабз ҳам аз дасти малах кишта нашуд.
Рӯзе, ки малах зи Чин бирезад, бигрез,
То хоки ту бар замин бибезад, бигрез!

Эй миллати хобида ҳазору сад сол,
Дар хоб Худо дида ҳазору сад сол.
Гирям зи ғамат вою дареғо гуфта,
Хобат нашавад, вою дареғ, ошуфта.

Дар хоб ту аз хонаи худ бигрезӣ,
Аз хеш чу бегонаи худ бигрезӣ.
Сад бор шудӣ сахт парешон, афсӯс,
Не хоб, ки шуд рахт парешон, афсӯс.

Эй ҷӯра, ту ҳай аз ҳама боло шиштӣ,
Мастона магар баҳри тамошо шиштӣ?
Бедонаву сайду кабку гунҷишк хӯрӣ,
Чун мо чӣ шавад, ки нонаки хушк хӯрӣ?

Дар шишаи ях задем бар тахтаи пушт,
Ӯ кист, ки рӯзгор-ш дар тахта нашушт?
Дар тахтаи барф пушти худ молидем,
Бар лаб бигирифта мушти худ нолидем.

Партофт маро яхи кабуди Ватанам,
Оҳам ба ҳаво рафт чу дуди Ватанам.
Эй дӯст, барои Ватанам месӯзам,
Номи Ватанам дар даҳанам месӯзам.

Фарёд зи дастат, эй зимистони хунук,
Дасте нашикастат, эй зимистони хунук.
Гар хонаи мо гарм шавад, мешиканӣ,
Чун мӯйсафеди дар навад мешиканӣ.

Фарёд, ки устухони мо месӯзад,
Дил сӯхта асту ҷони мо месӯзад,
Дар чарх дигар фиғони мо месӯзад,
Ин хок чӣ? Осмони мо месӯзад!

Сармозадаем, даст бар мо нарасон,
Дастат ба гуле шикаст сармо, нарасон.
Резад гули бишкаста, агар даст расад,
Резад дили бишкаста, агар даст расад.

Дасте нарасон ба мо, ки сармозадаем,
Аз сӯзиши дард сар ба дарё задаем.
Сӯзи дили моро яхи дарё нашикаст,
Аз сӯзи дили мо яхи дарё бишикаст.

Эй дӯст, нигар, зи дасти сармо чунем,
Сад пора ҷигар зи дасти сармо хунем.
Ин рӯзи сиёҳро надонанд сарон,
Ин нолаву оҳро надонанд сарон.

Дар хонаи торику хунук меларзем,
Бо шонаи борику тунук меларзем.
Э вой, Худо, шикастагонро бинигар,
Бар шонаи мо нишастагонро бинигар.

Дар хонаи торику хунук ларзонем,
Бо шонаи борику тунук ларзонем.
Дар шишаи тирезаи яхбастаи мо
Сахт аст хунук сурати бишкастаи мо.

Э вой, Худо, шикастагонро бинигар,
Бар шонаи мо нишастагонро бинигар.
Бар шонаи мо нишастагон меболанд,
Парво зи куҷо шикастагон меноланд?!

Рӯзе, ки бишуд гуреза ҳар сӯ мардум,
Аз тиру камону теғ тарсу мардум,
Ман пеши Худои хеш менолидам,
Марҳам зи куҷо ба реш мемолидам?

Раҳгумзадагон дар шаби тори Ватанем,
Чун дар сари ҷар, дар лаби ғори Ватанем.
Аз дасти шабони мо кӣ дуздид чароғ?
Аз дасти шубони мо кӣ дуздид чароғ?

Яктан ҳама не, нимтанонем ҳама,
Бишкаста бари нимта нонем ҳама.
Эй дӯст, нигар чашми тари нимтанон,
Ҳам тантанаҳоро ба сари нимтанон.

Сар дар ғами ними нон ба ҳар сӯй задем,
Сар дар ғами ними ҷон ба ҳар сӯй задем.
Дур аз падару модару аз ёр ҷудо,
Каждум бигазидаст ҷудо, мор ҷудо.

Мо сарзадаем аз паси як-ду тавариш,
Бишкаст бариш ниҳоли моро ба тариш.
Эй дӯст, агар ки парвариш медидем,
Ин гуна ба чашми тар мурнш медидем?

Моро ҳама мезанаду мо дам назанем,
Одам шуда, чун мушт ба н-одам назанем?
Пеши сагу хар чунин агар дам назанем,
Тарсам, ки якояк ҳама барҳам назанем.

Аз Балху Бухорову Самарқанд магӯ,
Бар канду дилам канду ҷигар канд, магӯ!
Аз сина дилам канду наканд аз инҳо,
Дорад дили ман ҳазор банд аз инҳо!

Мо ҳол надорем, бародар, ҳама сол,
Нодида баҳорем, бародар, ҳама сол.
Бишкаставу афтода канори роҳем,
Мо гум шуда дар чангу ғубори роҳем!

Бо ман макунӣ ҳикоят аз ин шашу даҳ,
Бо ту накунам шикоят аз ин шашу даҳ.
Аз ин шашу даҳ, ҷӯраи ҷон, безорам,
Эй ҷӯраи ҷони ҷони ҷонбезорам!

Бар бодаи мо, дареғ, мерезанд об,
Дору ки бирезанд, ҳамеорад хоб.
Эй дӯст, биёё бар сари мову дарёб
Яксар ҳама масти хоб, ку масти шароб?

Оё ғами мардуми парешон доред?
Танҳо ғами хешу ғами хешон доред!
Сар дар бағали ҳазрати эшон доред,
Гургед ҳама, ҳамла ба мешон доред!

Рӯзе, ки кадуи калаҳоро дидем,
Тарбуз ба бағал бузбалаҳоро дидем,
Якбора фитод аз бағал тарбузи мо,
Садпора шуд аз сумбу сапал тарбузи мо.

Як селаи рӯсиёҳи беҳад пастанд,
Дар гардани мо гуноҳи беҳад бастанд.
Ин селаи саг барои раҳбандияст,
Ин гардани мо баҳри гунаҳбандияст.

Чун чеҳраи ман зарди баранг аст, нигар,
Эй дӯст, магӯ дилам чӣ ранг аст дигар!
Ҳар гаҳ ки ғамам дили маро чанг занад,
Як коса дилам рухи маро ранг занад!

Боре зи дарам намедароӣ, эй дӯст,
Ғамҳои маро намесароӣ, эй дӯст!
Пои ту чаро ба хонаи мо нарасид?
Дасти ту чаро ба шонаи мо нарасид?

Як бор нагуфтиям куҷоӣ, эй дӯст,
Аз хона чаро намебароӣ, эй дӯст?
Аз хона бароям, ба куҷо хоҳам рафт?
Ё сӯи кадом ошно хоҳам рафт?!

Ғам дар дилу дар синаву дар дидаи ман,
Дупора дилу синаву тар дидаи ман.
Ҳо, синаи хуншори маро ту нахарош,
Дил об шуду гирист хун дида барош.

Эй чодари сип-сиёҳ ба тан печида,
Рав, тори сиёҳ ба тан матан печида.
Ту тортанӣ, ки метанӣ тори сиёҳ?
Эй рӯт сиёҳ, ду чашми ту мори сиёҳ!

Эй лола, зи хоки модарам сар задаӣ,
Оҳ, аз дили чоки хоҳарам сар задаӣ.
Чун лолаи сарбарзада аз нолаи ман
Бар хок бигӯ аз ғами чилсолаи ман.

Гуфтам ба ҳазор нола, эй лолаи тар,
Дорам ду ҳазор лола аз лахти ҷигар.
Аз нолаи зор лолазор аст дилам,
Бо нолаву бо лола мазор аст дилам.

Дар хоки хунук модари сисолаи ман
Хоб аст, ба гӯшаш нарасад нолаи ман.
Шуд хонаи хоки модарам як ба замин,
Ашки падарам чакид чак-чак ба замин.

Дар кӯдакиям модари ман аз бари ман
Рафту наравад ғамаш зи чашми тари ман.
Рафт аз бари ман модари ҷонам бари хок,
Хокам ба сари ман асту ман бар сари хок!

Эй дӯст, наёмадӣ чаро тутхӯрӣ?
Хуш нест ҳаме бе ту маро тутхӯрӣ.
Бар тутхӯрӣ ҳавас намондаст маро,
Як ёри азиз бас намондаст маро.

Ду сол шидаст медиҳад талха ғамам,
Ду бол шикаст, медиҳад талха ғамам.
Хӯрдам ғами талху зиндагӣ талх марост,
Дар дил ғами туст, не ғами Балх марост!

Эй косаи оби хунуку эй лаби нон,
Эй аз ҳама ширин, ба Худо, роҳати ҷон!
Эй косаи обу лаби нони бамаза,
Ку он, ки аз ин гуна маза лаб нагаза?!

Мову лаби нону лаби ин оби равон,
Эй ҷӯраи ҷон, биёву бин роҳати ҷон!
Додаст Худои ҷон ҳамин роҳати ҷон,
Ку роҳати ҷони беҳ аз ин роҳати ҷон?!

Мову лаби нону лабаки оби равон,
Ин хуштар аз он ҳар ду лаби гулсанамон.
Обай бамаза, нони дар обай бамаза,
Эй ҷӯраи ширин, шакаробай бамаза.

Имшаб чи шабай, намебарад хоб маро?
Дил об шудаст, мебарад об маро.
Дил об шудаст, даст шӯяд ёрам,
Дар об задаст маст гӯяд ёрам.

Лахти ҷигарам чӣ гуна мерезонӣ,
Савганд хӯрам, нагӯ намерезонӣ.
Лахти ҷигари маро ту мерезонӣ,
Гулро ба замин чаро ту мерезонӣ?

Лахти ҷигари маро ту мерезонӣ,
Олучаи пухтаро ту мерезонӣ.
Лахти дили баччаро ту мерезонӣ,
Тути сари кӯчаро ту мерезонӣ.

Мо даст намезанем дар косаи тар,
Ту аз бари мо бигиру бар косаи тар!
Мо даст ҳамезанем дар косаи сар,
Эй, дар сари сина мон, мабар косаи сар!

Эй ҷону ҷигар, бо ту бишинам хурсанд,
Дар ҷои дигар бе ту нашинам хурсанд!
Тахт аст маро бе ту мисоли тахта,
Санг аст маро бо ту мисоли пахта.

Мепурсамат, эй очаи ҷони бачаҳо,
Савганд ба ҷонаки ҷавони бачаҳо,
Боре бачаҳои ҷон туро мепурсанд?
Ё гашта барои нон туро мепурсанд?!

Рӯ тофт зи ман чаро надонам ёрам,
Як ошиқи бечораи беозорам.
Аз дарду алам намоз хонам ҳама шаб,
Дар ҷону дилам гудоз, хонам ҳама шаб.

Як духтари хушрӯяки хандон будӣ,
Оҳ, оташи ҷони дардмандон будӣ,
Боғи дили як ошиқи хандон будӣ,
Доғи дили сад ошиқи гирён будӣ.

Дар тахта, ки номи ту сафедӣ мекард,
Чун кафтари боми ту сафедӣ мекард.
Ман номи туро навишта будам бо бӯр,
Куштӣ ту маро, накушта будам Бобур!

Эй соқии хушхиром, нозат бисёр,
Кӯтаҳназари мӯи дарозат бисёр.
Кӯтаҳназаронро ба яке мӯй бибанд,
Бо як сари мӯ шаванд аз ҷой баланд.

Эй соқии нозанин, чи хуш менозӣ,
Майрез лабат, маро ба най бинвозӣ.
Ман маст шавам, маст, ба бозӣ-бозӣ,
Сӯи ту барам даст ба бозӣ-бозӣ.

Соқӣ, ба ду соқи нозанин менозӣ,
Бо ҳар ду лаби пурангубин менозӣ,
Бо нози ду чашм оташин менозӣ,
Бо ҳар ду анор беҳ аз ин менозӣ.

Соқӣ ба ду соқи нозанин кушт маро,
Бо нози хуши «бубин-мабин» кушт маро.
Эй рафта ҳушат, гуфт, нигар болора,
Ин гуна набинӣ ту дигар болора.

Ман ошиқи як духтари хушрӯ будам,
Сайёд шудам, аз пайи оҳу будам.
Фарёд, ба ман ғайри ҳаёҳу нарасид,
Фарёди дилам ба гарди оҳу нарасид.

Як номаи ошиқӣ ба дасташ додам,
Як бӯса ба чашми майпарасташ додам.
Бар номаи ошиқӣ ҷавобам нарасид,
Дигар зи хуми чашм шаробам нарасид.

Ангушт ба дар ҳамезадам чак, чак, чак,
Он гуна ба лаб мезадам оҳанги мачак.
Дар во шуду ангушт ба лаб гуфто: тиш,
Гуфтам, ки магӯ кабӯтари худро киш.

Болоназарон дасти ба даст омадаанд,
Аз мастии чашмони ту маст омадаанд.
Маст омадаанду майпараст омадаанд,
Дар пеши баландии ту паст омадаанд.

Оҳ, аз ғами талхи ту бинолам ширин,
Най нола намекунад мисолам ширин.
Ман аз ғами ту байту ғазал менолам,
Меноламу бо ду даст дил мемолам.

Шаб хоб надораме, надорам, ёрам,
Аз чарх ситораат биёрам, ёрам.
Ду дасти ситорачини ман дар шаби ту,
Ҳар ду лаби бӯсачини ман бар лаби ту.

Дар сина ғами ту мечакад чак, чак, чак,
Аз дида ғами ту мечакад чак, чак, чак.
Аз чашми қалам ҳазору сад чак, чак, чак,
Як бор бишӯ ҳазор ғам бо ду мачак.

Оғӯши ту хуштар аз биҳишт аст маро,
Хуш хатти ту хатти сарнавишт аст маро.
Баҳри ту Худои ҷон сириштаст маро,
Мисли ту дигар касе накуштаст маро.

Аз шарфаи пои ту занад гум дили ман,
Аз хандаҳакои ту занад гум дили ман.
Чашмак бизанӣ, гум занад, оҳ, ин дили ман,
Бишнав, ки занад гум-гуми ширин дили ман.

Ту пой занӣ, маро кушӣ пойзанон,
Ту ҳой занӣ, маро кушӣ ҳойзанон.
Ширин бизанӣ нолаю арғушт равӣ,
Сад кушта чу ман ба пешу дар пушт, равӣ.

Дар сояи шаб нишаста будем басе,
Ҳо, бӯса ба лаб шикаста будем басе.
Дар сояи шаб чи ишқ меварзидем,
Дар мижаи гул чу ашк меларзидем.

Бисёри бад, эй ёр, туро ғам додам,
Э вой, надонам, ки чаро ғам додам.
Ғамҳои туро додаи ман бисёранд,
Баргашта ҳамаш бар сари ман меборанд.

Дар кӯчаи танги деҳ мадеҳ роҳ маро,
Оташ бизан аз алам ба як оҳ маро.
Як оҳ бикаш, ки дар бигирам пешат,
Доғат ба дилу ҷигар бимирам пешат.

Пеши ту гуноҳи ман ҳазор аст, ҳазор,
Савганд, ба пеши рӯ мазор аст, мазор.
Савганд ба бӯсаҳои ту мехӯрдам,
Савганд, ба бӯсаҳои ту мемурдам.

Савганд ба бӯсаҳои ту мехӯраме,
Як бӯсаи ту ба ҷони худ мехараме.
Савганд, ба бӯсаҳои ту мемураме,
Армони туро ба хоки тар мебараме.

Аз кӯча гузаштам, ки маро ҳой задӣ,
Гуфтам, ки зи раҳ назан маро, вой, задӣ.
Аз раҳ задию даст ба дастам додӣ,
Бо бӯса даҳан баста, шикастам додӣ.

Хушнози мано, маро ба нозат куштӣ,
Овехта дар мӯи дарозат куштӣ.
Бо куштаи овехта мегаштӣ маст,
Ҳо, хуни маро рехта мегаштӣ маст.

Рафтӣ ту ба нозу рӯи роҳам куштӣ,
Эй пур зи гунаҳ, чи бегуноҳам куштӣ.
Як чакраи об дар даҳонам бичакон,
Ашке на зи ашки чак-чаконам бичакон.

Оҳ, об ҳамекашидӣ аз хонаи мо,
Кош, об намекашидӣ аз хонаи мо.
Мерафтию меомадие кушта маро,
Гаҳ чашмакие мезадие кушта маро.

Чашмам, ки туро дид, даҳан канд маро,
Як бӯса надодие даҳанбанд маро.
Як бӯса даҳанбанд ба мо медодӣ,
Баргашта Самарқанд ба мо медодӣ.

Овози туро шунидаму шод шудам,
Гуфтӣ касалам, беҳушу беёд шудам.
Обе ба рухам заданд, ҳушёр шудам,
Бемор туро дидаму бемор шудам.

Дар синаи ту агар ки дил мечӯшад,
Дар синаи мо байту ғазал мечӯшад.
Эй, гар дили ту байту ғазал менӯшид,
Дар синаи ту ширу асал мечӯшид.

Эй сурати ту дар танаи деворам,
Боз ою нигар бар танаи деворам.
Аз сурати ту пур аст девори дилам,
Хандон туиву тар аст девори дилам.

Ҳар сӯ нигарам, рӯи туро мебинам,
Бо чашми тарам рӯи туро мебинам.
Эй сурати ту дар танаи деворам,
Пур аз алами ту синаи беморам.

Аз ашки алам нишаст девори дилам,
Сар дар бағалам, шикаст бемори дилам.
Девори нишастаро кӣ мебардорад?
Бемори шикастаро кӣ мебардорад?

Мардум пайи кору бори худ саргардон,
Сайёд пайи шикори худ саргардон.
Ман аз пайи киву кӣ равон аз пайи мо?
Дунё ҳама нолаву фиғон аз найи мо.

Мардум пайи рӯзгори худ саргардон,
Мо аз пайи як нигори худ саргардон.
Мо кор надорем ба мардум, ба Худо,
Моему Худову ёри аз ёр ҷудо.

Роҳи ғаму нолаву фиғон аз найи мо,
Захмӣ дилу ашку хун равон аз пайи мо.
Ку ёру бародаре бинолад бари мо,
Ку модару хоҳаре бимолад сари мо?

Ту хирмани гул будию мо булбули маст,
Гуфтӣ ба сари мо бисаро, булбули маст.
Мастона канори ту ки сад нола задем,
Дар барг наво ба хуни сад лола задем.

Ҳо, рафтаву баргашта нигоҳам кардӣ,
Як бори дигар кушта нигоҳам кардӣ.
Куштӣ ба хушиву хоки роҳам кардӣ,
Ҳай дар ҳама ҷо рафта сиёҳам кардӣ!

Эй ёр, ба рӯи раҳ маро кушта марав,
Эй рӯяки ту сияҳ, маро кушта марав!
Дар хуни дилам ду даст оғушта марав,
Дар хуни қалам ду даст оғушта марав!

Куштӣ, ҳа, маро, ягона куштӣ, ҳа, маро,
Ҳо кушта маро, чаро накуштӣ ҳамаро?
Ҳо, куштаю бигзашта зи рӯям рафтӣ,
Теғат накашида аз гулӯям рафтӣ.

Эй зан, зани нозанин, маро теғ назан,
Додаст Худо чунин чаро теғ ба зан?
Аввал ба яке канор ҷеғам ту бизан,
Як бӯса занам, ҳазор теғам ту бизан!

Сармаст азизи нозанин аст маро,
Кардаст азизи нозанин маст маро.
Маст асту бибастаст маро бо мастӣ,
Бастасту шикастаст маро бо мастӣ.

Гардонд яке нигори хушрӯ дастам,
Гуфтам бинигар, зи ёри хушрӯ мастам.
Ман мастаму ёри ман бибастаст маро,
Дидӣ, ки шикори ман шикастаст маро?

Эй зан, ту мазан маро зи раҳ, метарсам,
Аз мастии ду чашми сияҳ метарсам.
Як маст балои ҷони сад девонаст,
Девона яке манам, туро ҳаст ду маст.

Дар дасти занони роҳзан гар бизанӣ,
Як сар ба замин, ду даст бар сар бизанӣ.
Аз дастзаниву сарзанӣ судат нест,
Теғе ба дилу ҷигар занӣ, судат нест.

Аз пушти занон агар чунин мегаштем,
Кайҳо, ба Худо, хоки замин мегаштем.
Аз рӯи замин, ки бар ҳаво мерафтем,
Бар чашми тари ситораҳо мерафтем.

Ин ёри азиз мекунад ҷанг маро,
Ин ёри азиз мекунад ранг маро.
Дар пеши азизи худ шавам сурху сафед,
Эй рӯсияҳон, дигар сиёҳам накунед.

Эй ҷон, дили ман барои ту месӯзад,
Аз нолаву гиряҳои ту месӯзад,
Чун ашк ба чашмҳои ту месӯзад,
Мерезаду пеши пои ту месӯзад.

Бигзор ҳазор гиряи зори маро,
Бигзор ба ман ҳазор озори маро.

Бигзор маро ту бо Худои ҷонам,
Гирям ба Худои ҷон барои ҷонам.

Бигзор, дилам об шавад аз ғами ту,
Чашмам на дигар хоб равад аз ғами ту!
Бигзор, ғами туро ба гӯрам бибарам,
Чун тӯшаи роҳи дури дурам бибарам!

Хушрӯст лабат, гар нагазам, ҳай безеб,
Аз тобу табат гар напазам, ҳай безеб.
Безеб, агар туро нагирам ба канор,
Безеб, агар туро намирам ба канор.

Абрӯи туро қалам кашидам хушрӯ,
Дар чашми ту сурма ҳам кашидам хушрӯ.
Пероҳани ту, ҳай, накашидам, безеб,
Аз чашми сияҳ май начашидам, безеб.

Эй, сурати ту чунин кашидам хушрӯ,
Нозат ҳама нозанин, кашидам хушрӯ,
Пероҳани хушрӯт кашам ё накашам?
Бӯят кашаму бӯт кашам ё накашам?

Дар синаи ман дарду алам бисёр аст,
Эй, гуфтании ману қалам бисёр аст.
Дар сина задаст теғ, беҳис ёр аст,
Дил гашта ду ҳис, дареғ, беҳис ёр аст.

Мо баччаи беочаи бечора будем,
Рӯ сӯи Худо ба гиряву зора будем.
Ду пора ба рӯи дасти ғам як дили мо,
Фарёдзанон зи дасти ғам як дили мо.

Дар синаи мо ҳазор дарду алам аст,
Як ёр нагӯяд аз чи чашмат банам аст?
Ку модари ҷон, ки гӯяд ин ғам чӣ ғам аст?
Гӯям, ки ба дил чӣ доғу дарду алам аст.

# ДИЛАМ ХУН ШУД

Дилам хун шуд, дилам хун шуд, бародар,
Дилам аз сина берун шуд, бародар.
Нигар, хун шуд, нигар, хун шуд дили ман,
Ҷигархун шуд, ҷигархун шуд дили ман.

Дилам аз дасти ту бишкаст, эй дӯст,
Дилам шуд масти ту, бишкаст, эй дӯст.
Дили бишкаста рӯи дастам, эй вой,
Ба ашкам шуста рӯи дастаме, вой!

Ҳама якҷову ту танҳо нишастӣ,
Дар ин таҳ мову ту боло нишастӣ.
Биё, бо мо бишин, ё гӯ биёед,
Дар он боло чаро бе мо нишастӣ?

Худои меҳрубон, моро нигаҳ дор,
Нигаҳ моро зи шабҳои сияҳ дор.
Сияҳрӯз аст мардум, вой, сад вой,
Сияҳрӯзӣ ба ҷони мо бизад, вой.

Худоё, чораи бечораҳо соз,
Аз ин гарданкаҷӣ моро раҳо соз.
Худоё, сарфарозони Ватан ку?
Диловар – дилнавозони Ватан ку?

Ало духтар, шуморо ёр гаштем,
Дар ин шаҳри шумо бекор гаштем.
Дар ин шаҳри шумо бекор бисёр,
Зи неши морҳо бемор бисёр.

Худои ҷон, яке аз дар дарой,
Ғаму дарди маро бар сар сарой.
Ба боғи дил, ба чашми тар дарой,
Санавбарвор хуш дар бар барой.

Ду чашми ман ба роҳат мезанад об,
Хумории нигоҳат мезанад об.
Ду чашмам канд, вой аз роҳпой,
Худои ҷон, яке аз дар дарой.

Ҷудой, во ҷудой, во ҷудой,
Ҷудой ҷони моро мерубой.
Ғазалҳои ҷудой нола кардем,
Китоб аз дарди чандинсола кардем.

Туро дидам, бирафт оби даҳонам,
Бирафт аз хотирам рози ниҳонам.
Бароят дораме шеъри баҷой,
Биё, хонам туро, ту дар куҷой?

Бубин ҳангомаи таблакзаниро,
Сару китфакзанӣ, чак-чакзаниро,
Бубин бар сарзании дастҳоро,
Бубин соғарзании мастҳоро.

Ба шӯхӣ сина пар-пар мезанад хуш,
Мисоли кабку кафтар мезанад хуш.
Раҳо аз дом гардад кабки сина,
Ба дасте ром гардад кабки сина.

Биё, то шоирӣ бадном созем,
Биё, то шеър беилҳом созем.
Касе сӯзад, суханро пухта созад,
Чу мо хомем, хомохом созем.

Биё, бар хонаи мардум дароем,
Биё, бар шонаи мардум бароем.
Ба мастӣ бар сари мардум сароем,
Чӣ парвое, ки дар мотамсароем?!

Биё, дар чашми мардум хок пошем,
Намак дар синаҳои чок пошем.
Ба мастиҳо басе хунаш бинӯшем,
Аз он чашмони гирюнаш бинӯшем.

Биё, хезем бар помоли мардум,
Барем аз нав ба яғмо моли мардум.
Биё, аз хонаи тангаш биронем,
Таги хоку сари сангаш биронем.

Биёву моли мардумро рубоем,
Ҳама донанд гургони дупоем.
Ҷаҳоне чун бузургонро шиносад,
Ҷаҳоне, мон, ки гургонро шиносад.

Биё, дар хонаи мардум дароем,
Биё, бар шонаи мардум бароем.
Нагӯ аз хонаи мардум бароем,
Нагӯ аз шонаи мардум фароем.

Биё, по бар сари мардум бимонем,
Ки давре дар сари мардум биронем.
Ба ҷое пат кашем ин остонро,
Ба бинӣ хат кашем ин осмонро.

Биё, по бар дари мардум бикӯбем,
Биё, по дар сари мардум бикӯбем.
Бикӯбемаш, ки дигар барнахезад,
Бимонаш, рӯзи маҳшар барнахезад.

Басе дар хонаи мардум нишастем,
Басе бар шонаи мардум нишастем.
Бубин, дар хонаи мардум чӣ мастем,
Бубин, бар шонаи мардум чӣ пастем.

Агар як ними мо тарёкзан шуд,
Дареғо, ними дигар хокзан шуд.
Дареғи хоки поки ин Ватан гӯ,
Мабодо тӯдаҳои хокзан гӯ.

Биё, дасти вазиронро бибӯсем,
Ки мо олӯсакони чоплӯсем.
Биё, бар кафшҳошон рӯ бимолем,
Ба ҳарфи пучашон ҳу-ҳу биболем.

Раисонро, биё, бар сар нишонем,
Биё, дар пеши пошон сар фишонем.
Биё, дасти раисонро бигирем,
Раисонро ба пеши по бимирем.

Биё, аз ошноён рӯ битобем,
Бимон, дар дидаҳо берӯ битобем.
Бимон, моро дигар берӯ шиносанд,
Бимон, аз Куба ё Перу шиносанд.

Биё, созем лой ин обҳоро,
Ки бинӣ хоб ширин обҳоро.
Нишинем он гаҳу моҳӣ бигирем,
Ба ҳар тарзе ки мехоҳӣ, бигирем.

Дар ин оташ биё равған бирезем,
Аланга гирад ону мо гурезем.
Ба кӯдакҳо камонро дод бояд,
Ки ҷони сахти мардум бар лаб ояд.

На як ҳезум, на равған, не чароғ аст,
Ҳар он чизе, ки месӯзем, доғ аст.
Тару тева таги борону барфем,
Ба ранги рафта ранги кӯҳна ҳарфем...

Мапурс, эй дӯст, ой хонаи ман,
Аз ин як пора ях бар шонаи ман.
Агар дар хонаам ҷои ту холист,
Чароғу оташу ошам хаёлист.

Биёвард ошное як чароғам,
Бигуфто: – мехурӣ, инак, чаро ғам?
Намебинад варо ҳаври даҳан кушт,
Намаксанг аст ях бар тахтаи пушт.

Ҳамин кох аст ҷои картабозӣ,
Зани масташ кунад бе курта бозӣ.
Фитода сар ба сар тарёкиёнанд,
Хурӯсон мурда, дигар мокиёнанд.

Ҳама парвардаи оши наҳорем,
Басе хӯкардаи оши наҳорем.
Ба ҷуз дарди шикам дарде надорем,
Ба ҷуз марди шикам марде надорем.

Табибе теғи худро об дода,
Ба равған мӯйлабро тоб дода,
Яке бемор дорад ранги мурда,
Гуҳар мехоҳад ӯ аз санги гурда.

Аз ин водӣ азизон рахт бастанд,
Гулоб аз дида резон рахт бастанд.
Биё, мо ҳам аз ин водӣ гурезем,
Зи вайронӣ ба ободӣ гурезем.

Дарахтонро, ки кал карданд аксар,
Биё мо барканем аз реша яксар.
Бараҳна сарзамини хеш созем,
Замини нозанини хеш созем.

Гадоёнро биё аз дар биронем,
Агар ҳастанд мушти пар, биронем.
Биронем аз дару номе барорем,
Чу шохе бар сари боме барорем.

Агар курсӣ, агар минбар надорӣ,
Агар хешӣ ба як занғар надорӣ,
Азизам, дар Ватан хорӣ, ту хорӣ,
Ту хорӣ, мисли ман хорӣ, ту хорӣ.

Ту донӣ, тоҷики бебок моем,
Ба якдигаркушӣ чолок моем.
Баровардем аз хотир Худоро,
Худовандо, намебахшӣ ту моро.

Гирифтандо алови чашми моро,
Баровcovered

Дар он оташ, Худои ҷон, бисӯзанд,
Чу мо бо дидаи гирён бисӯзанд.

## М У Н Д А Р И Ҷ А

Дарахти Ватан........................3
Диловез ................................33
Нозанин..............................117
Нозанинтар.........................140
Арғувон ..............................153
Кабки сари чашма .............163
Дилам хун шуд...................186

**Сайёд Ғаффор**

**ДАРАХТИ ВАТАН**
*(маҷмӯаи ашъор)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 08.09.2010 супорида шуд.
Чопаш 14.09.2010 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 6,0.
Андозаи 84x108 1/32. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17а